Истиқлол барои мардуми шарафманди тоҷик имконият фароҳам овард, ки ихтиёри давлатдориро ба дасти худ гирифта, ба сӯйи зиндагии осуда, эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳи васеъ кушоянд.

Эмомалӣ РАҲМОН

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Раҳим САИДЗОДА-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Анвар САФАРЗОДА-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
Ҳомид ҲОШИМЗОДА-муовини якуми вазири маориф ва илм
Равшан КАРИМЗОДА-муовини вазири маориф ва илм
Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА-муовини вазири маориф ва илм
Муҳаммадтоир САИДЗОДА-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Фарҳод РАҲИМӢ-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА-президенти АМИТ
Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Зулҳия НОЗАКЗОДА-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
Баҳром ИСМОИЛЗОДА-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
Зиёдулло АБДУЛЗОДА-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ-сардори раёсати маорифи ВМКБ
Шавкат КАРИМЗОДА-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

САРМУҲАРРИР
НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ

ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
Дилором ЗАБИРОВА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ-номзади илмҳои педагогӣ

Саида НАБИЗОДА-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

Шодӣ РАҶАБЗОД-муҳаррири бахши филологӣ

Мамадҷон МАҲКАМОВ-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО

Маорифи Тоҷикистон

Нишонӣ: 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

Телефон: +992-37-225-82-23

E-mail: majallai-maorif@maorif.tj

Индекс: 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 7545 нусха.

СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

№9

№9 (257), 2026

М У Н Д А Р И Ҷ А

РАҲНАМО

Истиқлол – рамзи олии озодӣ, нишонаи возеҳи соҳибихтиёрӣ ва ҳастии миллати ориёитабори тоҷик, мояи ифтихору сарбаландӣ ва рукни бунёдии давлатдории муосири тоҷикон.....3

Сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон – сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат.....12

МАОРИФ - ОЯНДАИ МИЛЛАТ

Дониш хуршеди оламорост.....19

ИСТИҚЛОЛ ВА МАКТАБИ МУОСИР

Ш. АСОМИДДИНЗОДА. Маориф – сармояи миллат ва кафили фардои давлат.....21

ХЕШТАНШИНОСӢ

Ф. ХОҶАЗОДА. Рисолати ватандорӣ.....26

ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

Н. ОХУНЗОДА. Қадри зар заргар бидонад.....30

ИҚТИСОД ВА ИННОВАТСИЯ

Т. МИРЗОЕВ. Рақамикунонӣ: марҳалаи нав дар даврони истиқлол.....34

БА ИСТИҚБОЛИ 115-СОЛАГИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Н. НУРЗОДА. Нависандаи миллӣ ва масъулияти эҳёи хотираи таърихӣ.....37

ЗАБОНОМӮЗӢ ВА ҶАҲОНИ МУОСИР

Т. МАМАРАСУЛОВА. Марҳалаҳои рушди омӯзиши забони англисӣ.....41

ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ

М. ШАРИПОВ. «Khitoyomuz» – василаи инноватсионии омӯзиши забони чинӣ.....44

ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ

М. РАҲИМОВА. Аз Истиқлол то рушди устувор.....49

СИТОИШ

Ҷ. ИМАТШОЕВ. Ба Истиқлоли меҳан саҷда орам.....52

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

А. ХОЛМУРОДЗОДА. Моҳияти химиявии рангҳо ва таъсири он ба шуури инсон.....55

ФАРҲАНГИ ИЛМӢ ВА ЗАБОН

З. КОТЛОБАЕВ, Ш. ЗАБИРОВ. Луғатомӯзӣ дар дарси геометрия.....61

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Ҳ. ҲОМИДЗОДА. Муаммои «Истиқлолият».....64

ИСТИҚЛОЛ – РАМЗИ ОЛИИ ОЗОДӢ, НИШОНАИ ВОЗЕҲИ СОҲИБИХТИЁРӢ ВА ҲАСТИИ МИЛЛАТИ ОРИЁИТАБОРИ ТОҶИК, МОЯИ ИФТИХОРУ САРБАЛАНДӢ ВА РУКНИ БУНЁДИИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИРИ ТОҶИКОН

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

08.09.2026, шаҳри Душанбе



Ҳамватанони азиз!
Ҳозирини гиромӣ!

Имрӯз мо – мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ҷашни муқаддасу сарнавиштсоз – 35-солагии Истиқлоли давлатии худро дар фазои сулҳу оромии сартосарӣ, суботи комили сиёсӣ, ваҳдати пойдори миллӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвари маҳбубамон таҷлил мекунем. Бо ифтихору сарфарозӣ кулли мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамватанону ҳамзабонони бурунмарзиамонро ба муносибати ин санаи бузурги таърихӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат саломативу хушбахтӣ ва осоишу оромӣ орзу менамоям.

Истиқлол барои ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳу худшинос рамзи олии озодӣ, нишонаи возеҳи соҳибихтиёрӣ ва ҳастии миллати ориёитабори тоҷик, мояи ифтихору сарбаландӣ ва рукни бунёдии давлатдории муосири тоҷикон мебошад. Ин рӯйдоди бузург барои мо пайғоми

адолати таърихӣ, эҳёи анъанаҳои бостонии давлатдорӣ ва оғози бунёди давлати навини миллӣ маҳсуб мешавад. Сию панҷ соли соҳибистиқлолӣ возеҳан собит сохт, ки тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз дорои хираду азалӣ, иродаи матин ва неруи бузурги созанда мебошанд.

Дар хотираи таърихии миллати тоҷик солҳои нахустини давлатдории навин ҳамчун давраи ниҳоят душвор ва пуртазод нақш бастаанд. Дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта кишвари мо ба буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ ва гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, хатари нобудии давлат ва пароканда шудани миллат ба воқеияти талхи он рӯзҳо табдил ёфта буд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки қариб панҷ сол идома пайдо кард, боиси ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар фарзандони ин Ватан гардид, садҳо ҳазор шаҳрвандони моро аз хонаву дар маҳрум сохта, ба гурезаҳои иҷборӣ табдил дод ва рушди Тоҷикистонро барои солҳои тӯлонӣ ба таъхир андохт.

Дар он айём садҳо ҳазор нафар мутахассисони беҳтарин кишварро тарк намуданд. Ин ҷангро бадхоҳони миллати тоҷик дар заминаи манфиатҳои ғаразноки худ ва бо истифода аз афроди ноогоҳу ғофили ҷомеа бар сари миллати мо таҳмил намуданд, ки пайомадҳои он ба раванди давлатсозӣ ва рушди кишвар таъсири зарбаи ҷонхоҳ расонид.Маҳз дар чунин вазъи ниҳоят ҳассосу сарнавиштсоз, ки масъалаи ояндаи миллати тоҷик ва бақои давлати тоҷикон дар миён буд, моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ баргузор гардид. Зеро дар он рӯзҳо пойтахти давлати тозаистиқлоли мо ба майдони мухолифати шадиди мусаллаҳона табдил ёфта, Конститутсия ва қонунҳо зери по шуда буданд ва ҳеҷ кас амнияти вакилони мардумиро кафолат дода наметавонист.

Ин рӯйдоди таърихӣ, яъне Иҷлосияи 16-ум барои кишвари дар вартаи нобудӣ қарордоштаи мо нуқтаи гардиши сарнавишт ва оғози бунёди давлати нави миллӣ гардид. Санаду қарорҳои дар раванди иҷлосия қабулшуда заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсии барқарорсозӣ ва рушди давлатдории навини тоҷиконро фароҳам оварда, роҳи минбаъдаи пешрафти кишварро муайян намуданд.

Ман ҳамчун Раиси навинтихобшудаи Шурои Олӣ ва Сарвари давлат санаи 12-уми декабри соли 1992 ба мардуми шарифи Тоҷикистон расман муроҷиат карда, таъкид намудам, ки сиёсати мо бояд ба самти бунёди давлати нав, яъне, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шавад. Вақт исбот намуд, ки интихоби чунин низоми давлатдорӣ беҳтарин шакли идоракунӣ буда, самараи онро мо дар тӯли зиёда аз се даҳсола ба хубӣ эҳсос намудем. Вале хотиррасон месозам, ки дар он рӯзҳои ниҳоят мураккабу ҳассоси ибтидои солҳои 90-ум баъзеҳо дар фикри бунёди давлати коммунистӣ, яъне нигоҳ доштани сохти давлатдории пешина ва баъзеҳо дар пайи сохтани давлати исломӣ буданд.

Ман дар он рӯзҳои барои кишварамон сарнавиштсоз изҳор дошта будам, ки куҳандиёри мо – Тоҷикистони азиз – бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро ёбад ва барои ин, пеш аз ҳама, сулҳу осоиш зарур аст. Қасам ёд карда будам, ки ман ҳастии худро ба ин миллату ин Ватан мебахшам, ба шумо сулҳ меорам, тамоми донишу таҷрибаамро барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сулҳу субот дар кишвар ва амну осоиш дар ҳар як хонадон равона карда, барои пешрафту ободии Ватани азизам содиқона хизмат мекунам, зеро ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар доштам.

Имрӯз бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорам, ки бо такя ба хираду миллӣ ва дастгирии бевоситаи мардуми шарифи Тоҷикистон мо аз имтиҳони сахту сангини тақдир бо эҳсоси баланди масъулият дар назди таърих ва ояндаи халқамон гузаштем.

Як муваффақияти бузурги мо дар он айёми фоҷиабор ин аст, ки оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш кардем, беш аз як миллион нафар ҳамватани ба кишварҳои гуногун парешонгардидаро ба Ватан баргардонидем ва ваҳдати миллиро таъмин намудем. Ин таҷриба аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун падидаи нодири сулҳофарӣ эътироф гардида, имрӯз низ таҷассуми иродаи қавӣ, масъулияти баланди миллӣ ва ваҳдати мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Яъне мо тавонистем, ки сарҷамъу муттаҳид шавем ва даст ба дасти ҳам дода, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро дар кишварамон барқарор созем! Давлати ҷавони тоҷиконро аз гирдоби нобудӣ ва миллати тоҷикро аз хатари пароканда наҷот бахшем! Асосҳои устувори пешрафти давлат ва рушди ҷомеаро поягузорӣ намоем! Ва ба ҷаҳониён исбот кунем, ки миллати тоҷик қодир аст бо ақлу хирад ва сабру таҳаммул сарнавишти худро мустақилона муайян созад.

Имрӯз шукрона мекунам, ки ба шумо – мардуми азизу заҳматкаринам – такя кардам, шумо сиёсати пешгирифтаи маро пуштибонӣ кардед ва мову шумо, бо вуҷуди тамоми мушкилоти вазнини он замон, ба ин рӯзи босаодат расидем!

Ҳозирини арҷманд!

Тамоми дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ ва пешрафти устувори Тоҷикистон аз Истиқлоли давлатӣ ва Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ сарчашма мегиранд. Маҳз дар ҳамин иҷлосия нахустин рамзи давлатдории тоҷикон – Парчами миллӣ қабул гардида, замина барои таҳия ва тасдиқи дигар рамзҳои давлатӣ ва муҳимтар аз ҳама, Конститутсияи Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сохторҳои идоракунии давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурра фалаҷ гардида буданд. Бинобар ин, яке аз масъалаҳои муҳимтарину сарнавиштсози он айём барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъсиси сохторҳои низомӣ ва таъмин намудани волоияти қонун буд. Зеро риояи дақиқи қонун, баробарии ҳама дар назди он ва масъулияти шаҳрвандӣ на танҳо заминаи сулҳу оромӣ ва тартибу низом дар ҷомеа, балки асоси давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

Соҳибистиқлолӣ тақозо менамуд, ки дар кишвар ислоҳоти бунёдии конститутсионӣ амалӣ карда, санади олии ҳуқуқие қабул гардад, ки дар он ҳадафу ормонҳои миллӣ, асосҳои давлатдорӣ ва низоми сиёсии мамлакат муайян карда шаванд. Шашуми ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид. Дар миёни собиқ ҷумҳуриҳои Шуравӣ Тоҷикистон яке аз нахустин кишварҳое буд, ки Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худро бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуд. Ин санади сарнавиштсоз пояҳои давлатдории муосир, муқаддасоту арзишҳои миллӣ ва самтҳои асосии рушди Тоҷикистонро муайян намуда, барои ташаккули сохтори мукаммали идораи давлатӣ заминаи устувори ҳуқуқиро фароҳам овард.

Дар баробари таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии давлатдорӣ, барои мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ масъалаи ҳифзи истиқлол, амнияти миллӣ ва тамомияти арзии кишвар аҳаммияти сарнавиштсоз дошт. Бинобар ин, мо Қувваҳои Мусаллаҳ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро, ки аз ҷумлаи аркони бунёдии давлатдорӣ мебошанд, дар шароити бисёр мураккаб ва амалан аз сифр таъсису ташаккул додем. Ин иқдоми тақдирсоз барои ҳифзи соҳибистиқлолӣ, тамомияти арзии кишвар, таъмин намудани амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа заминаи боэътимод гузошт. Ҳоло Қувваҳои Мусаллаҳи мо, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун сипари боэътимоди давлату миллат вазифаи муқаддаси худро бо масъулияти баланд иҷро намуда, ҳифзи марзу бум, истиқлолу озодӣ, амнияти миллӣ ва зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистонро таъмин карда истодаанд.

Ҳамватанони азиз!

Мехоҳам боз як лаҳзаи ҳассосро хотиррасон созам: Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароите арзи вуҷуд намуд, ки иқтисодиёту истеҳсолот ба бухрони амиқ гирифтор гардида, зиндагии мардум дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошт. Дар чор – панҷ соли аввали соҳибистиқлолӣ мардуми кишвар на маошу нафақа, балки танҳо нон мепурсиданд ва дар фикри зинда мондан буданд. Бо вуҷуди ҳамаи мушкилоту маҳрумиятҳои он давра, мо дар як муддати кӯтоҳ кишварро ба роҳи пешрафту созандагӣ баровардем. Иқдомоти амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар он шароити мураккаб имкон доданд, ки кишвар аз оғози даҳаи дуюми соҳибистиқлолӣ ба роҳи пешрафти устувор қадам гузорад.

Ҳанӯз дар марҳалаи аввали давлатдории навин мо гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва бунёди иқтисоди рақобатнокро ҳамчун шарти муҳимми рушди иқтисодӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ муайян намудем. Дар ин замина, низоми идоракунии давлатӣ такмил дода, дигаргунсозиҳои сохторӣ амалӣ карда шуданд ва барои шаклҳои гуногуни моликият, рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин раванд, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат ҳамчун ҳадафҳои стратегии миллӣ муайян гардиданд. Дар 25 соли охир, яъне, баъд аз бартараф кардани ҳисороти ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ рушди миёнаи солонаи иқтисоди миллӣ беш аз 7,7 фоизро ташкил дода, ҳоло Тоҷикистон дар сафи кишварҳои босуръат тараққикунанда қарор гирифтааст. Маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000 ба 177 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расида, қариб 100 баробар афзоиш ёфт. Даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000 ба 65 миллиард сомонӣ дар соли 2026 расида, беш аз 250 баробар зиёд гардид.

Муҳимтар аз ҳама, имкониятҳои молиявии бадастомада ба рушди неруи инсонӣ, аз ҷумла, маорифу тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум равона карда шуданд. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби

буҷети давлатӣ зиёда аз 205 миллиард сомониро ташкил намуд. Аз ҷумла дар 25 соли охир ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф 329 баробар, тандурустӣ 300 ва бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ беш аз 260 баробар афзоиш ёфт.

Дар ҳамин давра музди миёнаи меҳнат 178 баробар ва нафақа 126 баробар зиёд гардида, имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ ба таври назаррас беҳтар шуданд. Дар ин муддат барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ зиёда аз 4 миллиону 300 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Даромади аҳолӣ ба 165 миллиард сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2000-ум 165 баробар афзоиш ёфт. Ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкӣ ба 38 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба соли 2000-ум 410 баробар зиёд шуд. Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоиз то 19 фоиз коҳиш ёфта, нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ ба 77 сол расид, яъне ҳафт сол бештар гардид. Шумораи аҳолии кишвар ду баробар афзоиш ёфт ва то охири соли ҷорӣ ба 11 миллион нафар мерасад.

Тавассути ба муомилот баровардани пули миллии сомонӣ ва ташаккули низоми муосири молиявию бонкӣ устувории молиявии кишвар таъмин карда шуд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ва имкониятҳои сармоягузорӣ ба таври бесобиқа афзоиш ёфта, барои рушди соҳибкорӣ ва истеҳсолоти миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда. Дар 25 соли охир барои дастгирии иқтисоди миллӣ зиёда аз 214 миллиард сомонӣ қарз ҷудо гардид. Ин дастовардҳо бори дигар собит месозанд, ки бахши молиявӣ ба яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст.

Чанде пеш агентии бонуфузи ҷаҳонии «Эс Пи Глобал Рейтингс» рейтинги қарзии Тоҷикистонро аз сатҳи «Би» ба «Би плюс» баланд бардошта, дурнамои онро «устувор» арзёбӣ намуд, ки ин яке аз далелҳои эътирофи байналмилалии дастовардҳои мо мебошад. Дар айни замон, ин эътирофи рушди босуботи иқтисоди кишвар, афзоиши даромади аҳолӣ, устувории пули миллӣ ва боло рафтани эътимоди байналмилалӣ ба иқтисоди миллии мо ба ҳисоб меравад.

Таъмин гардидани устувории макроиқтисодӣ ва муҳити мусоиди сармоягузорӣ имкон дод, ки дар 25 соли охир ба иқтисоди кишвар 760 миллиард сомонӣ сармоя, аз ҷумла, 337 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона карда шавад. Ин маблағҳо барои амалисозии ҳазорҳо лоиҳаи рушди зерсохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, аз ҷумла роҳу нақлиёт, энергетика, маорифу тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим равона гардиданд.

Дар ин давра бахши хусусӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфта, ҳоло беш аз 70 фоизи ҷойҳои кориро таъмин карда истодааст. Соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатпешаи мамлакат дар корҳои ободониву созандагӣ саҳми арзишманд гузошта, ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар бунёду навсозии зиёда аз 36 ҳазор иншооти ҷашнӣ фаъолона иштирок намуданд. Ба ифтихори ин ҷашни бузург аз ҷониби онҳо беш аз 1200 корхонаву коргоҳи саноатӣ, зиёда аз 3100 иншооти соҳаи маориф, 1050 иншооти тандурустӣ, 960 майдончаи варзиш ва 2275 иншооти хизматрасонӣ бунёд ва ба истифода дода шуд. Илова бар ин, бо саҳми онҳо 10 ҳазору 170 километр роҳҳои маҳаллӣ азнавсозӣ гардида, 273 пул бунёд ва ба истифода дода шуд.

Умуман дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби соҳибкорону шахсони саховатпешаи кишвар зиёда аз 3300 корхонаву коргоҳи саноатӣ, беш аз 4300 иншооти соҳаи маориф, 2200 иншооти тандурустӣ, 2080 майдончаи варзиш ва 5100 иншооти хизматрасонӣ бунёду навсозӣ ва ба истифода дода шудааст.

Бо саҳми онҳо 15 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ азнавсозӣ, 734 пул бунёд гардидааст.

Бо истифода аз фурсат, ба кулли шаҳрвандони кишвар, соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпеша барои саҳми арзандаашон дар ободонии Ватани азизамон миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Ҳозирини арҷманд!

Татбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръат ба рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшида, онро ба яке аз соҳаҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ табдил дод. Агар соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта бошад, ҳоло шумораи онҳо аз 4 ҳазор гузашта, беш аз 11 баробар зиёд гардидааст. То охири сол дар кишвар таъсиси боз 500 корхонаву коргоҳи саноатӣ пешбинӣ шудааст. Дар 25 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 4,1 миллиард сомонии соли 2000 ба 66,4 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расида, 16 баробар афзоиш ёфт. Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 85 номгӯйи маҳсулоти саноатӣ истеҳсол мешуд. Ҳоло ин нишондиҳанда аз 1400 гузашта, беш аз 16 баробар зиёд гардидааст.

Дар баробари рушди бомароми соҳаҳои истихроҷу коркарди маъдан, металлургия, мошинсозӣ, кимиё, хӯрокворӣ, саноати сабук ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон як қатор самтҳои нави истеҳсолӣ низ ташаккул ёфтанд. Аз ҷумла, истеҳсоли консентрати сурб, руҳ, сурма ва мис, металлҳои алоҳида, доруворӣ, техникаи кишоварзӣ, воситаҳои нақлиёт, техникаи маишӣ,

маҳсулоти кабелӣ ва масолеҳи нави сохтмон ба роҳ монда шуд. Қобили зикри махсус аст, ки дар замони истиқлол дар кишвар бори аввал истеҳсолу содироти мис ба роҳ монда шуда, аз соли оянда истеҳсоли охан низ оғоз мегардад. Танҳо дар даҳ соли охир ба маблағи 163 миллиард сомонӣ маҳсулоти ивазкунандаи воридот истеҳсол шудааст.

Аз натиҷаҳои зикршуда бармеояд, ки Тоҷикистон тавассути саноатикунонии босуръат ба кишвари истеҳсолкунанда ва содироткунандаи маҳсулоти саноатии рақобатнок табдил ёфта истодааст. Рушди саноат, дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум аз таъминоти боэътимоди неруи барқ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ рушди энергетика ва истифодаи самараноки захираҳои бузурги гидроэнергетикии кишварро, ки боигарии асосии миллии мо мебошад, яке аз афзалиятҳои стратегии давлат муайян намудем.

Дар даврони истиқлол барои рушди соҳаи энергетика 36 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 30 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи 20 лоиҳаи дигар ба маблағи 23 миллиард сомонӣ идома дорад. Бо бунёди хатти баландшиддати «Ҷануб – Шимол» ва зеристгоҳҳои пуриқтидор тамоми қаламрави мамлакат ба як шабакаи воҳиди энергетикӣ муттаҳид карда шуд. Дар ин давра 300 неругоҳи хурду бузурги барқи обӣ, Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе – 2» ва неругоҳҳои офтобӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда – 1» ва «Сангтӯда – 2» мутаносибан ба маблағи 8,5 миллиард ва 3,2 миллиард сомонӣ бунёд гардиданд. Дар натиҷа беш аз 2300 мегаватт иқтидори нави энергетикӣ ба кор андохта, иқтидори умумии энергетикии мамлакат ба 6700 мегаватт расид.

Дар баробари бунёди иқтидорҳои нав, таҷдиду навсозии ҳамаи неругоҳҳои барқи обии амалкунанда зина ба зина ба роҳ монда шуд. Неругоҳи барқи обии «Қайроққум» ба маблағи беш аз 2 миллиард сомонӣ пурра таҷдид гардида, корҳои таҷдиди пурраи неругоҳи «Норак» дар ду марҳала ба маблағи 6,6 миллиард сомонӣ ва неругоҳи «Сарбанд» ба маблағи 1,5 миллиард сомонӣ идома доранд. Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бунёди неругоҳҳои нав – «Сангтӯда – 1», «Сангтӯда – 2» ва «Маркази барқу гармидиҳии Душанбе», инчунин, таҷдиди неругоҳҳои мавҷуда беш аз 22 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Ба мақсади тақвияти «энергетикаи сабз» ва гуногунсозии манбаъҳои тавлиди неруи барқ, ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияҳои Ашт ва Ҷайҳун ду неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт то моҳи ноябри соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад.

Дар миёни иншооти энергетикии даврони истиқлол неругоҳи барқи обии «Роғун» ҳамчун лоиҳаи калидии энергетикии мамлакат ҷойгоҳи махсуси таърихӣ дорад. Итминони комил дорам, ки бо идомаи бомароми сохтмони неругоҳ ва ба истифода додани агрегати сеюми он соли 2027 Тоҷикистон ба ҳадафи пурра бо неруи барқ таъмин кардани аҳолӣ ва иқтисоди миллӣ, яъне истиқлоли энергетикӣ ноил мегардад. Ҳамзамон бо ин, мо тасмим гирифтаем, ки бо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва татбиқи технологияҳои «сабз» то соли 2037 Тоҷикистонро пурра ба кишвари «сабз» табдил диҳем.

Дар баробари истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ низ яке аз ҳадафҳои стратегии миллии мо мебошад. Ислоҳоти амиқи аграрӣ ва дастгирии пайвастаи давлат ба рушди соҳаи кишоварзӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба аҳолии мамлакат 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 75 ҳазор гектари он дар солҳои 1995 – 1997, ки миёни мардум ҳамчун «заминҳои президентӣ» маъруфанд, ҷудо карда шуд. Ин иқдоми саривақтӣ дар солҳои душвори гузариш дар рафъи хатари гуруснагӣ ва таъмин кардани аҳолӣ бо озуқаворӣ нақши ҳалкунанда бозида, ба ташаккули хоҷагидорони мустақил, беҳтар гардидани шароити зиндагӣ ва соҳиби манзил шудани миллионҳо нафар мусоидат намуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба беш аз 1,4 миллион оила барои бунёди манзили истиқоматӣ замин ҷудо карда шуд. Яъне қариб 9 миллион нафар шаҳрвандони мо имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Дар 25 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 122 баробар афзоиш ёфта, соли 2025 ба 85 миллиард сомонӣ расид. Дар ин давра истеҳсоли ғалла 6 баробар, картошка 12, сабзавот 11 ва мева 48 баробар зиёд гардид.

Имрӯз сатҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ беш аз 85 фоизро ташкил медиҳад. Ҳоло маҳсулоти кишоварзии мо ба зиёда аз 30 кишвари ҷаҳон содирот карда мешавад. Ин дастовардҳо натиҷаи сиёсати пайгиронаи давлат ва заҳмати софдилонаи кишоварзони шарафманди мамлакат мебошанд.

Бо истифода аз фурсат, ба деҳқонону хоҷагидорон ва ҳамаи кормандони соҳаи кишоварзӣ барои заҳмати содиқонаашон дар таъмини амнияти озуқавории кишвар ва фаровонии дастархони мардум миннатдории самимӣ баён менамоям.

Дар роҳи расидан ба ҳадафи дигари стратегӣ – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон низ пешрафти назаррас таъмин гардид. Бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги роҳсозӣ нахустин бор дар таърихи давлатдории тоҷикон шабакаи ягонаи нақлиётии кишвар ташаккул ёфта, Тоҷикистон, ки се минтақаи он ҳар сол зиёда аз шаш моҳ аз ҳамдигар ҷудо мемонд, яъне аз кишвари сепорча ба як қаламрави воҳид табдил дода шуд.

Тайи даврони истиқлол дар соҳаи роҳу нақлиёт ба маблағи 30 миллиард сомонӣ 63 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардид. Дар натиҷа 3200 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, 254 пул, 43 километр нақби нақлиётӣ ва дигар иншооти мураккаби роҳсозӣ бунёд гардиданд. Инчунин, 220 километр роҳи оҳан бо зерсохтори зарурӣ бунёд ва ба истифода дода шуд, ки иқтидори транзитии кишварро тақвият бахшид.

Бо вуҷуди дастовардҳои зикршуда, таҳаввулоти босуръати ҷаҳон тақозо менамояд, ки тавассути рақамикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ рақобатнокии иқтисоди миллӣ боз ҳам тақвият дода шавад. Дар ин замина, Тоҷикистон истифодаи технологияҳои муосир ва зеҳни сунъиро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуда, рақамикунонии идоракунии давлатӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, низоми молиявӣ ва фаъолияти соҳибкориро вусъат бахшида истодааст.

Бо пешниҳоди Тоҷикистон қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» саҳми кишвари мо дар пешбурди ин масъалаи мубрами рӯз мебошад. Ин иқдом ва фаъолияти марказҳои инноватсионии ватанӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар оянда ба яке аз қутбҳои муҳимми таҳия ва татбиқи технологияҳои пешрафтаи минтақа табдил ёбад. Ҳадафи мо аз рақамикунонӣ на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои нав, балки ташаккули иқтисоди ба дониш асосёфта, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди сармояи инсонӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави пешрафт барои ҳар як шаҳрванд мебошад. Ин марҳалаи нави рушди Тоҷикистон хоҳад буд, ки дар он донишу маърифат, навоварию ихтироъкорӣ ва неруи зеҳнии инсон дар баробари захираҳои табиӣ сарвати асосии давлат ба ҳисоб мераванд.

Ҳамватанони азиз!

Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ хуб дарк мекардем, ки ояндаи давлат ва миллат, пеш аз ҳама, ба сатҳи дониш, маърифат ва ҷаҳонбинии наслҳои нав вобаста мебошад. Аз ин рӯ, рушди маориф ва тарбияи кадрҳои соҳибилму соҳибкасб яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян карда шуд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 3229 дар соли 1991 ба 4135 дар соли 2026 расид ва ҳамзамон бо ин, биноҳои аксари мактабҳо азнавсозӣ гардиданд. Дар маҷмуъ, тайи 35 соли соҳибистиқлолӣ барои 1,8 миллион нафар хонанда ба маблағи умумии 8,4 миллиард сомонӣ муассисаҳои таълимии замонавӣ сохта, ба истифода дода шуданд. Теъдоди умумии хонандагон имрӯз ба 2 миллиону 462 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 1991 ду баробар зиёд мебошад.

Имрӯз дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 66 ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ 86 муассисаи таълимӣ фаъолият дошта, дар онҳо аз рӯйи 340 касб мутахассис омода карда мешавад.

Агар соли 1992 дар кишвар 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 70 ҳазору 600 нафар донишҷӯ фаъолият дошта бошад, ин рақамҳо дар соли 2026 мутаносибан ба 51 ва 226 ҳазор расидаанд.

Ҳоло зиёда аз 41 ҳазор нафар ҷавонони соҳибистеъдоди мо дар хориҷи кишвар таҳсили илм доранд ва ҳар сол беш аз 6 ҳазор нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои пешрафта фиристода мешаванд.

Аз оғози замони соҳибистиқлолӣ рушди илми тоҷик низ зери таваҷҷуҳи доимии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дода шуд. Имрӯз иқтидори илмии кишвар пайваста тақвият ёфта, олимони тоҷик дар рушди илмҳои бунёдӣ ва амалӣ, татбиқи навовариҳо ва ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодии мамлакат саҳми арзишманд мегузоранд. Ҳоло дар кишвар 7 ҳазор нафар олимони соҳиби унвони илмӣ фаъолият доранд.

Мо минбаъд низ барои рушди соҳаи илму маориф тамоми тадбирҳои заруриро меандешем, то фарзандонамон ва умуман мардуми Тоҷикистон босаводу соҳибмаърифат, дорои ҷаҳонбинии нав ва соҳиби касбу ҳунарҳои замонавӣ бошанд, зеро ҷомеае, ки афроди он аз саводу маърифат ва илму дониш бебаҳра мемонанд, ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва ҷаҳолату бесаводӣ, тавре ки

борҳо таъкид намудаам, монеаи рушди ҷомеа гардида, онро ба вартаи ҳалокат меафканад. Фаромӯш набояд кард, ки рушду тараққиёти давлат, хусусан, дар замони пешрафти бесобиқаи илму технологияҳо, рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ аз сатҳи донишу маърифати миллат вобаста мебошад.

Агар илму маориф пояи маънавию зеҳнии пешрафти давлат бошад, тандурустӣ кафили солимии миллат ва неруи созандаи ҷомеа мебошад. Аз ин лиҳоз, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ рушди соҳаи тандурустӣ низ зери таваҷҷуҳи доимии давлат қарор дошт.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ яке аз мушкилоти муҳимтарини соҳаи тандурустии кишвар тарки ватан кардани беш аз 70 фоизи кадрҳои баландихтисоси тиббӣ буд, ки соҳаро ба буҳрони ҷиддии норасоии мутахассисон рӯ ба рӯ сохт. Дар чунин шароити душвор Ҳукумати мамлакат тамоми имкониятҳоро барои ҳифзи саломатии мардум, нигоҳ доштани иқтидори кадрии соҳа ва тадриҷан барқарор намудани низоми тандурустӣ сафарбар намуд.

Дар зарфи 35 соли соҳибистиқлолӣ дар дохил ва хориҷи кишвар беш аз 40 ҳазор нафар табибон ва 228 ҳазор нафар кормандони миёнаи тиббӣ омода карда шуда, 3 ҳазору 111 муассисаи нави тандурустӣ бунёд гардид. Таҷвияти заминаи моддиву техникии муассисаҳои тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон ба беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ мусоидат намуд ва имкониятҳои ташхису табобат дар дохили кишвар бамаротиб васеъ гардиданд.

Дӯстони азиз!

Истиқлоли давлатӣ ба марҳалаи нави эҳё, ҳифз ва муаррифии арзишҳои милливу фарҳангии мардуми куҳанбунёди тоҷик оғоз бахшид. Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати мамлакат ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар кишвар 446 иншооти соҳаи фарҳанг бунёду таҷдид ва ба истифода дода шуданд. Бинои муосири Театри миллӣ, ки чорабинии тантанавии имрӯзаи мо дар он баргузор шуда истодааст, бузургтарин иншооти фарҳангии даврони соҳибистиқлолӣ ва туҳфаи арзандаи ҷашнӣ ба аҳли фарҳангу ҳунар ва кулли мардуми Тоҷикистон мебошад. Бо истифода аз фурсат, ба муҳандисону меъморону сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёду ороиши ин иншооти муҳимми фарҳангӣ саҳм гузоштанд, барои заҳмати содиқонаашон сипосу миннатдории самимӣ баён менамоям.

Ҳанӯз дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҳамкории самаранокро бо ЮНЕСКО ба роҳ монд. То соли 2026-ум 24 ёдгории таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии ҷаҳонии ЮНЕСКО ва 13 унсури фарҳанги мероси ғайримоддии тоҷикон дар ин созмон сабт гардид. Бо пешниҳоди Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири арҷгузорӣ ба ахтарони ҷаҳоншумули илму адаби тоҷик ва нақши осори таърихии кишвари мо дар ташаккули тамаддуни умумибашарӣ таҳти сарпарастии ЮНЕСКО 16 ҷашнвораву солгардҳо баргузор гардиданд. Ин дастовардҳо на танҳо ғановати фарҳанги миллии мо, балки фазои созандаи иҷтимоиро низ инъикос мекунанд, ки танҳо дар муҳити сулҳу оромӣ ва рушди босубот имконпазир аст.

Дар ин давра шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чоп ва ба ҳар як оилаи кишвар ройгон тақсим карда шуд.

Мо хуб дарк мекунем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳифзи арзишҳои миллӣ, пеш аз ҳама, забону фарҳанг, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳо кафили пойдории давлати тоҷикон ва асолати тоҷикии мо дар асри пуртазоду пурмоҷарои XXI мебошад. Аз ин рӯ, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, мероси таърихиву маънавӣ ва арзишҳои асили тоҷикона минбаъд низ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеаи мо боқӣ хоҳанд монд.

Ҳамватанони гиромӣ!

Имрӯз занону бонувон ва ҷавонони тоҷик дар ҳама самтҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа фаъолона иштирок доранд ва дар рушди соҳаҳои мухталифи кишвар нақши назаррас доранд. Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳазорон нафар занону духтарони соҳибмаърифат ҳамчун роҳбару сиёсатмадор, олиму омӯзгор, табибу соҳибкор ва кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои дигар ба камол расида, дар пешрафти кишвар саҳми шоиста гузошта истодаанд.

Мо саҳми арзишманди модарону бонувони мамлакатро дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва пешрафти давлат ҳамеша қадр менамоем. Имрӯз бонувону занон дар соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ – маориф 73 фоиз ва тандурустӣ 72 фоизи кормандонро ташкил медиҳанд.

Мо бо ҷавонони бонангу номуси Тоҷикистон ва дастоварду пешравиҳои онҳо ифтихор мекунем, аз онҳо, ки фарзандони даврони истиқлолу озодии кишварамон мебошанд, умеди зиёд дорем ва барои амалӣ гардидани ташаббусҳои созандаашон минбаъд низ тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣро фароҳам месозем.

Ҳозирини гиромӣ!

Қобили зикр аст, ки анъанаҳои давлатдории тоҷикон аз умқи таърих сарчашма гирифта, бо номи шахсиятҳои бузурги ориёитабор пайванди ногусастанӣ доранд. Куруши Кабир ҳамчун рамзи адолатпарварӣ, таҳаммулгароӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон дар таърихи башарият мақоми хос дорад. Шашуми ноябри соли 2025 бо ташаббуси Тоҷикистон дар иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии ЮНЕСКО қатънома таҳти унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ» қабул гардид.

Тоҷикистон тайи 35 соли истиқлол сиёсати хориҷии мутавозин, мусолиматомез ва созандаро пеш гирифта, бар пояи усули «дарҳои кушода» соҳиби мақоми шоиста дар арсаи ҷаҳонӣ гардид. Имрӯз Тоҷикистон аз ҷониби 192 давлати ҷаҳон эътироф гардида, бо 186 кишвар робитаҳои устувори дипломатӣ дорад.

Мо бо аксари ин кишварҳо муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро дар ҳамаи соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн пеш бурда, бо як қатор давлатҳои дӯсту ҳамҷавор сатҳи робитаҳои худро то зинаи шарикии стратегӣ боло бардоштем. Ҳамзамон бо ин, узвияти фаъолонаи Тоҷикистон дар даҳҳо созмони бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ имкон фароҳам овард, ки давлати мо дар ҳаллу фасли масоили мубрами глобалӣ, аз ҷумла обу иқлим, амният ва сулҳ ҳамчун иштирокдори калидӣ ва кишвари созанда муаррифӣ гардад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 20 қатънома қабул карда шуд, ки ҳоло мавриди татбиқ қарор доранд. Чанде пеш бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027 – 2036» боз як тасдиқи саҳму талошҳои сулҳофарӣ ва ваҳдатпарварии давлати тоҷикон дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ мебошад.

Қабули ин ва дигар қатъномаҳо гувоҳи эътироф ва аҳаммияти ҷаҳонӣ касб кардани ташаббусҳои кишвари мо оид ба масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ, бахусус дар соҳаи обу иқлим ва сулҳ аз сӯйи ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамзистии осоиштаи мардумони ҷаҳон ва муносибатҳои дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя мебошад. Дар ин замина, ҳамкориҳои густурдаи минтақавӣ ба хотири таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ ба сифати муҳимтарин самти сиёсати хориҷии давлати мо эътироф шудаанд.

Моҳи марти соли гузашта ду санади таърихӣ – шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ ба имзо расиданд, ки аз дастовардҳои таърихии даврони соҳибистиқлолӣ дар раванди ҳалли мусолиматомези масъалаҳои сарҳадӣ миёни кишварҳои мо мебошанд.

Ҷаҳони муосир ҳоло ба марҳалаи нави таҳаввулоти геополитикӣ, иқтисодӣ ва технологӣ ворид гардидааст. Дар чунин шароит мо ҷонибдори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ танҳо бо роҳҳои сиёсиву дипломатӣ ва ташаккули ҷаҳоне ҳастем, ки дар он ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи давлатҳо эҳтиром карда мешаванд. Тоҷикистон фаъолияти худро ҳамчун давлати ташаббускор дар масъалаҳои обу иқлим, «энергетикаи сабз», амнияти озуқаворӣ, сулҳ ва рушди устувор минбаъд низ густариш медиҳад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки Тоҷикистон дар ин давраи аз нигоҳи таърих начандон тӯлонӣ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, обрӯ ва эътибори хешро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшид ва имрӯз дар доираи манфиатҳои милливу давлатии худ ҳамкории гуногунҷанбаро бо аксари давлатҳои ҷаҳон пеш мебарад.

Дӯстони азиз!

Бунёдкорӣ ва ободонии саросари кишвар яке аз дастовардҳои барҷастаи даврони истиқлол мебошад. Имрӯз симои ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба куллӣ дигаргун гардида, Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба рушд ва созанда эътироф шудааст.

Дар солҳои истиқлол дар кишвари мо даҳҳо ҳазор иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ бунёд гардиданд, ки ба ҳалли бисёр масъалаву мушкилоти мардум ва зина ба зина беҳтар шудани шароити зиндагии онҳо мусоидат карда истодаанд. Ин ҳама пешрафту ободӣ самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон мебошад!

Мардуми Тоҷикистон дар муддати 35 сол, бо вуҷуди мушкилоти зиёд, ба хотири ободии сарзамини аҷдодии хеш содиқона заҳмат кашиданд. Дар ин лаҳзаҳои таърихӣ ман дар назди мардуми соҳибфарҳангу тамаддунсоз, озодидӯсту ватанпараст, бонангу номус, босабру таҳаммул, бунёдкору созанда, заҳматкашу қавиирода ва қаҳрамони тоҷик сари таъзим фуруд меоварам! Ҳамчунин, аз ҳамаи онҳое, ки дар давраи вазнини давлатсозӣ бо Роҳбари давлат

содиқона ҳамкорӣ карданд, яъне вакилони мардумӣ, аъзои Ҳукумат, роҳбарони кумитаву идораҳо ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ миннатдорам ва ба онҳо саломатӣ, камоли умр ва давлати пирӯ орзумандам!

Ҳамватанони азиз!

35 соли Истиқлоли давлатӣ на танҳо як давраи сипаришудаи таърих, балки оғози марҳалаи нави масъулияти миллӣ мебошад. Ояндаи Тоҷикистон аз он вобаста хоҳад буд, ки мо то чӣ андоза метавонем дастовардҳои давлатсозии сеюним даҳсолаи гузаштаамонро ба сармояи рушди минбаъда табдил диҳем, то чӣ андоза метавонем соҳибихтиёрии давлатро бо рушди иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ, таҳкими ниҳодҳо, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва иштироки фаъоли кишвар дар равандҳои байналмилалӣ пайваст намоем, зеро истиқлол арзиши як насл нест. Истиқлол масъулияти пайвастаи наслҳост. Насли имрӯз бояд истиқлолро на танҳо ҳифз кунад, балки онро барои наслҳои оянда боз ҳам устувору неруманд ва пурмаъно ба мерос гузорад.

Ин аст, ба андешаи мо, маънои аслии 35 соли истиқлоли Тоҷикистон ва моҳияти масири давлатсозии миллии тоҷикон.

Ҳадафи мо бунёди Тоҷикистоне мебошад, ки то соли 2040 ба кишвари дорои иқтисоди саноативу технологӣ, «энергетикаи сабз», зерсохтори муосир ва сармояи инсонии рақобатнок табдил ёбад. То соли 2050 мо бояд иқтисоди ба дониш асосёфтаро ташаккул дода, рушди фарогири технологияҳои рақамӣ ва истифодаи васеи зеҳни сунъиро таъмин намоем.

Дар ин роҳ рушди илму маориф, махсусан, илмҳои дақиқ, технологияҳои муосиру инноватсия ва тарбияи наслҳои донишманду соҳибмаърифат аҳаммияти калидӣ хоҳад дошт. Барои расидан ба ин ҳадаф мо бояд кӯдакону наврасонро ба таҳсили босифат фаро гирем ва шароитеро муҳайё созем, ки ҳар як ҷавони кишвар имкони татбиқи дониш, истеъдод ва ташаббуси худро дар Ватани хеш пайдо намояд.

Мо бояд рушди кишварро тавре таъмин намоем, ки ҳар як оила зиндагии шоиста, осуда ва босаодат дошта бошад. Маҳз чунин Тоҷикистон ормони мо барои даҳсолаҳои оянда мебошад.

Ҳамватанони азиз!

Таърих ба ҳар миллат имкониятҳои нодир медиҳад. Ба насли мо низ чунин имконият насиб гардид. Мо баъд аз ҳазор сол давлати миллии худро аз нав эҳё намудем. Мо Истиқлоли давлатиро ҳифз кардем. Мо сулҳу ваҳдатро барқарор сохтем. Мо Тоҷикистонро аз вартаи бухрон ва нобудӣ ба шоҳроҳи пешрафти бомаром баровардем. Вале рисолати таърихии мо ҳанӯз анҷом наёфтааст.Зеро мо ҳанӯз дар оғози раванди таърихии давлатсозӣ қарор дорем ва бояд мушкилоту масъалаҳои зиёдеро ҳаллу фасл намоем.

Ҳадафи олӣ ва вазифаи асосии мо аз он иборат аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба давлати пешрафта, неруманд ва соҳибэътибори асри XXI табдил диҳем.

Мо фарзандони миллати куҳанбунёде ҳастем, ки ҳазорсолаҳо анъанаи давлатдорӣ, фарҳанг ва тамаддун офаридааст. Мо ворисони Куруши Кабир, Дориюш, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, ибни Сино, Мавлонои Балхӣ ва ҳазорон нафар фарзандони таърихсозу фарзонаи миллат ҳастем. Аз ин рӯ, мо ҳақ надорем, ки нисбат ба фардои миллат бетараф бошем. Мо вазифадорем, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан ва самимона дӯст дорем, Ватани соҳибистиқлоламонро боз ҳам ободу пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.

Имрӯз бо гузашти 35 сол бо итминони комил изҳор медорем, ки роҳи ояндаи Тоҷикистон танҳо ба пеш – ба сӯйи ободиву созандагӣ, илму маърифат, технологияву инноватсия ва пешрафту тараққиёт аст! Мо бояд ба наслҳои оянда давлатеро мерос гузорем, ки аз ҳар ҷиҳат ободу пешрафта бошад. Ин қарзи фарзандӣ, рисолати инсонӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҳар яки мо мебошад.

Эътимоди комил дорам, ки бо ваҳдати миллӣ, иродаи матин ва заҳмати созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон мо ба ҳамаи ҳадафҳои худ ноил мегардем.

Итминон дорам, ки Тоҷикистони маҳбуби мо дар асри XXI ба яке аз давлатҳои ободу пешрафта ва соҳибэътибори ҷаҳон табдил меёбад!

Бигзор, Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша парафшон бошад!

Бигзор, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвари азизи мо ҷовидон бошад!

Пояндаву ҷовидон бод давлати соҳибистиқлоли тоҷикон!

Зинда бод халқи шарафманду бузурги Тоҷикистон!

Ҷашни 35-солагии истиқлолу озодии Тоҷикистони азиз муборак бошад!

Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

САРМОЯГУЗОРӢ БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН – САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДАИ МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-уми шаҳри Душанбе
31.08.2026



Ҳамватанони азиз!
Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!
Хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони гиромӣ!

Имрӯзҳо мо дар остонаи таҷлили ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон қарор дорем. Аз ин рӯ, ҳамаи шуморо ба ифтихори ин ҷашни бузурги таърихӣ, инчунин, оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям. Ҳамчунин, кӯдаконеро, ки имсол бо шодиву сурур бори аввал ба мактаб қадам мегузоранд, шодбош мегӯям ва ба онҳо саломативу хушбахтӣ орзу менамоям.

Хотирнишон месозам, ки маҳз ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва сулҳу суботи комили кишварамон мо барои муҳайё кардани шароити беҳтарини таҳсил ва баланд бардоштани сатҳу

сифати таълиму тарбияи кӯдакон ва наврасону ҷавонон корҳои азимро ба сомон расонида истодаем.

Ифтитоҳи бинои наву замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105, ки ҳоло мову шумо дар он қарор дорем, самараи истиқлоли давлатӣ ва фазои орому осоиштаи кишварамон мебошад. Муассисаи мазкур аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо тарҳи муосиру замонавӣ бунёд гардида, бо беҳтарин шароиту имкониятҳои таълиму тарбия барои 2400 нафар хонанда пешбинӣ гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар нуҳ соли охир дар ҳудуди шаҳри Душанбе 55 муассисаи нави таълимӣ бо зиёда аз 95 ҳазор ҷойи нишаст ва 42 кӯдакистони замонавӣ барои 8 ҳазор тарбиятгиранда бунёд ва ба истифода дода шудааст. Танҳо соли ҷорӣ ба ифтихори 35-солагии истиқлоли давлатӣ дар пойтахти мамлакат 7 муассисаи нави таълимӣ бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ва 8 муассисаи томактабии наву замонавӣ барои 1000 нафар тарбиятгиранда ба фаъолият оғоз менамояд. Дар маҷмуъ, тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи 8,4 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Як падидаи хеле хушоянди замони соҳибистиқлолии кишвар дар он аст, ки дар кори пуршарафи бунёди таълимгоҳҳои нави муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла, соҳибкорони бонангу номус бо Ҳукумати мамлакат ҳамкории самарабахшро ба роҳ мондаанд, ки мо барои ҳиммати ватандӯстонаашон аз онҳо сипосгузорем.

Ҳозирини арҷманд!

Тамоми дастовардҳои мо дар ободиву пешрафти Ватани азизамон, аз ҷумла, дар соҳаи маориф, ки созандаи ояндаи миллат ва давлат ба ҳисоб меравад, маҳз самараи истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати пойдори миллӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, барои мо – мардуми Тоҷикистон сулҳу ваҳдат омили муҳимтарини пояндагии давлату миллат маҳсуб меёбад. Бинобар ин, расидан ба қадри сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди огоҳу солимфикри кишвар ба шумор меравад.

Дар моҳи июни соли ҷорӣ қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» низ, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон сурат гирифт, нишонаи саъю талоши пайгиронаи кишвари мо барои ҳифзи сулҳу оромӣ дар сайёра мебошад.

Бо қаноатмандиву ифтихор мехоҳам иброз намоям, ки заҳмати омӯзгорон ва аҳли маорифи кишвар дар роҳи тақвияти истиқлоли давлатӣ, тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ, роҳнамоӣ кардани мардум ба таҳкими сулҳу ваҳдат ва таълиму тарбияи шоистаи насли даврони истиқлол бисёр назаррас ва шоистаи таҳсину қадрдонӣ мебошад.

Аҳли маориф дар давраи бағоят печидаву пурихтилофи таърихи давлати тоҷикон бори дигар собит карданд, ки ақлу хирад, илму дониш, сабру таҳаммул ва кӯшиш барои сулҳу субот ҷиҳати раҳоӣ аз ҳама гуна буҳрон нақши асосӣ мебозад ва роҳро барои ояндаи босаодат равшану ҳамвор месозад.

Ман борҳо гуфтаам ва боз ҳам таъкид менамоям, ки истиқлолу озодӣ ва сулҳу оромӣ муқаддастарин неъмат ва бузургтарин дастоварди мардуми мо, мояи ифтихор ва нангу номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллат ва шарти хушбахтиву сарбаландии кулли сокинони Тоҷикистон мебошад. Истиқлоли давлатӣ ҳастии халқи тоҷикро дар паҳнои ҷаҳон ҳифз кард, адолати таърихиро барқарор сохт, тоҷиконро ба аҳли олам ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз ва таҳаммулгарову сулҳҷӯй муаррифӣ намуд.

Ҳозирини гиромӣ!

Миллати мо ҳанӯз аз аҳди бостон илм, маърифат ва китобро чароғи зиндагӣ, асоси давлатдорӣ ва сарчашмаи пешрафти ҷомеа медонист. Дар тӯли ҳазорсолаҳо фарзандони фарзонаи миллати тоҷик бо қудрати хирад ва илму дониш дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Соҳиби илму дониш будан, махсусан, дар замони мо, ки марҳалаи рушду такомули бесобиқаи техникаву технологияҳо ва густариши зеҳни сунъӣ маҳсуб меёбад, аҳаммияти зиёд пайдо кардааст. Дар чунин шароит на танҳо захираҳои табиӣ, балки инсонҳои донишманд,

ҷавонони соҳибмаърифат ва кадрҳои баландихтисос сарвати асосии давлатҳо ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки насли наврасу ҷавони мо ба омӯзиши илму дониш таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дошта бошад, мунтазам омӯзад ва дар ин замина, ба эҷодкориву навоварӣ машғул шавад. Барои ин имрӯз дар кишвари мо тамоми шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намудааст, зеро мо хуб дарк мекунем, ки сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон – сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат аст. Аз ин лиҳоз, дар давраи соҳибистиқлолӣ ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 70 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст ва ин рақамҳо далели равшани таваҷҷуҳи махсус ва ҳамешагӣ ба соҳаи маориф мебошад.

Ҳозирини муҳтарам!

Маълум аст, ки нахустин давраи фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбия бо муассисаҳои томактабӣ алоқаманд аст. Яъне, таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ зинаи муҳимтарин барои ояндаи онҳо ба шумор меравад. Дар робита ба ин, чанд сол қабл ба сохтору мақомоти дахлдор супориш дода будам, ки барои дар ҳар маҳаллаи дорои беш аз сад нафар аҳолӣ бунёд намудани кӯдакистон чорачӯбӣ намоянд. Ин масъалаи бисёр муҳим аст ва дар ин самт мо бояд корҳои боз ҳам бештарро анҷом диҳем.

Бо қарори Ҳукумати мамлакат Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022 – 2027 тасдиқ гардидааст, ки қадами устувор дар самти зиёд намудани имкониятҳои фарогирии кӯдакон маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, дигар мақомоти дахлдор бори дигар хотиррасон месозам, ки ба масъалаи бунёди муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи бештар диҳанд.

Имкониятҳои мавҷударо бояд ба иҷрои пурраи талаботи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, барномаи зикршуда ва то 50 фоиз расонидани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ сафарбар намоянд. Илова бар ин, барои таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи замон бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар хотир бояд дошт, ки ҳар қадар низом ва сифати тарбия дар кӯдакистонҳо баланд бошад, идомаи таҳсили фарзандони мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамон андоза пурсамар хоҳад буд. Ман зимни вохӯриҳо бо аҳли маориф ва дигар суханроniҳои худ батакрор иброз доштаам, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ такмили бештар мехоҳад.

Бояд гуфт, ки тайи солҳои охир дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор корҳои назаррас анҷом ёфтаанд. Аз ҷумла, ҷорӣ гардидани меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи сифати таҳсилот, бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии навбунёд, тақвият додани истифодаи технологияҳои рақамӣ ва марҳала ба марҳала баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон бомаром идома доранд.

Мо бояд ҳамқадами замон бошем, омӯзишу истифодаи технологияҳои муосирро дар сатҳи баланд ба роҳ монем ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки танҳо дар заминаи маорифи фаъолу фарогир ва пешрав метавонем дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем.

Барои мунтазам баланд бардоштани сифати таҳсилот таваҷҷуҳ ба масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла такмили маҳорати касбии омӯзгорон, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадаму самарабахши тарбия, таҳия ва нашри дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав ва бо технологияҳои муосир таҷҳизонидани синфхонаву озмоишгоҳҳо хеле муҳим аст. Бо низоми муайян баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон низ аз ҷумлаи вазифаҳои зарурӣ мебошад.

Якуми сентябри соли 2024 зимни боздид аз иншооти соҳаи маорифи шаҳри Душанбе ва иштирок дар Рӯзи дониш таъкид карда будам, ки ҷиҳати дар давоми ду сол пурра таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ, адабиёти ёрирасони таълимӣ, илмӣ, дастурҳои методӣ, роҳнамои омӯзгор ва усули таълим аз ҳар як фанни таълимӣ бояд чорабиниҳои дахлдор андешида шаванд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки вобаста ба ин супориш як қатор тадбирҳо амалӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, аз оғози соли 2025 то ҳол ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар

муассисаҳои таълимӣ 9 миллиону 215 ҳазор нусха китоби дарсӣ ва маводди таълимӣ дастрас гардида, ҳоло ин раванд бомаром идома дорад.

Барои дар соли таҳсили 2026 – 2027 бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводди таълимӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ 40 номгӯй китоби дарсӣ аз озмун гузаштааст, ки нашри онҳо давра ба давра анҷом ёфта, дастраси хонандагони муассисаҳои таълимӣ шуда истодааст. Яъне, имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ дар самти норасоии китобҳои дарсӣ мушкилот ба назар намерасад. Акнун зарур аст, ки мо бештар ба сифати китобҳои дарсӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намоем. Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати боз ҳам такмил додани сифат ва муҳтавои китобҳои насли нав пайваста чораҷӯйӣ намояд.

Ҳоло мехоҳам як масъалаи дигари муҳимро таъкид намоям. Ҷорӣ намудани ҳама гуна низом, муносибат ё тафрибаи байналмилалӣ дар раванди таълим аввал бояд ба тариқи озмоиш дар муассисаҳои таълимӣ ҳаматарафа санҷида шуда, ба шароит ва ҳадафҳои стратегии рушди маорифи Тоҷикистон ва арзишҳои миллӣ мутобиқ гардонида, баъд аз он мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар робита ба ин, мо бояд пеш аз ҳама, ба рушди корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар самти илмҳои педагогиву равоншиносӣ ва ҷалби олимону омӯзгороне, ки дар ин ҷода тафрибаи пешқадам доранд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем.Ба ин мақсад зарур аст, ки фаъолияти илмиву таҳқиқотии Академияи таҳсилот, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олие, ки равияи омӯзгорӣ доранд, дар самти таҳия ва пешниҳоди роҳу усул ва технологияҳои инноватсионии таълими фанҳо, дар навбати аввал фанҳои табиатшиносиву риёзӣ бо истифода аз тафрибаи пешқадами ҷаҳонӣ тақвият бахшида шавад.

Дар ин раванд, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бояд ҷиҳати аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорони фанҳои табиатшиносиву риёзӣ ва баргузории машғулиятҳои амаливу озмоишгоҳӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

То ба имрӯз мо дар самти рақамикунонӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ корҳои зиёдеро анҷом додаем. Ҳоло зарурате ба миён омадааст, ки дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, алалхусус, ҷавонону наврасон фарҳанги истифодаи шабакаи интернет, телефонҳои мобилӣ, зеҳни сунъӣ ва бахусус, шабакаҳои иҷтимоӣ дуруст ва мунтазам фаҳмонида шавад. Зеро зарар ё фоидаи технологияҳои нав аз он вобаста аст, ки мо онҳоро чӣ гуна истифода мебарем.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир истифодаи беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронкунанда гардидааст. Коршиносону таҳлилгарони мустақили созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ низ дар гузоришҳои худ борҳо таъкид намудаанд, ки телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ диққати хонандагонро парешон карда, ба таҳсили онҳо халал мерасонанд.

Аллакай як қатор давлатҳои мутараққӣ истифодаи телефонҳоро барои хонандагони синни то 16-сола дар шаклҳои гуногун манъ кардаанд. Бояд гуфт, ки ҳама гуна иттилоот хусусияти синнусолӣ дорад. Вале дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин меъёр умуман риоя намегардад ва бо ҳамин сабаб қисми зиёди кӯдакону наврасон аллакай таҳти таъсири манфии чунин иттилоот қарор гирифтаанд.

Истифодаи бемеъёру беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба солимии равонӣ, хоб, нутқ, ҳофиза, қобилияти азхудкунии саводу дониш, фаъолият ва рушди ҷисмонии онҳо зарари ҷиддӣ расонида шудааст. Хонандагон ба ҷои он, ки китоб хонанд, малакаҳои худро ташаккул диҳанд ё ба варзиш машғул шаванд, соатҳои зиёдро дар фазои маҷозии шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд. Фаромӯш набояд кард, ки кӯдакону наврасон ояндаи миллатанд ва мо наметавонем, ки нисбат ба масъалаи солимии онҳо, яъне, ояндаи миллат бетараф бошем.

Бо дарназардошти ин, ба Вазорати маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки дар муддати се моҳ масъалаи мазкурро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, вобаста ба роҳҳои ҳалли он ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

Дар шароити рақамикунонии босуръат, рушди пайвастаи технологияҳои иртиботӣ ва афзоиши теъдоди шабакаҳои иҷтимоиву расонаҳои хабарии электронӣ ҷавонон бояд фарҳанги

баланди иттилоотӣ дошта бошанд. Онҳо бояд шабакаҳои иҷтимоиро огоҳона истифода баранд, бо иттилооти ғаразноку хабарҳои бардурӯғ, бахусус, бо ғояҳои ифротгароёна муқовимат карда тавонанд, интернетро барои илму донишандӯзӣ истифода кунанд, вақти худро ба мутолиаи китоб сарф намоянд ва дар таъмини амнияти иттилоотиву мафкуравии ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Бо дарназардошти чунин воқеият, бояд роҳҳои мустаҳкам намудани масунияти иттилоотии наврасону ҷавонон дар муқобили таҳдиду хатарҳои муосир ва баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии онҳо дарёфт карда шаванд.

Ҳозирини гиромӣ!

Мо барои дастгирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ як қатор имтиёзҳо муайян кардаем. Яке аз онҳо, ки қариб сӣ сол инҷониб, яъне, аз соли 1997 амал мекунад, қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тибқи квотаи президентӣ мебошад. Мақсади асосии квотаи Президентӣ дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳо ва бо мутахассисони баландихтисос таъмин намудани чунин минтақаҳо мебошад. Дар ин муддат аз 61 шаҳру ноҳия ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар 29 ҳазор нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо квотаи Президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногун муваффақона кору фаъолият карда истодаанд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Зеро пешрафти саноат, энергетика, сохтмон, кишоварзии муосир, нақлиёт, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, технологияҳои рақамӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ бе кадрҳои соҳибкасбу соҳибҳунар ғайриимкон мебошад. Бо дарназардошти ҳамин зарурат ва бо мақсади ташаккули низоми муосири касбомӯзӣ Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Таъсиси ин сохтор имкон фароҳам овард, ки таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳамчун низоми мустақили давлатӣ бо сиёсати ягона, стандартҳои муосир, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, робитаи мустақим бо бозори меҳнат ва ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ рушд намояд. Дар ин муддат шумораи касбу ихтисосҳо дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз 230 ба 730 номгӯй расонида шуд. Аз ҷумла, дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ имрӯз аз рӯйи 14 самт ва 330 касбу ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз рӯйи 10 самт ва 400 ихтисос кадрҳои коргарӣ ва мутахассисон омода карда мешаванд.

Чунин нишондиҳандаҳо гувоҳанд, ки низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тадриҷан ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардида, барои соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ кадрҳои зарурӣ омода менамояд. Ҳоло дар кишвар 66 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 28 ҳазор нафар хонанда, аз ҷумла, қариб 8 ҳазор нафар духтар таҳсил мекунанд. Теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 106 ҳазору 500 нафар расида, нисбат ба соли таҳсили 2020 – 2021-ум 13 ҳазор нафар ва нисбат ба соли таҳсили гузашта 9 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Қабули «Барномаи рушди соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 – 2029» оғози марҳалаи нави ислоҳоти соҳа мебошад. Тибқи нақшаи амалисозии барномаи мазкур, солҳои 2026 – 2029 таъмиру барқарорсозии биноҳои 61 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 43 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 18 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар соҳа ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд. Аз ҷумла, баланд бардоштани сифати таълими амалӣ, муҷаҳҳазсозии пурраи устохонаҳо ва озмоишгоҳҳо, таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсии тахассусӣ, ҷалби омӯзгорон ва устоҳои соҳибтаҷриба, тақвияти робита бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъмин намудани хатмкунандагон бо ҷойи кор вазифаҳои асосии марҳалаи минбаъда мебошанд.

Дар робита ба ин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки барои рафъи масъалаҳои ҳалталаб тадбирҳои иловагӣ андешад. Ҳамзамон бо ин, ба падару модарон, омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва корфармоён таъкид месозам, ки ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунаромӯзӣ бояд ба кори ҳамарӯза ва вазифаи умумимиллӣ табдил дода шавад.

Ҳар як инсон бояд дарк намояд, ки касбу ҳунар доштан соҳиби сарвати бебаҳо будан аст. Шахси соҳибкасб дар зиндагӣ роҳи худро пайдо мекунад, мустақил мешавад, ба оилааш кумак мерасонад, ба ҷомеа нафъ меоварад ва дар пешрафти давлат саҳм мегузорад. Бинобар ин, ҷавонони азизро даъват менамоям, ки вақтро ғанимат донанд, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосирро аз худ намоянд, забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои замонавӣ ва зеҳни сунъиро дар сатҳи баланд омӯзанд ва худро барои зиндагии шоиста ва ояндаи ободи Тоҷикистон омода созанд.

Миллате, ки ҷавононаш дониш меомӯзанд, касбу ҳунар аз худ мекунанд, ба арзишҳои миллӣ эҳтиром мегузоранд ва ҳастии худро бо сарнавишти Ватан пайванд медиҳанд, дар роҳи пешрафт, созандагӣ ва устувории давлати худ қадамҳои боэътимод мегузорад. Давлат вақте тавоно мегардад, ки ҷавононаш соҳиби илму дониш, касбу ҳунар, маҳорату малака, одобу ахлоқ ва ҳисси баланди ватандорӣ бошанд.

Ҳозирини арҷманд!

Дар пешрафти соҳаи маориф ва густаришу тақвияти сатҳу сифати таълиму тарбия муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат нақши шоиста доранд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи донишкадаву донишгоҳҳои кишвар бамаротиб афзуда, ҳоло ба 51 адад расидааст ва чанде аз муассисаҳои таҳсилоти олии мо соҳиби мақоми байналмилалӣ гардидаанд. Заминаҳои моддиву техникӣ ва шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ мунтазам беҳтар шуда истодаанд.

Дар баробари ин, дар донишкадаву донишгоҳҳои мамлакат дар самтҳои сифати таҳсилот, таъминот бо устодону омӯзгорони соҳибтаҷрибаву дорои унвони илмӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, фаъолияти паркҳои технологӣ, такмили ихтисоси устодон ва ташкили озмоишгоҳҳои муосир то ҳол баъзе мушкилиҳо ҷой доранд, ки бояд бартараф карда шаванд.

Дар ин раванд, мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба як масъалаи муҳим ҷалб намоям. Тибқи маълумот, дар аксари факултаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён ду соли аввал бештар ба омӯзиши фанҳои ғайриихтисосӣ банд гардида, ба онҳо аксари фанҳои тахассусӣ асосан аз соли сеюм таълим дода мешаванд, ки ин боиси коҳиш ёфтани шавқи донишҷӯ нисбат ба касбу ихтисоси интихобкардааш мегардад.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки ин масъаларо дар муддати се моҳи оянда ҳаматарафа баррасӣ карда, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки ба мо, пеш аз ҳама, мутахассис зарур аст, на ҷавоне, ки танҳо соҳиби диплом аст.

Масъалаи дигаре, ки дар шароити имрӯза хеле муҳим гардидааст, интихоби касби ояндаи ҷавонон мебошад. Инсон бояд дар интихоби касб хато накунад, вагарна то охири умр сарсону саргардон мешавад ва орзуҳои худро амалӣ карда наметавонад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи мо зимни интихоби касб тамоюли зоҳирпарастӣ, тақлид ба дигарон ва интихоби бемавриду бемантиқ ҷой дорад. Аксари ҷавонон мехоҳанд, ки ё табиб шаванд ё ҳуқуқшинос. Яъне дар аксар мавридҳо интихоби касб на дар асоси қобилият ва истеъдод, балки аз рӯйи ҳавову ҳавас сурат мегирад.

Дар кишварҳои пешрафтаи олам ҳанӯз аз зинаи томактабӣ ва баъдан дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба масъалаи муайян кардани қобилият, истеъдод ва лаёқати наврасон диққати махсус медиҳанд, то дар зинаҳои навбатии таҳсилоти Тоҷикистон ба рушди онҳо сармоягузорӣ намоянд ва пешрафти наврасону ҷавононро ба самти дуруст равона созанд.

Мо хуб медонем, ки ҳамаи падару модарон орзу доранд, ки фарзандонашон роҳи дурустро интихоб намоянд ва дар оянда хушбахт шаванд. Аммо онҳо баъзан намедонанд, ки ин амалро чӣ гуна анҷом диҳанд.

Бахусус, агар воқеияти замон ба инобат гирифта нашавад. Масалан, имрӯзҳо мутахассисони соҳаи амнияти компютерӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, барномасозӣ ва монанди инҳо дар бозори меҳнат талабгори зиёд доранд.

Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи таҳсилот супориш дода мешавад, ки дар муддати

3 моҳ вобаста ба ташаккули фарҳанги интихоби касб ва механизмҳои муайян намудани қобилият ва лаёқати касбии кӯдакону наврасон ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

Дар баробари ин, мо бояд ба тарбияи наврасону ҷавонон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем, зеро рафтору гуфтори шоиста ифодагари сатҳи тарбия ва симои маънавии шахс мебошад. Ҳар як инсон дар ҷомеа, пеш аз ҳама, ба шарофати хислатҳои хуб ва ахлоқу одоби ҳамидааш соҳиби эҳтирому обрӯ мешавад. Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқӣ бояд аз оила оғоз шуда, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста идома ёбад.

Ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят бештар онҳое даст мезананд, ки аз тарбияи падару модар дур мондаанд, дар таҳсил фориғболӣ кардаанд, соҳиби касбу ҳунар нестанд ва дар зиндагӣ ҳадафи муайяне надоранд. Падару модарон вазифадоранд, ки дар оила барои тарбия ва камолоти фарзанд муҳити солим фароҳам оваранд. Омӯзгорон вазифадоранд, ки дар қалби хонанда эҳтиром ба Ватан, қонун, падару модар, арзишҳои миллӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро парвариш диҳанд.

Таъкид менамоям, ки дар кори ниҳоят муҳимму ояндасози таълиму тарбия, албатта, боз ҳам омӯзгорон масъулияти бештар доранд, зеро онҳо неруи тавонои тарбия ба шумор мераванд. Ҳамчунин, баланд бардоштани сифати таълим ва ба камол расонидани кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замони пешрафт, дар навбати аввал, аз устодону омӯзгорон, яъне аҳли маориф вобаста мебошад. Онҳо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки табобати беморон, яъне саломатии мардум, бунёди ҳама гуна иншоот, яъне ободии Ватан, таъмин кардани рушди иҷтимоиву иқтисодии давлат, яъне зиндагии шоистаи ҳар як оилаи кишвар ва дар маҷмуъ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат аз фаъолияти мутахассисоне вобаста мебошад, ки онҳоро соҳаи маориф ба камол мерасонад.

Ҳозирини арҷманд!

Мо дар марҳалаи ниҳоят мураккабу буҳронӣ ва пурихтилофу хатарбори ҷаҳони муосир зиндагӣ дорем. Солҳои охир баъзе меъёрҳо ва принсипҳои муносибатҳои байналмилалӣ, ки даҳсолаҳо ҳамчун пояи субот ва ҳамзистии осоишта эътироф мешуданд, тадриҷан беаҳаммият гардида истодаанд.

Бар асари ҷангу даргириҳо ҳазорҳо инсон қурбон гардида, миллионҳо нафар аз манзили худ маҳрум мешаванд ва хатари бесуботии фарогир ба амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад. Дар чунин вазъият барои ҳамаи мо, пеш аз ҳама, таҳаммулгаро будан, бо андешаву тамкин амал кардан ва дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ талош намудан бағоят зарур аст.

Мо ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бояд барои ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ ва оромиву осоиш дар Ватани маҳбубамон ҷидду ҷаҳд намоем, пайваста кӯшиш кунем, ки раванди созандагиву бунёдкориҳоро дар кишварамон боз ҳам вусъат бахшем. Бузургтарин ҳадафи мо таъмин намудани ободиву пешрафти имрӯзу фардои Ватан, давлат ва зиндагии шоистаи мардум аст. Дар татбиқу пайгирии ин ҳадафи наҷиб бояд тамоми сокинони мамлакат сарҷамъона амал намоянд.

Ҳар яки мо бояд арҷгузору муҳофизи истиқлолу озодӣ, сулҳу ваҳдат, забону таъриху фарҳанг ва дигар арзишҳои моддиву маънавии миллати бостонии тоҷик бошем. Ман аз он қаноатмандам ва ифтихор дорам, ки аҳли маорифи мамлакат, устодону омӯзгорон ва хонандагону донишҷӯёни мо ҳамеша дар сафи пеши ҳимояи манфиатҳои миллӣ қарор доранд ва ин мавқеи онҳо устувору пойдор аст.

Бовар дорам, ки ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва ватандӯсту созандаи мо фардо ба неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ, пояи устувори ҷомеаи пешрафта ва кафолати идомаи роҳи созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил хоҳанд ёфт.

Бо ибрози эътимод ба ояндаи боз ҳам ободу пешрафтаи Тоҷикистони маҳбубамон аҳли маориф, устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон ва ҳамаи шумо – ҳозирини муҳтарамро бори дигар ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги 35-солагии истиқлоли давлатӣ, оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям.

Ба ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ ва кулли мардуми Тоҷикистон саломативу хушбахтӣ, хонаи обод ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Пояндаву бегазанд бод, истиқлоли Тоҷикистони азизи мо!

ДОНИШ ХУРШЕДИ ОЛАМОРОСТ

Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба муносибати оғози соли нави таҳсили 2026-2027



Ҳамватанони азиз!

Устодон, шогирдон ва падару модарони гиромӣ!

Дар саросари Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, инак, боз соли нави таҳсил оғоз гардида, паём аз марҳалаи тозаи омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат меоварад. Ин пайки басо фараҳбахшу нишотоварро ба аҳли таълиму тарбия ва тамоми алоқамандони соҳаи маорифи кишвари маҳбубамон самимона табрик мегӯям.

Дар ҷумҳурии мо ҳамасола дар оғози соли нави таҳсил дар тамоми таълимгоҳҳо Дарси сулҳ ва Рӯзи дониш тақлил мегардад. Маълум аст, ки ҳадаф аз таҳсил донишандӯзист ва бузургон донишро ҳамбаста ба нерую тавоноӣ, комёбию шарафмандӣ донистаанд. Ҳамосасарои бузург Абулқосими Фирдавсӣ дар ин боб фармудааст:

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор беҳтар бувад.

Дониши комил омӯхтан, албатта, дар шароити созгор, дар муҳите, ки сулҳу амният пойдору устувор бошад, муяссар мешавад. Хушбахтона, дар диёри арҷманди мо ба шарофати сиёсати хирадбунёду ватандӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи саодатбахш тантана дорад ва дар ин замина, аҳли кишвар ба бунёдкорию созандагӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаи маориф машғуланд. Ин равандро ташаббуси нави Президенти муҳтарами мо оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, ки чанде пеш аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд, боз ҳам тақвият бахшид.

Дарси сулҳе, ки ҳамасола Пешвои миллат дар оғози соли таҳсил баргузор мекунанд, саршор аз ғояҳои ватандӯстию ваҳдатпарастӣ, ҳувияти миллию хештаншиносист. Зимни чунин дарс дар оғози соли таҳсили гузашта Сарвари кишвар иброз дошта буданд: «Бояд ҳама якҷояву ҳадафмандона, бо руҳияи баланди миллӣ, шукргузориву ифтихор аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва фарҳангу тамаддуни беш аз шашҳазорсозаи тоҷикон барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ кӯшишу талош намоем».

Соли таҳсил имсол дар вазъи гуворою тантанавие оғоз меёбад, ки тамоми сокинони мамлакат ба тақлили бошукӯҳтарин ҷашни миллат – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ мегиранд. Ин фархундаҷашн бори дигар ва ба таври хеле барҷаста собит месозад, ки тоҷикон, воқеан, дар давлатдорию бунёдкорӣ мумтозанд, истеъдоду тавоноии дерину табиӣ доранд ва комёбиҳои миллатро шарафмандона ҳифз мекунанд.

Дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, махсусан, соҳаи маориф хеле рушд ёфта, соҳаи афзалиятнок эълон шуд ва ба дастовардҳои фаровоне ноил гашт. Дар ин давра таълимгоҳҳои зиёде бунёд ёфтаву ба таври замонавӣ муҷаҳҳазонида шуданд. Чандест, ки вобаста ба татбиқи комёбиҳои илму инноватсия ва зеҳни сунъӣ дар соҳа марҳалаи тозае оғоз ёфтааст ва дар ин замина, барномаҳои нави фаъолият тарҳрезӣ мешаванд.

Кулли таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ бо китобҳои дарсии насли нав, дастуру раҳнамоҳои илмию методӣ ва дигар воситаҳои ёвар комилан таъминанд. Ин ҳама ба болоравии сатҳи таҳсил ва

дониши шогирдони мо мусоидат кардааст ва онҳо дар баробари омӯзиши ҳамарӯза дар таълимгоҳҳо дар озмунҳои бонуфузи кишвар – «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм-фурӯғи маърифат» фаъолона иштирок мекунанд. Аҳли маорифи мамлакат дар нахустсолҳои татбиқи ҳадафҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд.

Боиси ифтихору қаноатмандист, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар заминаи таваҷҷуҳу ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои миллат обрӯю эҳтироми омӯзгорон пайваста боло меравад, заҳмати онҳо ба таври шоиста арҷгузорӣ мешавад. Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» дар ҳаёт ва фаъолияти аҳли таълиму тарбия давраи навинеро ифтитоҳ бахшид ва бори дигар собит кард, ки дар кишвари мо омӯзгор сарчашмаи ҳамаи комёбиҳо ва равшангари роҳи фардои миллат эътироф шудааст.

Аҳли маорифи ҷумҳурии азизамон 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии кишварро бо ифтихору сарбаландӣ ва бо дастовезҳои арзанда – комёбиҳои нав ба нав дар арсаи таълиму тарбияи насли наврас ва мутахассисони ҷавон пешвоз мегиранд ва минбаъд низ ҷидду ҷаҳд менамоянд, ки Ватани маҳбубамон боз ҳам пешрав бошад, шуҳрataш ҳамчун диёри бахту саодат, сулҳу ваҳдат ва қаламрави мардумони тамаддунпарвару бунёдкор дар арсаи байналмилалӣ пайваста биафзояд.

Бори дигар ҳамаи шумо – омӯзгорону шогирдони азиз, тамоми алоқамандони соҳаи маориф ва волидайни муҳтарамро бо оғози соли нави таҳсили 2026-2027 табрик мегӯям. Ҳамеша комёбу сарбаланд ва садоқатпеша ба Ватану миллат бошед.

Соли нави таҳсил муборак!

Ман борҳо гуфтаам ва боз ҳам таъкид менамоям, ки истиқлолу озодӣ ва сулҳу оромӣ муқаддастарин неъмат ва бузургтарин дастоварди мардуми мо, мояи ифтихор ва нангу номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллат ва шарти хушбахтиву сарбаландии кулли сокинони Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

МАОРИФ – САРМОЯИ МИЛЛАТ ВА КАФИЛИ ФАРДОИ ДАВЛАТ



Шарофиддин АСОМИДДИНЗОДА – сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ

Ҳар як давлати соҳибистиқлол барои рушди иқтисодӣ ва таъмини ояндаи устувор, пеш аз ҳама, ба неруи инсонӣ такя мекунад. Неруе, ки дар мактаб ташаккул меёбад, дар донишгоҳ такмил ва дар ҷомеа ба созандагиву пешрафт табдил гардад. Аз ин рӯ, таърихи рушди давлатҳоро бе таърихи маориф тасаввур кардан душвор аст.

Барои Тоҷикистон низ роҳи бунёди давлати миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлол аз рушди маориф ҷудонопазир аст. Истиқлоли давлатӣ ба соҳаи маорифи кишвар имкон дод, ки бо такя ба арзишҳои миллӣ ва талаботи ҷаҳони муосир роҳи нави рушдро пеш гирад. Дар ин давра мактаб танҳо макони таълим набуда, ба яке аз муҳимтарин майдонҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ ва неруи зеҳнии ҷомеа табдил ёфт.

Имрӯз, вақте ки ба дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ назар меафканем, пеш аз ҳама, тағйироте ба назар мерасанд, ки дар низоми маориф ба вуҷуд омадаанд: бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, рушди муассисаҳои типи нав, ҷорӣ гардидани технологияҳои муосир, таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои дақиқу табиӣ ва забонҳои хориҷӣ, дастгирии хонандагони болаёқат ва фароҳам овардани шароити беҳтари таълиму тарбия. Ин ҳама тасодуфӣ нест. Дар замони муосир давлате метавонад рақобатпазир бошад, ки дорои ҷомеаи босавод, мутахассисони соҳибкасб ва насли ҷавони дорои тафаккури созанда бошад. Аз ҳамин лиҳоз, маориф барои Тоҷикистон яке аз заминаҳои асосии рушди давлат ва ояндаи миллат ба ҳисоб меравад.

Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо оғози марҳалаи нави давлатдорӣ, балки нуқтаи гардиши муҳим дар эҳё, таҳким ва рушди низоми миллии маориф гардида, ба яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфт ва дар меҳвари ислоҳоти давлатӣ ва барномаҳои стратегии рушди кишвар қарор гирифт. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба сиёсати хирадмандона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот дорад, ки рушди соҳаи маорифро ҳамчун сармоягузории мустақим ба ояндаи давлат ва миллат арзёбӣ менамоянд.



Бо дарки ҳамин воқеияти замон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуда, барои ташаккули низоми муосири таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, таҳкими иқтидори кадрӣ ва беҳтар намудани шароити фаъолияти муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои пайгиронаро амалӣ менамояд. Дар ин раванд бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим ва фароҳам овардани

шароити муносиб барои омӯзишу парвариши насли наврас аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Яке аз падидаҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ба анъанаи нек табдил ёфтани Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ мебошад. Ин иқдом, ки бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шудааст ва аз соли 2005 ба ин сӯ ҳамасола баргузор мегардад, ба оғози соли нави таҳсил мазмуну муҳтавои хос мебахшад.

Рӯзи дониш дар тақвими маорифи кишвар танҳо оғози соли таҳсил нест, балки ҳамзамон як фурсати муҳим барои муайян намудани вазифаҳои нав, арзёбии дастовардҳои соҳа ва тарҳрезии самтҳои минбаъдаи рушди низоми маориф ба шумор меравад. Дар ин рӯз таваҷҷуҳи ҷомеа бори дигар ба мақоми омӯзгор, нақши мактаб ва аҳаммияти дониш дар пешрафти давлату миллат ҷалб мегардад.

Дар мулоқоту суханронихои худ бо омӯзгорон, хонандагон ва донишҷӯён Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои калидии рушди маориф таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, вазифаҳои мушаххасро дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, омӯзиши илмҳои муосир, азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба миён мегузоранд.

Аз ҳамин ҷост, ки суханронихои Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи дониш на танҳо як паёми анъанавӣ ба аҳли маориф, балки роҳнамои муҳимми фаъолияти мақомоти давлатӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон маҳсуб мешаванд. Дар онҳо вазифаҳои мубрами соҳа, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои афзалиятноки рушди маориф барои солҳои минбаъда мушаххас гардида, ба ҷомеаи кишвар паёми равшани аҳаммияти дониш, маърифат ва тарбияи насли соҳибмаърифат расонида мешавад.

Дар баробари ин, яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ, ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии типи нав мебошад. Ин иқдом аз зарурати мутобиқ намудани низоми таҳсилоти миллӣ ба талаботи ҷомеаи муосир, таҳкими заминаи таълимии муассисаҳо ва фароҳам овардани имконоти бештар барои дарёфт, дастгирӣ ва рушди истеъдодҳои наврасону ҷавонон сарчашма мегирад.

Имрӯз натиҷаи ин сиёсати пайгиронаро метавон дар густариши шабакаи муассисаҳои таълимии типи нав ба хубӣ мушоҳида кард. Дар кишвар мактабҳои Президентӣ, литсейҳо барои хонандагони болаёқат, муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ ва муассисаҳои таълимии байналмилалӣ фаъолият намуда, барои татбиқи усулҳои нави таълим ва омода намудани насли ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир замина фароҳам меоранд.

Муҳим он аст, ки муассисаҳои таълимии типи нав танҳо бо биноҳои замонавӣ ва имконоти беҳтари моддиву техникӣ маҳдуд намешаванд. Фарқи асосии онҳо дар муҳтавои таълим, истифодаи технологияҳои муосири омӯзиш, татбиқи усулҳои фаъоли таълим, омӯзиши амиқи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, азхудкунии забонҳои хориҷӣ ва рушди қобилиятҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва мустақилонаи хонандагон зоҳир мегардад.

Дар чунин муассисаҳо хонанда на танҳо дониш мегирад, балки ба ҷустуҷӯ, таҳлил, андешаронӣ ва эҷод ҳидоят мешавад, зеро мактаби муосир на танҳо шахси босавод, балки инсони соҳибмаърифат, дорои ҷаҳонбинии васеъ, тафаккури созанда ва масъулиятшиносро тарбия менамояд. Аз ин рӯ, рушди муассисаҳои таълимии типи навро метавон яке аз натиҷаҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ арзёбӣ кард. Ин раванд далели он аст, ки дар Тоҷикистон ба рушди сармояи инсонӣ, дастгирии истеъдодҳои ҷавон ва омода намудани насли нави соҳибдонишу соҳибкасб таваҷҷуҳи пайваста зоҳир мешавад, зеро ояндаи давлат аз мактаби имрӯз, аз сифати таълиму тарбия ва аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва масъулияти насли фардо вобаста аст.

Махсусан, мактабҳои Президентӣ ҳамчун муассисаҳои намунавии таҳсилоти умумӣ дар татбиқи сиёсати давлатии дастгирии хонандагони болаёқат мавқеи хос доранд. Фаъолияти ин муассисаҳо имкон фароҳам овардааст, ки наврасони соҳибистеъдод аз гӯшаву канори гуногуни ҷумҳурӣ дар муҳити мусоиди таълимӣ ва рақобатпазир таҳсил намуда, қобилиятҳои илмӣ, зеҳнӣ ва эҷодии худро пайваста рушд диҳанд. Муҳимтар аз ҳама, чунин муассисаҳо барои дарёфт ва тарбияи истеъдодҳои ҷавон, омодасозии онҳо ба озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ташаккули насли нави соҳибдонишу соҳибмаърифат заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар баробари ин, рушди муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ низ ба густариши имконоти интихоби муассисаи таълимӣ, ҷорӣ намудани усулҳои пешрафтаи таълим ва ташаккули рақобати солим дар низоми маориф мусоидат кардааст. Имрӯз чунин муассисаҳо тадриҷан ба бахши муҳимми низоми таҳсилоти кишвар табдил ёфта, бо истифода аз таҷрибаҳои нав, технологияҳои муосири таълим ва шаклҳои гуногуни омӯзиш дар баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои таълимӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Дар баробари рушди муассисаҳои таълимии типи нав, яке аз намунаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи маориф таъсиси квотаи Президентӣ мебошад. Ин иқдом дар замони соҳибистиқлолӣ ба яке аз механизмҳои муҳимми дастгирии ҷавонони лаёқатманд, бахусус, ҷавонони минтақаҳои дурдаст табдил ёфт.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 квотаи Президентӣ ҷорӣ гардида, барои ҷавонони ноҳияҳои дурдаст, махсусан, духтарон, имкони воқеии идомаи таҳсил ва соҳиб шудан ба таҳсилоти олии касбӣ фароҳам овард. Ин иқдом дари муассисаҳои таҳсилоти олиро ба рӯйи ҳазорон ҷавоне боз кард, ки бинобар шароити иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ, имкони камтари дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ доштанд.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ зиёда аз 30 ҳазор нафар тибқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул гардидаанд, ки беш аз 17 ҳазор нафари онҳо духтарон мебошанд. Ин нишондиҳанда танҳо як рақами оморӣ нест. Дар паси ҳар як рақам сарнавишти як ҷавон, як оила ва як имкони нави зиндагӣ қарор дорад. Ҳазорон нафаре, ки аз ин имтиёз истифода кардаанд, имрӯз ҳамчун омӯзгор, табиб, муҳандис, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос ва намояндаи дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар рушди кишвар саҳм мегузоранд.

Аз ин ҷост, ки квотаи Президентиро метавон на танҳо тадбири дастгирии иҷтимоӣ, балки яке аз воситаҳои муҳимми сармоягузорӣ ба неруи инсонӣ ва таҳкими иқтидори кадрии кишвар арзёбӣ кард. Дар баробари баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, ин иқдом ба фароҳам овардани имконоти баробари таҳсил, рушди минтақаҳо ва афзоиши иштироки занону духтарон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва касбӣ мусоидат намуд.

Дар низоми маориф танҳо мактаб, донишгоҳ ва шароити хуби таълимӣ кофӣ нест. Дар меҳвари тамоми ин раванд шахсе қарор дорад, ки донишро ба насли нав мерасонад, ҷаҳонбинии онро ташаккул медиҳад ва барои зиндагии мустақилона омода месозад. Ин шахс **омӯзгор** аст. Нақши омӯзгор дар ҷомеаи муосир ба ҳадде муҳим аст, ки рушди сифати маорифро бидуни таҳкими мақоми ӯ тасаввур кардан душвор мебошад. Бо дарназардошти ҳамин воқеият, дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷиҳати баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ ва дастгирии касбии омӯзгорон тадбирҳои муҳимми давлатӣ амалӣ гардиданд.

Қадами муҳим дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» мебошад, ки 17 декабри соли 2025 қабул гардид. Ин санади ҳуқуқӣ ба таҳкими заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти омӯзгор, муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои касбӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва тадбирҳои дастгирии давлатӣ равона гардидааст.

Аҳаммияти қонун дар он аст, ки он мақоми омӯзгорро ҳамчун шахсияти калидӣ дар низоми таълиму тарбия боз ҳам возеҳтар муайян намуда, барои ҳифзи ҳуқуқҳои касбӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти омӯзгорӣ ва баланд бардоштани нуфузи ин касб заминаи ҳуқуқии мустаҳкам фароҳам меорад. Эҳтиром ба омӯзгор танҳо эҳтиром як касб не, балки эҳтиром ба дониш, маърифат ва ояндаи ҷомеа мебошад.

Дар шароити имрӯз вазифаи омӯзгор танҳо ба интиқоли дониш маҳдуд намешавад. Аз ӯ тақозо мегардад, ки дар баробари додани донишҳои замонавӣ, хонандаро ҳамчун шахсияти соҳибмаърифат, ватандӯст, масъулиятшинос, дорои тафаккури мустақил ва омода ба зиндагӣ дар ҷомеаи муосир тарбия намояд. Дар шароити рушди босуръати технология ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат, омӯзгор бояд худ низ пайваста омӯзад, дониши касбии худро такмил диҳад ва аз усулҳои нави таълиму тарбия ҳангоми роҳандозии машғулиятҳо истифода кунад.

Аз ин рӯ, таҳкими мақоми омӯзгор на танҳо масъалаи иҷтимоӣ ё ҳуқуқӣ, балки яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди устувори низоми маориф мебошад. Омӯзгори соҳибкасб, боистеъдод ва масъулиятшинос метавонад хонандаро ба донишомӯзӣ ҳидоят намуда, дар ӯ ҳисси масъулият, худшиносӣ, ватандӯстӣ ва талош барои расидан ба ҳадафҳои созандаро бедор созад.

Ҳамин тавр, таъсиси муассисаҳои таълимии типи нав, дастгирии хонандагони болаёқат тавассути квотаи Президентӣ ва таҳкими мақоми ҳуқуқию иҷтимоии омӯзгорро метавон аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф арзёбӣ кард.

Яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди инфрасохтори соҳаи маориф мебошад. Бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, зиёд шудани шумораи хонандагон ва афзудани талабот ба таҳсилоти босифат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимиро ба яке аз авлавиятҳои сиёсати иҷтимоии давлат табдил додааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шарикони рушд ва соҳибкорони ватанӣ дар маҷмуъ, 4135 бино ва синфхонаи иловагӣ барои 888 ҳазору 531 ҷойи нишаст бунёд ва азнавсозӣ гардидааст. Танҳо дар соли 2026 сохтмони боз 372 бино ва синфхонаи иловагӣ барои 85 ҳазору 962 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст.

Ин рақамҳо аз як раванди густурдаи созандагӣ дарак медиҳанд, зеро ҳар як мактаби нав, ҳар як синфхонаи иловагӣ ва ҳар як муассисаи таълимии навбунёд, пеш аз ҳама, маънои фароҳам омадани имкони нави таҳсил барои садҳо ва ҳазорон кӯдакро дорад. Мактаб танҳо бино нест, балки муҳити ташаккули шахсият, макони парвариши дониш, маърифат ва ҷаҳонбинии насли нав мебошад.

Дар баробари бунёди муассисаҳои таълимӣ, масъалаи муҷаҳҳазгардонӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани муҳити таълим низ пайваста дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Синфхонаҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муосир, кабинетҳои компютерӣ, воситаҳои техникии таълим ва дигар имконоти технологӣ тадриҷан ба ҷузъи ҷудонашавандаи низоми таҳсилот табдил меёбанд.

Рушди маорифи асри XXI танҳо бо сохтмони биноҳои нав ва муҷаҳҳаз намудани синфхонаҳо маҳдуд намешавад. Тағйироти босуръати технологӣ, афзоиши ҳаҷми иттилоот ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат тақозо мекунанд, ки низоми идоракунӣ, муҳтавои таълим ва усулҳои омӯзиш низ пайваста такмил дода шаванд. Аз ҳамин ҷост, ки дар баробари таҳкими инфрасохтор, ба ташаккули сохторҳои нави соҳавӣ ва рушди самтҳои навтарини маориф низ таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад.

Бо ҳамин мақсад дар сохтори Вазорати маориф ва илм Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ, Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва Маркази барномаҳои байналмилалӣ таъсис дода шудаанд. Фаъолияти ин сохторҳо ба ҳалли вазифаҳои муҳимми низоми муосири маориф – рақамикунонӣ, дастгирии истеъдодҳо, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии соҳавӣ равона гардидааст.

Маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ дар самти рақамикунонии низоми маориф, такмили механизмҳои идоракунӣ, ташаккули пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ нақши муҳим дорад. Рақамикунонӣ дар ин замина танҳо истифодаи компютеру интернет нест, балки гузариш ба усулҳои нави ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи маълумот, содатар намудани равандҳои идоракунӣ ва фароҳам овардани имконоти нави таълимӣ мебошад.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ маҳз чунин тағйирот метавонад ба баланд гардидани самаранокии низоми маориф мусоидат намояд. Мактаби рақамӣ, захираҳои электронии таълимӣ, платформаҳои омӯзишӣ ва дастрасии бештар ба иттилооти илмӣ ба хонандагону омӯзгорон имкон медиҳанд, ки доираи донишҳои худро васеъ намуда, ба манбаъҳои гуногуни таълимӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар баробари ин, Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати маориф – дарёфт ва дастгирии қобилиятҳои истисноии наврасону ҷавонон машғул мебошад. Дарёфти хонандагони болаёқат, омодасозии онҳо ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дастгирии ҳаракати олимпӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди истеъдодҳои ҷавон аз вазифаҳои муҳимми ин сохтор ба ҳисоб меравад.

Ҳар як ғолиби олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ё байналмилалӣ на танҳо муваффақияти шахсии як хонанда, балки натиҷаи заҳмати омӯзгор, дастгирии оила, фаъолияти муассисаи таълимӣ ва

самараи сиёсати дастгирии истеъдодҳо мебошад. Аз ин рӯ, кор бо хонандагони болаёқат бояд ҳамчун сармоягузорӣ ба неруи зеҳнии миллат ва ояндаи илмии кишвар арзёбӣ гардад.

Ҳамзамон, Маркази барномаҳои байналмилалӣ дар таҳкими робитаҳои байналмилалии соҳаи маориф, татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ҷалби грантҳо ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои ҷаҳон саҳм мегузорад. Ҳамкории байналмилалӣ имкон медиҳад, ки низоми маорифи кишвар аз таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ истифода намуда, муносибатҳои касбӣ ва илмиро бо муассисаҳои таълимӣ ва созмонҳои хориҷӣ густариш диҳад.

Таъсиси чунин сохторҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки сиёсати давлатии маориф дар марҳилаи муосир ба чанд самти ба ҳам пайванд - инфрасохтори замонавӣ, идоракунии самаранок, рақамикунонӣ, рушди истеъдодҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ такя мекунад. Ин раванд мазмуну муҳтавои маорифи миллиро тадриҷан ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди донишбунёд наздик месозад.

Таҷрибаи 35 соли соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф хусусияти пайгирона ва дарозмуддат дошта, ба рушди ҳамаҷонибаи низоми таҳсилот равона шудааст. Дар ин давра заминаи ҳуқуқии соҳа такмил ёфт, шабакаи муассисаҳои таълимии типи нав густариш пайдо кард, имконоти дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ тавассути квотаи Президентӣ васеъ гардид, мақоми омӯзгор таҳким ёфт, инфрасохтори соҳа рушд кард ва барои рақамикунонӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳои ҷавон заминаҳои зарурӣ фароҳам омаданд.

Бо вуҷуди ин, ҷомеаи муосир ҳар рӯз дар назди низоми таҳсилот вазифаҳои нав мегузорад. Агар дар марҳилаи аввал масъалаи асосӣ фароҳам овардани дастрасӣ ба таҳсил ва бунёди инфрасохтори зарурӣ бошад, имрӯз дар назди соҳа вазифаи боз ҳам муҳимтар – таъмини сифати таҳсилот ва омода намудани инсон барои зиндагӣ ва фаъолият дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда қарор дорад. Аз ин рӯ, марҳилаи нави рушди маорифи Тоҷикистон бояд, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди муосир, рушди тафаккури эҷодиву таҳлилӣ, истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва тақвияти иқтидори зеҳнии миллат равона гардад. Дар баробари ин, тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯст, масъулиятшинос ва дорои ҷаҳонбинии васеъ бояд ҳамчун яке аз ҳадафҳои меҳварии низоми маориф боқӣ монад.

Дар ин раванд омӯзгор, бешубҳа, мавқеи калидӣ дорад. Бинои нав, таҷҳизоти муосир ва технологияи рақамӣ танҳо дар сурате самараи воқеӣ медиҳанд, ки онҳоро омӯзгори соҳибкасб, масъулиятшинос ва навовар ба таври дуруст истифода барад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, такмили ихтисос ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти онҳо бояд дар қатори дигар самтҳои стратегии соҳа қарор дошта бошад.

Истиқлолу озодӣ барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозиву давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

РИСОЛАТИ ВАТАНДОРӢ



Фирӯза ХОҶАЗОДА – ходими хурди озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили маҳорати педагогӣ»-и ДҶТИБКСМ

Истиқлолу озодӣ барои мардуми Тоҷикистон гаронтарин неъмат ва пурқиматтарин сарвати зиндагӣ мебошад. Зеро ин падидаи нодири таърихӣ ба мо барои бунёди давлати мустақил, ҷомеаи озод ва мутамаддину пешрафта, эҳёи воқеии забон, таърих, фарҳанг ва дигар суннату арзишҳои чандинҳазорсолаи миллӣ имкон фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлол танҳо як калимаи зебо ё санаи таърихӣ нест. Он, пеш аз ҳама, мустақилона андешидан ва роҳи ояндаи худро озодона интихоб кардан аст. Вақте ки миллат соҳиби истиқлол мегардад, дар наздаш на танҳо ҳуқуқу имконоти нав, балки масъулиятҳои бузург низ пайдо мешавад. Аз ин нигоҳ, истиқлоли давлатӣ бояд на танҳо бо эҳсоси ифтихор, балки бо ҳисси масъулият, меҳнатдӯстӣ ва худшиносии миллӣ дарк карда шавад.

Барои мардуми тоҷик истиқлол маънои хос ва арзиши вижа дорад. Миллати мо дорои таърихи бисёр қадима буда, дар ташаккул ва рушди тамаддуни минтақа ва ҷаҳон саҳми назаррас гузоштааст. Забон, адабиёт, фарҳанг ва мероси илмии тоҷикон аз насл ба насл гузашта, ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳастии миллӣ то имрӯз зинда мондааст. Аммо доштани таърихи бузург танҳо дар он сурат арзиши воқеӣ пайдо мекунад, ки насли имрӯз тавонад ин меросро ҳифз намуда, ба талаботи замони муосир мутобиқ созад ва барои наслҳои оянда чизе бештару арзишмандтар аз он чӣ ба мерос гирифтааст, боқӣ гузорад. Дарвоқеъ, истиқлол ба миллати тоҷик имкон фароҳам овардааст, ки дар бораи давлатдории худ, рушди иқтисодӣ, фарҳанг, забон ва самтҳои муносибатҳои байналмилалӣ мустақилона қарор қабул намояд. Аммо ин имкон дар як рӯз ба натиҷаи комил табдил намеёбад. Давлатсозӣ раванди тӯлонӣ ва пайваста буда, аз ҳар як шаҳрванди кишвар саҳми шахсӣ, масъулиятшиносӣ ва меҳнати содиқона талаб мекунад.



Бояд гуфт, ки соҳибихтиёрии сиёсӣ яке аз асосҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор меравад, вале истиқлол паҳлӯҳои зиёди дигар низ дорад. Миллат вақте воқеан неруманд аст, ки шаҳрвандонаш соҳиби дониш, касбу ҳунар, фарҳанги баланд ва ҷаҳонбинии солим бошанд. Давлати мустақил ба шаҳрвандони мустақиландеш, донишманд ва масъулиятшинос ниёз дорад. Аз ин рӯ, дарки маънои истиқлолиятро метавон аз мактаб, оила ва тарбияи ҳар як ҷавон оғоз кард.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои истиқлол, фароҳам омадани имкони рушди худшиносии миллӣ мебошад. Худшиносӣ танҳо маънои ифтихор аз гузашта ва дастовардҳои ниёгонро надорад. Худшиносии ҳақиқӣ, пеш аз ҳама, донистани таърих, эҳтироми забон ва фарҳанг, шинохти арзишҳои миллӣ ва ҳамзамон, дарк намудани камбудиву мушкилоти худ мебошад.

Миллате, ки танҳо худро таъриф мекунад, вале аз таҷрибаи таърихӣ сабақ намегирад ва барои ислоҳи камбудиҳои худ талош намекунад, наметавонад ба пеш ҳаракат кунад.

Истиқлол, пеш аз ҳама, имкони бунёди ояндаи дурахшон аст. Ин оянда танҳо бо қарорҳои давлатӣ ва барномаҳои иқтисодию иҷтимоӣ сохта намешавад. Он аз андешаи ҳар як инсон, аз сатҳи маърифату дониш, фарҳанги шаҳрвандӣ, муносибат ба меҳнат ва масъулият дар назди ҷомеа оғоз меёбад. Аз ин рӯ, ҳифзи дастовардҳои истиқлол вазифаи танҳо давлат ё як гурӯҳи муайяни ҷомеа нест, балки масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва фарҳангӣ босуръат ба амал меоянд, ҳифзи истиқлол аз ҷомеаи донишманд, муттаҳид ва худшинос вобаста аст. Агар мо хоҳем, ки истиқлоли давлатӣ устувор ва пойдор бошад, бояд барои рушди илму маориф, тарбияи ҷавонон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва тақвияти фарҳанги шаҳрвандӣ пайваста талош намоем.

Истиқлолият танҳо мероси гузашта нест, балки он масъулияти имрӯз ва амонати фардост. Арзиши воқеии истиқлол дар он зоҳир мешавад, ки мо аз ин имкони таърихӣ то чӣ андоза дуруст истифода мебарем ва барои наслҳои оянда чӣ гуна давлату ҷомеаро ба мерос мегузорем.

Ифтихори миллӣ бояд инсонро ба омӯзиш, созандагӣ ва масъулият водор созад. Ифтихори воқеӣ на танҳо дар сухан, балки дар амал, дар муносибати масъулона ба ҷомеа ва дар талош барои ободии Ватан зоҳир мегардад.

Забони тоҷикӣ яке аз унсурҳои асосии ҳастии миллии мост. Ҳар гоҳ сухан аз истиқлол меравад, бояд нақши забон низ ба таври ҷиддӣ ба назар гирифта шавад. Забон танҳо воситаи муошират нест, балки хотираи зиндаи миллат аст. Дар вожаҳо, ибораҳо ва осори он таърих, тарзи тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи чандин насли мардум маҳфуз аст. Аз ин рӯ, эҳтиром ба забони модарӣ бояд на танҳо дар сухан, балки дар истифодаи дуруст, равон ва босаводонаи он зоҳир мегардад.

Ҷавонон дар масъалаи ҳифз ва таҳкими истиқлолият мавқеи махсус доранд. Онҳо на танҳо ворисони имрӯз, балки соҳибони фардои давлат мебошанд. Агар ҷавон дониш омӯзад, касбу ҳунар аз худ кунад, забонҳои хориҷиро донад, аз технологияҳои муосир оқилона истифода барад ва дар баробари ин, арзишҳои миллӣ ва фарҳанги худро фаромӯш накунад, ӯ метавонад ба рушди ҷомеа ва пешрафти кишвар саҳми назаррас гузорад.

Дар замони технологияҳои иттилоотӣ масъулияти ҷавонон боз ҳам бештар шудааст. Имрӯз инсон метавонад дар чанд сония ба маълумоти гуногун аз тамоми ҷаҳон дастрасӣ пайдо кунад. Ин имкон, аз як тараф, хеле муфид аст, вале аз тарафи дигар, хатари гум кардани тафаккури мустақил ва таъсирпазирӣ аз маълумоти нодурусту носанҷида низ вуҷуд дорад. Ҳар маълумоте, ки дар интернет нашр мешавад, ҳатман ҳақиқат нест. Бинобар ин, шаҳрванди муосир бояд қобилияти таҳлил, муқоиса намудани сарчашмаҳо, шинохти маълумоти боэътимод ва дуруст интихоб кардани онро дошта бошад.

Истиқлол дар ҳаёти ҳаррӯза низ эҳсос мешавад. Он дар оромии хонадон, имкони таҳсил, фаъолияти озоди фарҳангӣ, рушди шаҳрҳо ва деҳот, бунёди роҳҳо ва муассисаҳои иҷтимоӣ, инчунин, фароҳам омадани имконоти нав барои соҳибкорӣ ва меҳнат таҷассум меёбад. Давлатро танҳо роҳбарон месозанд, гуфтан дуруст нест. Давлатро омӯзгор бо таълими босифат, табиб бо хидмати софдилона, деҳқон бо меҳнати ҳалол, муҳандис бо андешаи созанда ва ихтироъ, донишҷӯ бо донишомӯзӣ ва ҳар як шаҳрванд бо рафтори масъулиятноки худ месозад.

Аз ҳамин ҷиҳат, истиқлолро метавон ба як масъулияти умумӣ монанд кард. Агар ҳар кас аз худ бипурсад: «Ман барои кишвари худ чӣ кор карда метавонам?», маънои истиқлол амиқтар дарк мешавад. Барои як нафар посух ба ин савол метавонад дар хуб хондан ва дониш омӯхтан бошад, барои дигаре дар таъсиси ҷойи кор, барои шахси дигар дар ҳифзи табиат ва барои дигаре дар тарбияи дурусти фарзандон. Ҳамаи ин амалҳо, гарчанде дар назари аввал хурд ба назар расанд ҳам, дар маҷмуъ, ба неру ва рушди давлат таъсири назаррас мерасонанд.

Масъалаи дигаре, ки дар замони истиқлол аҳаммияти бузург дорад, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад. Пешрафти иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дар муҳити ноором хеле душвор аст. Аз ин рӯ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бояд ҳамчун арзишҳои муҳимми ҷомеа ҳифз ва таҳким дода шаванд. Ваҳдат маънои онро надорад, ки ҳама бояд яксон фикр кунанд. Баръакс, ҷомеаи солим

метавонад андешаҳои гуногун дошта бошад, аммо шаҳрвандон бояд масъалаҳои умумимиллиро бо эҳтироми ҳамдигар, таҳаммулпазирӣ ва роҳи созанда ҳал намоянд.

Дар ин замина, фарҳанги муколама аҳаммияти зиёд пайдо мекунад. Мо бояд гӯш кардани андешаи дигаронро омӯзем, бе таҳқир баҳс кунем ва агар хато карда бошем, ҷуръати эътироф кардани онро дошта бошем. Чунин фарҳанги муносибатҳо ҷомеаро устувор ва муносибатҳои шаҳрвандиро солим мегардонад. Истиқлоли давлатӣ танҳо бо марзҳои муайян ҳифз намешавад; он бояд дар шуури шаҳрвандон, дар рафтору муносибати онҳо ва дар эҳсоси масъулият дар назди Ватан низ ҷой дошта бошад.

Ҷанбаи дигари муҳимми истиқлол иқтисод мебошад. Давлат метавонад аз лиҳози сиёсӣ мустақил бошад, аммо барои рушди устувор ба иқтисоди қавӣ ва рақобатпазир ниёз дорад. Иқтисоди қавӣ аз истеҳсолоти самаранок, меҳнати созанда, соҳибкории масъулиятнок, истифодаи оқилонаи захираҳо ва рушди илму технология вобаста аст. Аз ин рӯ, барои насли нав зарур аст, ки танҳо соҳиби диплом шуданро ҳадаф қарор надиҳад. Муҳим он аст, ки ҳар ҷавон касберо интихоб кунад, ки ба он муҳаббат ва қобилият дорад ва ҳамзамон, барои ҷомеа ва иқтисоди кишвар зарур мебошад.

Имрӯз ҷаҳон босуръат тағйир меёбад. Ба касбҳое, ки чанд сол пеш талаботи зиёд буд, метавонанд дар оянда шакли дигар гиранд ё ҷойи худро ба касбҳои нав диҳанд. Технологияҳои нав пайдо мешаванд, соҳаҳои нави фаъолият ба вуҷуд меоянд ва рақобат миёни кишварҳо бештар мегардад. Дар чунин шароит истиқлол танҳо бо нигоҳ доштани он чӣ дорем, таъмин намешавад. Мо бояд пайваста омӯзем, навовар бошем, малакаҳои худро такмил диҳем ва қобилияти рақобат карданро дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайдо кунем.

Дар баробари ин, истиқлол бояд бо муносибати оқилона ба табиат ва муҳити зист ҳамоҳанг бошад. Об, замин, кӯҳҳо, ҷангалҳо ва дигар сарватҳои табиӣ танҳо барои насли имрӯз нестанд. Мо ин ҳамаро аз гузашта ба мерос гирифтаем ва бояд ба насли оянда низ солиму покиза расонем. Агар инсон муҳити зистро нобуд кунад, оқибати чунин муносибатро на танҳо худи ӯ, балки фарзандонаш ва наслҳои баъдӣ низ эҳсос хоҳанд кард. Аз ин рӯ, ҳифзи табиат низ яке аз шаклҳои муҳимми масъулияти шаҳрвандӣ ва миллӣ мебошад.

Истиқлол, инчунин, имкони муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳониён аст. Ҳар як шаҳрванди кишвар дар ин раванд метавонад нақш дошта бошад. Вақте ки варзишгар дар мусобиқаи байналмилалӣ муваффақ мешавад, олим натиҷаи муҳимми илмӣ ба даст меорад, донишҷӯ дар озмуни байналмилалӣ пирӯз мегардад ё ҳунарманд фарҳанги миллиро ба таври шоиста муаррифӣ мекунад, номи кишвар низ бештар шинохта мешавад. Аммо муаррифии давлат танҳо дар саҳнаҳои бузурги байналмилалӣ сурат намегирад. Рафтори одӣ, меҳрубонӣ, ростқавлӣ, масъулиятшиносӣ ва фарҳанги баланди ҳар як шаҳрванд низ симои миллат ва давлатро ба дигарон нишон медиҳад.

Бояд дарк кард, ки истиқлол ҳеҷ гоҳ дастоварди танҳо як насл нест. Наслҳои пешин барои нигоҳ доштани забон, фарҳанг, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои таърихӣ саҳм гузоштаанд. Насли имрӯз вазифадор аст, ки ин меросро ҳифз намуда, ба он мазмуни нав ва мувофиқ ба талаботи замон бахшад. Насли фардо бошад, натиҷаи кори моро баҳогузорӣ хоҳад кард. Аз ин рӯ, ҳар давра дар назди худ вазифаи махсус дорад ва масъулияти мо имрӯз аз он иборат аст, ки истиқлолиятро на танҳо ҳамчун дастоварди таърихӣ, балки ҳамчун масъулияти доимӣ дар назди Ватан ва наслҳои оянда дарк намоем.

Дар ниҳоят, истиқлол ҳам имкон аст ва ҳам масъулият. Имкон барои озодона сохтани оянда, рушди давлат ва таҳкими ҷойгоҳи миллат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ; масъулият барои ҳифзи сулҳу ваҳдат, забон ва фарҳанг, рушди илму маориф, ободии кишвар ва тарбияи насли созанда. Агар ҳар як шаҳрванд дар доираи имконоти худ барои пешрафти ҷомеа саҳм гузорад, истиқлол аз як мафҳуми сиёсӣ ба арзиши воқеии зиндагии ҳаррӯза табдил меёбад. зеро истиқлоли пойдорро на танҳо қонунҳо ва сохторҳои давлатӣ, балки ирода, дониш, меҳнат ва масъулияти шаҳрвандони он устувор месозанд.

Шояд муҳимтарин савол ин бошад: мо истиқлолро барои чӣ мехоҳем? Ҷавоб метавонад одӣ ба назар расад: барои он ки соҳиби сарнавишти худ бошем. Аммо соҳиби сарнавишти худ будан маънои онро дорад, ки барои интихоби худ низ масъулият дошта бошем. Агар мо пешрафт

мехоҳем, бояд меҳнат кунем, дониш омӯзем ва навовар бошем. Агар ҷомеаи муттаҳиду солим мехоҳем, бояд аз хурдӣ эҳтироми якдигар, таҳаммулпазирӣ ва масъулияти шаҳрвандиро омӯзем. Агар давлати қавӣ мехоҳем, бояд ҳар яки мо дар доираи имконоти худ барои рушди он саҳм гузорем.

Истиқлол ба мо имкони интихоби сарнавиштро додааст, аммо интихоби ояндаи нек танҳо бо орзу амалӣ намешавад. Барои сохтани чунин оянда ба мо дониш, ирода, меҳнат ва масъулият лозим аст. Ватанро танҳо бо сухан дӯст доштан кофӣ нест; муҳаббат ба Ватан бояд дар амал, дар кори ҳаррӯза ва дар муносибати мо ба ҷомеа таҷассум ёбад. Агар ҳар як шаҳрванд аз худ бипурсад, ки барои ободии кишвар чӣ саҳме гузошта метавонад ва ба ин савол бо амали нек посух диҳад, он гоҳ истиқлол маънои амиқтар ва пойдортар пайдо мекунад, зеро истиқлол на танҳо ҳуқуқи озодона зиндагӣ кардан, балки масъулияти созандагӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва сохтани фардои беҳтар аст. Ва ояндаи Тоҷикистон маҳз аз масъулияти ҳар яки мо оғоз меёбад. Дар ин маврид Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «барои иҷрои ин масъулият ҳар яки мо бояд ба Ватан, миллат ва давлат содиқ бошем, сарзамини аҷдодии худро дӯст дорем ва барои пешрафту ободонии он боз ҳам бештар кор кунем ва заҳмат кашем. Дар шароити буҳрониву бисёр ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд беш аз пеш муттаҳиду сарҷамъ бошем ва фаромӯш накунем, ки қудрату пойдории миллат дар иттиҳоду ваҳдат аст».

ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ

Зи мавҷи Вахш сар бармезанад хуршеди истиқлол,
Зиҳӣ ҷоми ҷаҳонбин дар кафи Ҷамшеди истиқлол.

Сади Роғун шумори қуллаҳоро мекунад афзун,
Чу кӯҳе устувор истода ин умеди истиқлол.

Уқоби авҷи озодист гӯё бар ситеғи кӯҳ
Ватансозе, ки бинад бар ҷаҳон аз диди истиқлол.

Бувад ҳар чархаи Роғун ҳарифи чархаи гардун,
Ки бо ҳар гардиши худ мекунад тавлиди истиқлол.

Садоқат бо дурахши нури нобат мешавад тасдиқ,
Зафар бо муҳри меҳрат мекунад таъйиди истиқлол.

Забони мо, равони мо, нишони мо, бақои мост,
Нигаҳ дорад Худо ин давлати ҷовиди истиқлол.

Ба лаб ҳар чашмаат пайғом аз Хуршед меояд,
Ҳама рӯзи ту бод, озода миллат, иди истиқлол.

Рустам Ваҳҳобзода

ҚАДРИ ЗАР ЗАРГАР БИДОНАД…

Ё чӣ тавр муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин гардиданд?



Насриддин ОХУНЗОДА – рӯзноманигор

МУҚАДДИМА

Омӯзгорӣ яке аз касбҳои пуршараф, пурмасъулият ва сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад. Ин пеша аз инсон фидокорӣ, садоқат, сабру таҳаммул ва заҳмати пайвастаро талаб мекунад, зеро пешрафти тамоми соҳаҳои ҷомеа ва рушди давлат аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва тарбияи насли наврас вобастагии амиқ дорад. Аз ҳамин сабаб, дар ҷомеаи мо ба мақому манзалати омӯзгор эҳтироми хосса зоҳир гардида, ба омода намудани мутахассисони соҳибкасбу баландихтисоси соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Ҷомеае, ки бо омӯзгорони донишманд, соҳибмаърифат ва масъулиятшинос таъмин аст, ҳатман ба рушди устувор, пешрафти илм, фарҳанг ва иқтисодиёт ноил мегардад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, такмили сатҳи касбии онҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти омӯзгорӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад.

ЭҲТИЁҶОТ БА ОМӮЗГОРОН ВА БАРТАРАФ НАМУДАНИ МУШКИЛОТ

Мусаллам аст, ки сол аз сол шумораи муассисаҳои таълимӣ ва теъдоди хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш меёбад. Ин раванд зарурати бештар омода намудани кадрҳои соҳибтахассуси омӯзгориро ба миён меорад. Омӯзгорони ҷавон ҳамчун неруи асосии рушди соҳаи маориф бояд бо донишҳои муосир, маҳорати баланди касбӣ ва ҷаҳонбинии васеъ «мусаллаҳ» гарданд. Ҳамасола омилҳои гуногун боиси пайдо шудани ниёз ба кадрҳои омӯзгорӣ мегарданд. Аз ҷумла, ба синни нафақа расидани омӯзгорон, рухсатии ҳомилагӣ ва нигоҳубини кӯдак, фавт, сафар ба хориҷи кишвар, иваз намудани ҷойи кор ва дигар омилҳои объективию субъективӣ аз ҷумлаи сабабҳое мебошанд, ки эҳтиёҷотро ба пешаи омӯзгорӣ ба миён меорад.

Бо мақсади бартараф намудани эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ солҳои охир як қатор тадбирҳои муассир амалӣ карда мешаванд. Имрӯз дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ихтисосҳои омӯзгорӣ мавҷуд буда, ҳамасола ҳазорҳо мутахассиси ҷавон омода ва ба муассисаҳои таълимӣ сафарбар мегарданд. Ба ин маънӣ, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар нишасти матбуотии вазорат таъкид намуд, ки соли гузашта муассисаҳои таълимӣ ба 3800 нафар омӯзгор эҳтиёҷ доштанд, ки ин норасоӣ пурра бартараф гардид. Илова бар ин, 5 ҳазор омӯзгори дигар барои фаъолият ба муассисаҳои таълимии кишвар ҷалб карда шуданд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ зиёда аз 136 ҳазор омӯзгор фаъолият доранд. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи довталабон ба ихтисосҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сол аз сол бештар гардида, нақшаи қабули донишҷӯён аз рӯйи ин равияҳо низ афзоиш меёбад. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм барои омода намудани мутахассисони соҳибкасбу



рақобатпазир ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос тадбирҳои судманд меандешанд.

Ҳамчунин, шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низ афзоиш меёбад. Агар солҳои қаблӣ шумораи хатмкунандагон тақрибан 107 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, соли равон ин шумора ба 148 ҳазор нафар расид. Ин нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ ба рушди захираҳои инсонӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаҳои маориф ва илм равона гардидааст.

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ яке аз вазифаҳои муҳими соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Иҷрои муваффақонаи ин вазифа ба баланд гардидани сифати таълиму тарбия, рушди қобилияти хонандагон ва болоравии сатҳи донишандӯзии онҳо мусоидат менамояд. Ҳамасола раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо вобаста ба эҳтиёҷот ба Вазорати маориф ва илм дархост пешниҳод менамоянд. Дар асоси ин дархостҳо мутахассисони ҷавон тибқи роҳхат ба муассисаҳои таълимӣ сафарбар карда мешаванд.

Бо мақсади дастгирии омӯзгорони ҷавон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон»-ро қабул намудааст. Дар доираи амалисозии ин қарор омӯзгорони ҷавон бо як қатор имтиёзҳои иҷтимоӣ таъмин мегарданд. Аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 18 нафар, дар вилояти Хатлон 117 нафар, дар вилояти Суғд 21 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 26 нафар омӯзгори ҷавон аз чунин имтиёзҳо баҳравар шудаанд. Ҳамчунин, дар асоси ин қарор аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба 29 нафар омӯзгори ҷавон ҷитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст.

Тадбирҳои амалигардида нишон медиҳанд, ки Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини муассисаҳои таълимиро бо кадрҳои соҳибихтисос яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ медонанд. Тақвияти омодасозии омӯзгорон, дастгирии иҷтимоии онҳо ва ҷалби ҷавонон ба касби омӯзгорӣ барои рушди устувори низоми маорифи кишвар ва баланд бардоштани сифати таҳсил заминаи мусоид фароҳам меорад.

МУШКИЛОТИ НОРАСОИИ ОМӮЗГОРОН ДАР ҶАҲОН

Масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгорӣ имрӯз ба яке аз мушкилоти ҷиддии низоми маорифи ҷаҳон табдил ёфтааст. Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), агар тадбирҳои муассир андешида нашаванд, то соли 2030 норасоии омӯзгорон дар ҷаҳон ба 44 миллион нафар мерасад. Ҳамзамон, дар бисёр кишварҳо ҳиссаи омӯзгорони аз 50-сола боло афзоиш ёфта, тамоюли тарки касби омӯзгорӣ низ бештар мушоҳида мешавад. Ин вазъ давлатҳои гуногунро водор намудааст, ки тавассути ислоҳоти соҳаи маориф, беҳтар намудани шароити меҳнат ва ҷорӣ намудани барномаҳои ҳавасмандгардонӣ мушкилоти мазкурро бартараф намоянд.

Дар кишварҳои Африқо вазъият нигаронкунанда мебошад. Тақрибан 30 фоизи норасоии ҷаҳонии омӯзгорон ба ин минтақа рост меояд. Сабабҳои асосии ин ҳолат норасоии муассисаҳои омодасозии кадрҳо, инфрасохтори нокифоя, шароити номусоиди меҳнат ва камбуди мутахассисони соҳибихтисос мебошанд.

Дар кишварҳои Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои коҳиш додани норасоии омӯзгорон аз роҳҳои гуногун истифода мекунанд. Аз ҷумла, ба кор гирифтани омӯзгорон дар асоси шартномаҳои инфиродӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави таълим ва васеъ намудани барномаҳои бозомӯзии кадрҳо аз ҷумлаи чунин тадбирҳо мебошанд. Бо вуҷуди ин, чунин тадбирҳо ҳанӯз ҳам наметавонанд норасоии умумии омӯзгоронро пурра бартараф намоянд.

Дар Федератсияи Россия низ норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, бахусус, дар мактабҳои деҳот мушоҳида мегардад. Ин масъала бештар аз фанҳои математика, физика ва забонҳои хориҷӣ ба назар мерасад.

Дар Ҷумҳурии Эстония тақрибан 17,5 ҳазор омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолият менамоянд. Синни миёнаи омӯзгорон ба 55 баробар буда, норасоии кадрҳои омӯзгорӣ айни замон ба 1300 нафар ё 7,43 фоизи шумораи умумии омӯзгорон расидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин нишондиҳанда ҳамасола рӯ ба афзоиш аст.

Бо дарназардошти чунин вазъият, аксари кишварҳои ҷаҳон барои нигоҳ доштани омӯзгорон ва ҷалби кадрҳои нав тадбирҳои гуногуни дастгирӣ ва ҳавасмандгардониро амалӣ

менамоянд. Аз ҷумла, дар соли 2025 Ҳукумати Венгрия маоши омӯзгоронро ба ҳисоби миёна 21,2 фоиз зиёд намуда, ин афзоишро бо татбиқи низоми нави баҳодиҳии фаъолияти омӯзгорон вобаста кард. Ҳадафи асосии ин иқдом, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор ва ҷалби ҷавонон ба касби омӯзгорӣ мебошад.

Дар Латвия барномаи ҳамаҷонибаи дастгирии омӯзгорони ҷавон амал мекунад. Тибқи он, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд то ду сол баъд аз гирифтани диплом, ба давлатӣ барои дастгирӣ ва таъмини шароитҳои арзанда мурочиат намоянд. Барнома роҳнамоии касбӣ, иштирок дар гурӯҳҳои рушди касбӣ ва пардохти стипендияи ҳармоҳаро дар бар гирифта, ҳамзамон, барои осон намудани воридшавии ҷавонон ба касби омӯзгорӣ мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин барномаи давлатии «Синни нуқра» амалӣ мегардад. Дар доираи ин барнома соли 2025 зиёда аз 7000 омӯзгори соҳибтаҷрибаи нафақахӯр ба ноҳияҳои деҳот, шаҳрҳои хурд ва минтақаҳои дурдаст барои фаъолияти омӯзгорӣ сафарбар гардиданд. Ба онҳо маблағҳои дастгирӣ ҷудо гардида, инчунин, барои роҳнамоӣ ва омӯзонидани омӯзгорони ҷавон иловапулӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Шветсия низоми ягонаи миллии рушди салоҳияти омӯзгорон, тарбиятдиҳандагон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ амал мекунад. Ин низом сатҳҳои тахассус, талабот ба барномаҳои такмили ихтисос ва асосҳои илмии рушди касбиро муайян намуда, ба такмили доимии маҳорати омӯзгорон мусоидат мекунад.

Дар Дания низ ислоҳоти фарогири омодасозии омӯзгорон роҳандозӣ шудааст. Ҳадафи асосии ин ислоҳот, баланд бардоштани сифати барномаҳои таълимӣ, мутобиқ намудани онҳо ба талаботи замон ва ҷалби шумораи бештари довталабон, аз ҷумла, шахсони калонсол ба ихтисосҳои омӯзгорӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи кишварҳои гуногуни ҷаҳон нишон медиҳад, ки мушкилоти норасоии кадрҳои омӯзгориро танҳо тавассути маҷмуи чорабиниҳои ҳамоҳангшуда, аз қабили баланд бардоштани музди меҳнат, беҳтар намудани шароити кор, рушди касбӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва ҷалби ҷавонон ба касби омӯзгорӣ метавон коҳиш дод.

ИМТИЁЗОТ ВА МАҚОМИ БАЛАНДИ ОМӮЗГОР ДАР ТОҶИКИСТОН

Шоистаи таъкид аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ва мақоми омӯзгор ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф, беҳтар намудани шароити фаъолияти омӯзгорон ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоии онҳо далели равшани ин сиёсат мебошад:

Якум, баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон. Беҳтар намудани вазъи иҷтимоии омӯзгорон яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ музди меҳнати омӯзгорон беш аз 20 маротиба зиёд гардидааст. Ба ин мазмун, аз моҳи сентябри соли 2026 музди меҳнати кормандони соҳаи маориф боз ба андозаи 20-25 фоиз зиёд карда мешавад, ки ин тадбир барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагӣ ва ҳавасмандии омӯзгорон аҳамияти калон дорад.

Дуюм, фароҳам овардани имтиёзҳои иҷтимоӣ барои омӯзгорон. Бо мақсади ҷалби ҷавонон ба касби омӯзгорӣ ва дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаи маориф, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи мақоми омӯзгор» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» барои омӯзгорон имтиёзҳои гуногунро пешбинӣ менамоянд.

Сеюм, қадрдонӣ бо ҷоизаҳо ва мукофотҳои давлатӣ. Бо мақсади баланд бардоштани обрӯю нуфузи касбии омӯзгор ва ҳавасманд намудани омӯзгорони соҳибтаҷриба ва навовар, ҳамасола омӯзгорони фаъол бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида мешаванд, аз ҷумла, бо медали «Хизмати шоиста» ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон». Дар баробари ин, омӯзгорони лаёқатманд барои дастовардҳои назаррас бо «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф» ва «Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» сарфароз мешаванд. Ҳамчунин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол омӯзгорони фаъол, соҳибтаҷриба ва навоварро бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ менамояд.

Чорум, мулоқотҳои мунтазам бо омӯзгорон. Яке аз омилҳои муҳимми баланд гардидани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, таваҷҷуҳи рӯзафзуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳли маориф мебошад. Пешвои миллат мунтазам бо омӯзгорону кормандони соҳаи маориф мулоқот намуда, нақши онҳоро дар тарбияи насли ояндасоз, соҳибмаърифату ватандӯст, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рушди давлатдорӣ муҳим арзёбӣ мекунанд.

Панҷум, фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбия. Маълум аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ шароиту имконот ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ба таври назаррас беҳтар гардидаанд. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ вусъати тоза гирифта, ҳамасола садҳо муассисаи нави таълимӣ бунёд гардида, мавриди истифода қарор дода мешаванд. Муассисаҳои навбунёд дорои синфхонаҳои муосир, озмоишгоҳҳои фаннӣ ва дигар таҷҳизоти зарурии таълимӣ мебошанд. Фароҳам овардани чунин шароит ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва усулҳои фаъоли таълим дарсҳоро ҷолибу рангин ба роҳ монанд.

ХУЛОСА

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгорӣ имрӯз ба яке аз мушкилоти муҳимми низоми маорифи ҷаҳон табдил ёфтааст. Аз ин ҷост, ки ҳамасола талабот ба омӯзгорони соҳибихтисос афзоиш ёфта, кишварҳои гуногун барои ҷалб, нигоҳдорӣ ва ҳавасманд намудани омӯзгорон тадбирҳои муассири иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва касбиро амалӣ менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии омӯзгорон, баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибихтисос тадбирҳои судманд амалӣ менамоянд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» аз ҷумлаи муҳимтарин иқдомҳои давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва дахлнопазирии шаъну шарафи омӯзгор мебошад.

Татбиқи чунин сиёсати давлатӣ боис гардидааст, ки солҳои охир таваҷҷуҳи ҷавонон ба интихоби касби омӯзгорӣ бештар шавад. Ҳамасола ҳазорон нафар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз рӯйи ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм намуда, дар асоси роҳхат ва шартномаҳои дахлдор ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар мегарданд. Дар баробари ин, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо технологияҳои муосир ва беҳтар шудани шароити таълиму тарбия имкон фароҳам овардааст, ки омӯзгорону хонандагон дар муҳити мусоиди таълимӣ фаъолияту таҳсил намоянд.

Дар баробари тадбирҳои давлату ҳукумат, ҷомеа, падару модарон, воситаҳои ахбори омма ва тамоми қишрҳои ҷомеа низ бояд дар баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи омӯзгор саҳми шоиста гузоранд. Эҳтирому арҷгузорӣ ба омӯзгор, такмилбахши илму маърифат ва сармоягузорӣ ба ояндаи миллат мебошад.

Истиқлолу озодӣ барои мардуми Тоҷикистон гаронтарин неъмат ва пурқиматтарин сарвати зиндагӣ мебошад. Зеро ин падидаи нодири таърихӣ ба мо барои бунёди давлати мустақил, ҷомеаи озод ва мутамаддину пешрафта, эҳёи воқеии забон, таърих, фарҳанг ва дигар суннату арзишҳои чандинҳазорсолаи миллӣ имконият фароҳам овард.

Эмомалӣ Раҳмон

РАҚАМИКУНОНӢ: МАРҲАЛАИ НАВ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ



Темур МИРЗОЕВ – сардори шуъбаи таълими Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии ДБССТ

Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон танҳо имкони ташкили низоми нави сиёсиву иқтисодӣ набуд. Он, ҳамзамон, кишварро дар баробари зарурати мутобиқ шудан ба ҷаҳоне қарор дод, ки дар он технология бо суръати бесобиқа тарзи зиндагӣ, истеҳсол, тиҷорат, таҳсил ва идоракуниро дигар мекард. Агар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ компютер барои қисми зиёди ҷомеа ҳанӯз воситаи нодир ба шумор мерафт, имрӯз телефони мобилӣ, интернет, пардохти электронӣ, ҳуҷҷати рақамӣ ва хидматрасонии фосилавӣ ба зиндагии ҳаррӯзаи мардум торафт бештар ворид мешаванд.

Роҳи тайкардаи Тоҷикистонро дар ин самт набояд танҳо бо шумораи компютерҳо ё телефонҳои ҳушманд арзёбӣ кард. Тағйироти муҳимтар дар он аст, ки технология тадриҷан аз воситаи ёрирасон ба ҷузъи низоми идоракунӣ ва иқтисоди миллӣ табдил меёбад.

АЗ КОМПЮТЕРКУНОНӢ ТО ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои электронӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳалаҳои нисбатан аввали даврони истиқлол гузошта шуданд. Соли 2002 Қонун «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» қабул гардид ва соли 2007 қонунгузорӣ дар самти имзои электронии рақамӣ ташаккул ёфт. Бо рушди технология ин санадҳо ниёз ба навсозӣ пайдо карданд ва соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» қабул шуд. Қонуни нав асосҳои ҳуқуқию ташкилии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва истифодаи намудҳои гуногуни имзои электрониро муайян мекунад.

Дар баробари ин, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрванд дар фазои рақамӣ низ тадриҷан аҳаммияти бештар пайдо кард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 3 августи соли 2018 тартиби ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумоти шахсиро муайян намудааст. Ин масъала бо зиёд шудани хидматрасониҳои электронӣ, пардохтҳои рақамӣ ва маҳзанҳои иттилоотӣ боз ҳам муҳимтар мегардад.



Марҳалаи сифатан нави сиёсати рақамикунонӣ бо қабули **Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** оғоз ёфт. Он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 тасдиқ гардид. Баъдан Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025 қабул шуд. Соли 2021 Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт ва минбаъд ваколатҳои он дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати рақамӣ тақвият дода шуданд.

Ин пайдарпайӣ нишон медиҳад, ки сухан дигар танҳо дар бораи «компютеркунонии идораҳо» намеравад, ҳадаф ташкили муҳити рақамиест, ки давлат, соҳибкор, муассисаи таълимӣ ва шаҳрванд дар он метавонанд маълумот ва хидматрасониро зудтар ва шаффофтар истифода баранд.

ПАРДОХТИ ЭЛЕКТРОНӢ – ТАҒЙИРОТЕ, КИ МАРДУМ ОНРО ЭҲСОС МЕКУНАНД

Яке аз нишонаҳои намоёни рақамикунонии солҳои охир, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мебошад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 аз 1 августи ҳамон сол пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ, ҷаримаҳо, хидматрасониҳои тиббӣ ва коммуналӣ ва дигар хидматрасониҳои музднoки давлатӣ ба шакли ғайринақдӣ гузаронида шуд.

Натиҷаи ин раванд аллакай дар омори расмӣ дида мешавад. Тибқи ҳисоботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон, соли 2025 бо истифода аз кортҳои бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ **136 миллион амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 42,4 миллиард сомонӣ** анҷом дода шудааст. Шумораи чунин амалиёт нисбат ба соли 2024 ба андозаи 47,1 фоиз ва ҳаҷми онҳо 39,8 фоиз зиёд гардидааст.

Ин рақамҳо танҳо омори бонкӣ нестанд, балки дар паси онҳо тағйир ёфтани одатҳои иқтисодии мардум меистад. Имрӯз шаҳрванд метавонад аз хона ҳаққи хидматрасонӣ пардохт кунад, маблағ интиқол диҳад ё як қатор уҳдадориҳои молиявиро бидуни навбат ва истифодаи пули нақд иҷро намояд. Дар сурати такмили инфрасохтор чунин низом метавонад на танҳо вақтро сарфа кунад, балки шаффофияти муомилоти молиявиро низ боло барад.

ПЕШРАФТ ҲАСТ, ВАЛЕ ФОСИЛАИ РАҚАМӢ ҲАНӮЗ БОҚИСТ

Муваффақиятҳои бадастомада набояд мушкилоти мавҷударо аз назар дур кунанд. Барои иқтисоди рақамӣ танҳо барнома ва қарорҳои ҳуқуқӣ кофӣ нестанд. Шарти аввал интернети босифат, дастрас ва устувор аст.

Маълумоти Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия нишон медиҳад, ки соли 2023 тақрибан **57 фоизи аҳолии Тоҷикистон аз интернет истифода мекарданд.** Ин нишондиҳанда аз як тараф, густариши назарраси фазои рақамиро нишон медиҳад, вале аз тарафи дигар, ҳанӯз аз сатҳи як қатор кишварҳои минтақа пасттар аст.

Бонки Ҷаҳонӣ низ дар арзёбии худ ба масъалаи дастрасӣ ва нархи интернет таваҷҷуҳ кардааст. Тибқи ҳуҷҷатҳои ин ниҳод, шумораи истифодакунандагони нодири интернети мобилии фарохмаҷро дар соли 2022 тақрибан ба 45 нафар ба ҳар 100 кас баробар буда, фарогирии хонаводаҳо бо интернети собити фарохмаҷро дар моҳи марти соли 2024 тақрибан 8 фоиз арзёбӣ мешуд. Ба мушкилоти дастрасӣ шароити кӯҳии кишвар, фарқияти шаҳру деҳот ва арзиши хидматрасонӣ низ таъсир мерасонанд.

Ин ҷо масъалаи муҳимми дигар пайдо мешавад: агар хидматрасонӣ электронӣ бошад, вале шаҳрванд интернети устувор надошта бошад ё истифодаи онро надонад, рақамикунонӣ барои ӯ имкон не, балки монеаи нав шуда метавонад. Аз ҳамин сабаб, рушди инфрасохтор бояд ҳамзамон, бо баланд бардоштани саводнокии рақамӣ сурат гирад.

МАКТАБ ВА ДОНИШГОҲ ДАР МАРКАЗИ ТАҒЙИРОТ

Ояндаи иқтисоди рақамиро бидуни кадрҳои дорои салоҳияти рақамӣ тасаввур кардан душвор аст. Мутахассиси имрӯза бояд на танҳо бо компютер кор карда тавонаду халос, балки маълумотро ҷустуҷӯ ва таҳлил кунад, бо низомҳои рақамӣ ҳамкорӣ намояд, хавфҳои кибериро дарк кунад ва аз технология барои ҳалли масъалаи касбӣ истифода барад.

Ин самт дар барномаҳои нави давлатӣ низ мавқеи муҳим гирифтааст. Лоиҳаи **Tajikistan Digital Foundations**, ки бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ амалӣ мегардад, маблағгузории ибтидоии **39 миллион доллар** дорад. Тибқи нақша, беш аз 28 ҳазор нафар бояд ба омӯзиши малакаҳои рақамӣ фаро гирифта шуда, 2 ҳазор нафар курсҳои сатҳи пешрафтаро гузаранд. Ҳамчунин, пайваст намудани ҳадди ақал 100 мактаб ва муассисаи атрофи онҳо ба интернети устувори фарохмаҷро пешбинӣ шудааст. Инҳо нишондиҳандаҳои мақсадноки лоиҳа то марҳалаҳои минбаъдаи татбиқ мебошанд, на натиҷаҳои аллакай бадастомада.

Барои Тоҷикистон ин самт аҳаммияти хоса дорад. Агар хонанда ва донишҷӯ танҳо истеъмолкунандаи шабака бошад, рақамикунонӣ ба рушди иқтисоди воқеӣ таъсири маҳдуд

мерасонад. Вақте ки ӯ барномасозӣ, таҳлили додаҳо, технологияҳои абрӣ, амнияти иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва истифодаи технологияро дар фаъолияти касбӣ меомӯзад, технологияи рақамӣ метавонад ба сармояи инсонӣ табдил ёбад.

СОЛҲОИ 2025-2030: МАРҲАЛАИ НАВ

8 январи соли 2025 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №911 солҳои **2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»** эълон гардиданд. Чунин тасмим нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ барои солҳои наздик ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди кишвар баррасӣ мешавад.

Дар ин марҳала диққат бояд бештар ба сифати тағйирот равона гардад. Масалан, чанд хидматрасонӣ ба шакли электронӣ гузашт – нишондиҳандаи муҳим аст, аммо боз ҳам муҳимтар он аст, ки шаҳрванд барои гирифтани он чанд дақиқа вақт сарф мекунад, чанд маълумотро такроран пешниҳод менамояд ва оё системаҳои гуногуни давлатӣ бо ҳам мубодилаи маълумот карда метавонанд ё не.

Дар ҳамин замина масъалаҳои **ҳамгироии махзанҳои давлатӣ, идентификатсияи рақамӣ, амнияти киберӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, инфрасохтори додаҳо ва хидматрасонии рақамии давлатӣ** ба самтҳои калидӣ табдил меёбанд. Лоиҳаи Digital Foundations низ маҳз таҳкими инфрасохтори давлатии рақамӣ, амният, мубодилаи маълумот ва малакаҳои рақамиро аз ҳадафҳои худ медонад.

ТЕХНОЛОГИЯ БОЯД БАРОИ ИНСОН ХИДМАТ КУНАД

Рақамикунонӣ худ ҳадафи ниҳоӣ нест. Агар барнома сохта шавад, вале истифодааш душвор бошад, агар интернет мавҷуд бошад, вале барои қисми аҳолӣ гарон афтад, ё агар маълумоти шаҳрванд ба таври кофӣ ҳифз нашавад, мо танҳо шакли корро иваз мекунем, на сифати онро.

Дурнамои Тоҷикистонро дар се самт метавон хулоса кард: **инфрасохтори дастрасу босифат, кадри дорои салоҳияти рақамӣ ва хидматрасонии рақамие, ки ба ниёзҳои инсон мутобиқ аст.** Дар баробари онҳо рушди соҳибкории технологӣ, истеҳсоли маҳсулоти барномавии ватанӣ, зеҳни сунъӣ, коркарди додаҳо ва амнияти киберӣ бояд тадриҷан ба бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ табдил ёбанд.

Дар сию панҷ соли истиқлол Тоҷикистон аз марҳалаи шиносоӣ бо технологияҳои иттилоотӣ ба марҳалае расидааст, ки рақамикунонӣ ба сиёсати давлатӣ, низоми молиявӣ, таҳсилот ва идоракунӣ ворид шудааст. Аммо қисми муҳимтарини роҳ ҳанӯз дар пеш аст. Суръати муваффақият аз шумораи барномаҳои насбшуда не, балки аз он муайян мешавад, ки технология то чӣ андоза зиндагии шаҳрвандро осон, иқтисодро рақобатпазир ва идоракуниро шаффофтар мекунад.

Аз ин рӯ, «Тоҷикистони рақамӣ» на танҳо маҷмуи серверҳо, шабакаҳо ва барномаҳо, балки ҷомеаест, ки дар он **дониш, маълумот ва технология барои рушди инсон ва мамлакат хидмат мекунанд**.

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки ҳама дастоварду пешрафтҳои мо маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ, сарҷамъиву иттиҳод ва заҳмати содиқонаи мардуми шарифи Тоҷикистон ба даст омадаанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар ҳифзу таҳкими дастовардҳои давлатдории навинамон талоши аз ин ҳам бештар намоем, фарзандонамонро дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтиром ба таъриху фарҳанги миллӣ ва заҳмати софдилонаву содиқона тарбия намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

НАВИСАНДАИ МИЛЛӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ЭҲЁИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ



Нозим НУРЗОДА – мудири шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, фарҳангшинос

Яке аз парвардагони номвари муҳити тарбиятии замони Шуравӣ, ки шогирди мактаби нависандагии устод Айнӣ буда, дар таърихи адабу фарҳанги муосири миллӣ мақому ҷойгоҳи сазовор дорад, устод Сотим Улуғзода мебошад. Чун дар арафаи 115-солагии устод Сотим Улуғзода қарор дорем, дар ҳошияи шахсият, дидгоҳ, мавқеъгирӣ ва мероси арзишманди адиби миллӣ, ки метавон ӯро ба унвони эҳёгари хотираи таърихӣ дар замону шароити нави таърихӣ шинохту муаррифӣ кард, чанд нуктаро ба сифати натиҷагирию хулосабандиҳои инфиродӣ хидмати хонандагон арз медорем.

Якум. Устод Улуғзода бо ибтикороту навгониҳои эҷодӣ, салиқаи баланди нависандагӣ, дидгоҳи вежаи миллӣ, мавқеъгирии давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва рисолати баланди иҷтимоию адабӣ дар таърихи адабу фарҳанги миллию фаромиллӣ мақоми сазовор дорад. Ӯ аз мактаби нависандагӣ ва илмию адабии устод Айнӣ сабақ гирифта, минбаъд дар радифи пайравони содиқи устод Айнӣ ва меросбарони муваффақи адабиёту фарҳанги миллӣ қарор мегирад.

Дувум. Устод Улуғзода дар муҳите ба воя расидааст, ки суннату анъаноти неки ниёкон дар хотираи мардуми маҳаллӣ ҳифз шуда, ҳанӯз аз байн нарафта буданд ва миёни афроди саршиноси маҳаллӣ авлавият доштанд. Падару модари устод Улуғзода, агарчи ба деҳқонию барзгарӣ иштиғол меварзиданд, дар тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, маърифатӣ, ҳувиятӣ ва мадании ӯ таъсиргузор будаанд. Махсусан, модараш, ки машқи шеър мекард, аз тариқи ашъори дилписанди бузургони адабиёти классикӣ ва нақли афсонаҳои ширини тоҷикӣ Улуғзодаи хурдсолро бо намунаҳои ҷолибу рангини адабиёти классикию халқӣ ошно месохт ва шуълаи адабу фарҳанги миллиро дар



дили фарзандаш бармефурӯхт. Бар илова, дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» (1954) устод Сотим Улуғзода аз муҳиту фазои деҳотӣ, ки дар ташаккулу рушди шахсияти нависанда нақш доштаанд, ёдоварӣ мекунад. Дар воқеъ, садоқати мардуми маҳаллӣ, содагию отифати деҳотӣ, урфу одатҳои музофотӣ, покизагию шаффофияти ахлоқӣ ва соири вежагиҳои ҷомеаи маҳаллӣ, ки дар шаклгирии зеҳну шууру тафаккури мардуми маҳаллӣ нақши асосӣ доранд, ба Улуғзодаи наврас бетаъсир набудаанд. Дар баробари ин, Улуғзода аз овони хурдсолӣ хурофазадагию бемаърифатӣ, ноогоҳию бесаводӣ, таассубу хушкандешӣ, беадолатию ноҷавонмардӣ, такаббуру худшефтагӣ, дунҳимматию пастфитратӣ ва худбохтагию беҳувиятӣ барин падидаҳои номатлуби ахлоқиро ба мушоҳида мегирад ва аз дидгоҳи кучаки хеш баррасӣ мекунад.

Севум. Вуруд ба мактаби усули нави Чуст, таҳсилу кор дар Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд ва ошноӣ бо муҳити илмию адабию фарҳангии минтақа (1925-1932) марҳалаи баъдии рушди шахсияти Улуғзода аст. Дар ин марҳила Улуғзода ба фазои нави тадрисӣ-таҳсилотӣ, дидгоҳҳои илмӣ, мавқеъгирии сиёсӣ-идеологӣ ворид мегардад ва он чи ки аз муҳити деҳотӣ – аз падару модар ва солмандони музофотӣ шунидаву омӯхта буд, дар ин макони таълимӣ-маърифатӣ қиёсу ташхис мекунад ва ба мартабаи баландтари фикрӣ мерасад. Мавсуф дар имтидоди таҳсилу кор дар Тошканд бо исми бузургтарину номдортарин чеҳраҳои адабию илмии миллӣ Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Низомӣ, Ҷомӣ, Мушфиқӣ ва дигарон ошно мегардад ва дар айни замон, аз мулоқоти симоҳои матраҳи адабу фарҳанги муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Нисор Муҳаммад бархурдор мешавад. Дар зимн, тариқи маслиҳату мушовираҳои шарқшиноси маъруфи рус М. С. Андреев ба омӯзиши адабиёти классикии тоҷику форс пардохта, салиқаи омӯзишӣ, завқи бадеӣ-эстетикӣ, диди илмию адабӣ ва сатҳи ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии хешро боло мебарад. Насиҳати шарқшинос ва олими тавонои рус М. С. Андреев бар ин мазмун, ки «миллати худро шинос» то охири умр дар гӯши хотираи ӯ садо дода, нависандаро ба масири омӯзишу таҳқиқу муаррифию таблиғи шоистаю боистаи мероси илмию адабию таърихию мадании миллат мекашонад. Ҷозибаи сухани пурмеҳри волидайн, аз як тараф ва ҷазбаи панду насиҳати М. С. Андреев мабнӣ бар ин ки «миллати худро шинос» минбаъд рисолати нависандагӣ ва масъулияти миллии Улуғзодаро таъйин мекунанд ва бад-ин минвол сарнавишти баъдии нависанда бо қисмати миллат гиреҳ мехӯрад ва таҳаққуқ меёбад.

Чаҳорум. Устод Улуғзода аз соли 1930 ба Тоҷикистон меояд ва сарнавишти минбаъдааш бо ин кишвар тавъам мегардад. Устод аз тариқи рӯзноманигорӣ ба адабиёт ва илм мепайвандад ва тавассути кору фаъолият дар ниҳодҳои бонуфузи интишоротии замони Шуравӣ ва пахшу нашри мақолоту мутолиботи оммавие, ки дар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳозира «Ҷавонони Тоҷикистон»), «Тоҷикистони сурх» (ҳозира «Ҷумҳурият») ва маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (имрӯза нашрияи миллии «Садои Шарқ») ба табъ мерасонд, миёни доираҳои рӯзноманигорӣ, адабӣ ва ҳизбӣ маъруф мегардад. Ин аст, ки тайи солҳои 1934-1937 устод Улуғзода вазифаи котиби масъули раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда гирифта, дар омода кардани кадрҳои миллӣ аз ҳисоби ҷавонони қаламкаши ватанӣ саҳми бевосита мегузорад. Гузашта аз ин, бо таваҷҷуҳ ба салиқаи илмӣ-пажуҳишӣ, устод Улуғзода соли 1940 ба аспирантураи Институти адабиёти ҷаҳонии Москав шомил шуда, ба фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ мепардозад. Бо оғоз ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Улуғзода ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ пайваста, то соли 1944 ба сифати рӯзноманигори низомӣ фаъолият карда, дар рӯзномае, ки ба ҷабҳаи Ғарбӣ тааллуқ дошт, матолиби тарғибӣ-ташвиқӣ ва маводи сиёсӣ-мафкуравиро пахшу нашр менамояд. Нависанда соли 1944 аз артиш ба ақибгоҳ даъват шуда, то соли 1946 вазифаи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро иҷро менамояд. Талошҳои шахсӣ, омӯзиши пайвастаи адабиёти адабию илмӣ, завқи баланди бадеӣ-эстетикӣ, салиқаи илмӣ-пажуҳишӣ, кандуковҳои тахассусӣ, ибтикороти фардӣ ва сахткӯшиҳои мудавоми эҷодӣ минҳайси вежагиҳои ҳайсиятӣ Улуғзодаро аз як фарди маъмули эҷодӣ то ба сатҳи шахсияти таъсиргузори миллию минтақавӣ табдил медиҳанд.

Панҷум. Устод забони русиро, ки он замон қудратмандтарин забони кишвари шуроҳо маҳсуб мешуд, дар сатҳи академӣ медонист. Аз тариқи ин забон устод Улуғзода китобу асарҳои хуби хориҷиро ба забони миллӣ-тоҷикӣ тарҷума намуда, аз ин ҳисоб сатҳи ҷаҳоншиносии хонандаи тоҷикро боло бурда, барнома-репертуарҳои театрҳои ватаниро ғанӣ гардонидааст. Ба ин маънӣ, устод осори Л. В. Войнич «Ғурмагас» (1931, 1981), Н. Ф. Погодин «Одами милтиқдор» (1940), К. Голдони «Хизматгори ду хоҷа» (1944), А. Н. Островский «Гунаҳкорони бегуноҳ» (1945), М. Горкий «Модар» (1953), В. Шекспир «Ҳамлет» (1970), Ж. Б. Молйер «Табиби зӯракӣ» (1972), М. Сервантес «Дон Кихот», Шарл де Костер «Тил Уленшпигел» (1975)-ро тарҷума ва ба табъ расонидааст. Бисёре аз тарҷумаҳои устод Улуғзода дар театрҳои ҳирфаӣ ба саҳна гузошта шудаанд. Бахусус, драмаи устод Улуғзода «Аллома Адҳам ва дигарон» аз ҷумлаи драмаҳои маъруфи давр буда, солҳои сол барнома-репертуари Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутиро зеб додаанд. Ҳамчунин, устод дар таълифу таҳияи филмномаҳо маҳорати баланд доштанд. Филмномаҳои маъруфи «Ҷавонии Ибни Сино» (1956) ва «Қисмати шоир»

(«Тоҷикфилм», 1957) ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Махсусан, филмномаи «Қисмати шоир» дар фестивал-озмуни филмҳои Осиёву Африқо (1960) ба дарёфти Ҷоизаи «Уқоби тиллоӣ» сазовор гардидааст.

Шашум. Тавре ки дар боло тазаккур додем, устод Улуғзода бо тавону қудрати илмию эҷодӣ кӯшидааст, ки хотираи таърихии миллатро дар шароити нави таърихӣ эҳё намуда, раванди худогоҳию худшиносии миллиро таҳкиму тақвият бахшад. Устод аз равандҳои иҷтимоию сиёсии замонӣ ва ҳассосиёти маконӣ хуб огоҳ буд ва бо такя ба донишу бинишу таҷриба талош меварзид, ки ҳофизаи ҷамъӣ ва ба истилоҳ, хотираи таърихии тоҷикро, ки бар асари таҳоҷумоти густурдаи сиёсию мафкуравию низомии аҷнабиён тӯли таърихи мутамодӣ сусту заиф ва ҳошиявӣ шуда буд, аз нав эҳёву барқарор намуда, миллатро ба марҳалаи нави рушду тараққӣ расонад.

Ҳафтум. Устод Улуғзода дуруст дарк карда буд, ки эҳёву барқарор кардани хотираи таърихии миллат танҳо аз тариқи василаву усулҳои гуногуни сиёсӣ-мафкуравӣ, илмӣ-пажуҳишӣ ва адабӣ-ҳунарӣ дар мисоли таблиғу ташвиқу муаррифии мероси гаронмояи аҷдодӣ имконпазир мегардад. Ба ин мақсад, солҳои шастуми асри гузашта фикри таълифи романи таърихиеро бо номи «Восеъ» дар сар мепарварад ва барои амалӣ намуди он ба минтақаи Кӯлоб сафар карда, тайи як сол аз амокини мавриди назар дидан намуда, бо пирону солмандони Дараи Мухтор ва навоҳии гирду атрофи он суҳбатҳо анҷом дода, ҳосили диду боздид ва вохӯрию мулоқоташро дар дафтари хотирот сабт сохтааст. Дар ин сафари эҷодӣ устод Улуғзодаро яке аз донишҷӯёни варзидаи вақти Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб Шукруллоҳи Файзӣ (мутаваллиди соли 1944, яке аз омӯзгорони варзидаи ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон) ҳамроҳӣ кардааст. Тибқи нақли Шукруллоҳи Файзӣ, устод Улуғзода барои ҷамъоварии маводи зарурӣ ҷиҳати таълифи романи «Восеъ» ба минтақаи Кулоб сафари эҷодӣ анҷом медиҳад ва бо тавсияи устодони Донишкадаи педагогии Кӯлоб Шукруллоҳи ҷавон, ки аз ҷумлаи донишҷӯёни баҷуръату масъулиятшиносу донишманд маҳсуб мешуд, ҳамсафари Улуғзода интихоб мешавад ва устодро дар ҷустуҷӯҳои илмию эҷодӣ кумак менамояд. Муддати чанд моҳ Шукруллоҳи ҷавон устод Улуғзодаро дар ковишу ҷустуҷӯҳо ҳамроҳӣ карда, маводи заруриро пайдо менамояд ва дар хидмати нависандаи маъруфи миллӣ вомегузорад. Аз ҳамсафарӣ ва муколимаи самимию ихтисосӣ бо устод Улуғзода Шукруллоҳи ҷавон як ҷаҳон тасаввуроту донишу маърифат пайдо менамояд ва таҷрибаи илмию эҷодиашро тавсеа мебахшад. Аснои ҳамсафарӣ Шукруллоҳи ҷавон аз маҳорати нависандагӣ, сабки вежаи эҷодӣ, салиқаи таҳқиқу ҷустуҷӯҳои адабӣ, шеваи бозшиносии ҳаёту эҷодиёти мардумӣ, тарзи вожагузинӣ, фазилати суханшиносӣ, дидгоҳи бадеию эстетикӣ, мавқеъгирии миллӣ, дониши илмию ихтисосӣ ва ҷаҳоншиносии фалсафии устод Улуғзода баҳраманд мегардад ва самараи ҳамкорию ҳамсафарӣ бо ин фарзонаи миллат дар зиндагии минбаъдаи ҳирфавию эҷодию омӯзгории Шукруллоҳи Файзӣ таҳаввулоти сифатиро ба вуҷуд меоварад.

Ҳамин тариқ, романи «Восеъ» (1967) ҳосили кандуковҳои эҷодию илмию таҳқиқии устод Улуғзода аст, ки тавассути он на танҳо ҳаводиси таърихи гузаштаи моро ба тасвир мекашад, балки равандҳои сиёсии минтақавиро дар бастагӣ бо шуури сиёсию миллии мардуми тоҷик мавриди арзёбӣ қарор медиҳад. Қаҳрамонони романи «Восеъ», бо он ки шуури сиёсию миллиашон ташаккул наёфтааст, бар мабнои отифати маҳаллӣ, садоқату ҳимматбаландӣ, шарофату ҷавонмардӣ ва ҷуръату ҷасорати иҷтимоӣ, алайҳи зулму истибдоди амирӣ бармехезанд ва даъвии адолат мекунанд.

Ҳаштум. Устод дар имтидоди солҳои ҳафтодуми садаи бист, бо он ки дар шароити сахти равонӣ (фирори писараш Азиз ва мавриди фишори сиёсӣ-мафкуравӣ ва таъқиби ҳизбӣ қарор гирифтани нависанда) ва азияти фикрӣ қарор дошт, худро набохта, дасту оринҷ барзада, ба тақвияти хотираи таърихӣ ва таҳкими худогоҳию худшиносии миллӣ аз тариқи пахшу нашру муаррифии шоистаи мероси гаронарзиши ниёкон пардохт. Дар саргаҳи ҳадафгирию тасмимбандиҳои устод Улуғзода китоби безаволи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ қарор дошт. Ба ин манзур, устод сараввал тасмим гирифт, ки «Шоҳнома»-и Фирдавсиро, ки тавонмандии забонӣ, миллӣ, ҳувиятӣ, сиёсӣ, давлатмадорӣ ва фарҳангиамонро тайи таърих ба намоиш мегузорад, ба забони наср баргардонад ва пешкаши ҷомеаи миллӣ-ватанӣ намояд. Бо ин мақсад, дар заминаи «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ китоби дуҷилдаи мансури «Достонҳои Шоҳнома»

(1976-1977)-ро таълиф кард, ки ҳаводорони зиёде пайдо намуда, маҳбуби пиру барнои кишвар гардида, то имрӯз ба унвони беҳтарин шоҳкори насрӣ дар заминаи муаррифию таблиғи осори аҷдодӣ ба ҳисоб меравад.

Нуҳум. Ба дунболи китоби дуҷилдаи мансури «Достонҳои Шоҳнома», устод Сотим Улуғзода бар асоси ориентатсияи миллӣ, қиссаи «Ривояти суғдӣ» (1975)-ро таълиф мекунад ва хотираи таърихиро дар қолиби худогоҳию худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мунсаҷим месозад. Нависанда барои таълифи қиссаи «Ривояти суғдӣ» ҳадди ақал зиёда аз даҳ сарчашмаи адабию илмию таърихиро бо шумули асарҳои Табарӣ, Ал- Балозурӣ, Ибни Аъсами Куфӣ, Муҳаммади Наршахӣ, Ал-Истахрӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон истифода кардааст. Ин аст, ки қиссаи «Ривояти суғдӣ» бар пояи манобеи дасти аввали таърихӣ таълиф гардида, арзиши баланди адабию таърихӣ дорад. Дигар ин ки, қиссаи «Ривояти суғдӣ» дар доираи композитсияи адабӣ, сужаи мушаххаси бадеӣ ва тасвири ҳаводиси таърихӣ манзараи барқарории ҳофизаи ҷамъӣ, шуури сиёсӣ, тафаккури қавмӣ ва дидгоҳи миллии моро ба намоиш мегузорад. Тавонмандии сиёсӣ, ҷуръати иҷтимоӣ, ҷасорату мардонагӣ ва ғуруру ифтихороти миллӣ дар қисса ба унвони паёмҳои меҳварӣ гӯшзад мешаванд.

Даҳум. Дар замони бозсозӣ устод Улуғзода паҳнаи тасаввуроту тафаккуроту тахайюлоташро дар заминаи барқарории хотираи таърихӣ, асолати забонӣ, худогоҳию худшиносии миллӣ густурда карда, романи овозадори «Фирдавсӣ» (1988)-ро менависад. Авҷ-кулминатсияи эҷодиёти устод Улуғзода дар заминаи бозсозии забону шуури миллӣ, тақвияти ҳофизаи ҷамъӣ ва таҳкими ҳувияти тоҷикӣ, воқеан, романи «Фирдавсӣ» аст. Романи мазкур соли 1996 дар Озмуни байналмилалии «Китоби сол» ба дарёфти Ҷоизаи аввали Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон мушарраф гардидааст. Романи «Фирдавсӣ» аз лиҳози адабӣ-ихтисосӣ: ориентатсия-ҳадафгирии дурустҳисобии мантиқӣ; интихоби мавзуи ҷолиби миллӣ; ангеза-мотиви дархури замонӣ; сужасозӣ; композитсияи бадеӣ; воқеанигорӣ; муколимот-диалог ва монологгузориҳои вежаи замонӣ; бандубасти таърихӣ; вожагузинӣ ва конфликторӣ дар сатҳи баланди эҷодист. Аз ҳама муҳим, устод Улуғзода қаҳрамони асосӣ – Ҳаким Фирдавсиро бо тамомии ғурури ифтихороти қавмию миллию инсонӣ ба намоиш мегузорад.

Устод Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» бархурди ду навъи бинишу андешаву мавқеъ – яке, дидгоҳ, андеша ва мавқеи миллӣ-ориёӣ дар симои намояндаи аршади миллияти форсии тоҷикӣ – Ҳаким Фирдавсӣ ва дигаре, дидгоҳ, андеша ва мавқеи ғайримиллӣ-аҷнабӣ дар мисоли Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва дору дастаи хурофазадагону мутаассибони маҳаллиро, ки дар хидмати мафкураи бегона қарор доранд, ба риштаи тасвир бармекашад ва асолат, сарбаландӣ, сарафрозӣ, ифтихор ва ғурури миллиро дар баробари зӯргӯйиҳою истибдоди мафкураи аҷнабӣ пирӯз воменамоёнад.

Ёздаҳум. Устод Улуғзода аз тариқи романи «Фирдавсӣ» ва соири осори ватанпарастонаи худ, ба мо, аз як сӯ, дарси меҳанпарастию ҳувиятмадорӣ ва аз сӯйи дигар, паёми хирадсолорию давлатмеҳварӣ медиҳад. Нависандаи миллӣ дуруст дарк карда буд, ки тоҷик ва миллияти тоҷикӣ дар дарозои таърихӣ, бар асари таҳоҷумоти мудавоми аҷнабӣ, содагию хушбоварӣ, бепарвоию саҳлангорӣ, бетарафию фориғболӣ ва хирадгурезию ноогоҳӣ ҳофизаи ҷамъию хотираи таърихиашро фаромӯш карда, ба бунбасти фикрию маънавӣ мувоҷеҳ гардидааст. Нависанда худро муваззаф месозад, ки дар доираи асарҳои адабию бадеию илмӣ сари мушкилоти ҳувиятӣ, уқдаҳои фикрӣ ва буҳронҳои маънавӣ тамаркуз карда, миллатро ба сӯйи огоҳӣ, бедории фикрӣ, барқарории хотираи таърихӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, тақвияти худогоҳию худшиносӣ ва дар ниҳоят, нигаҳдошти давлатдории миллӣ савқ диҳад.

Дувоздаҳум. Дар ҳақиқат, устод Улуғзода масъулияти нависандагӣ ва рисолати миллиашро дар назди халқу миллат анҷом дод. Акнун навбати мост, ки тавассути осори ӯ худро дуруст бишносем, иштибоҳоту нуқсоноти худро ташхис бидиҳем, мушкилоти ҳувиятию фикриамонро бозбинию баррасӣ намоем ва дар партави барномарезиҳои дурустҳисобии соҳавӣ ба пеш – ба сӯйи фатҳи қуллаҳои мурод ҳадафмандонаву пайгирона ҳаракат кунем.

МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ



Таманно МАМАРАСУЛОВА – омӯзгори забони англисии МТМУ №48-и шаҳри Душанбе

Истиқлоли давлатӣ барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ неъмати бебаҳо, рамзи соҳибихтиёрии миллӣ, мояи ифтихори ватандорӣ ва заминаи асосии рушди давлату ҷомеа мебошад. Истиқлол ба миллати тоҷик имкон дод, ки худро ҳамчун миллати соҳибдавлат дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ ва роҳи мустақили рушди худро интихоб кунад, инчунин, барои ҳифзу таҳкими арзишҳои миллӣ, забон, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои неки ниёгон шароити мусоид фароҳам оварад.

Имрӯз, вақте ба роҳи тайкардаи Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ назар меафканем, пеш аз ҳама, ба дастовардҳое таваҷҷуҳ мекунем, ки дар самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маориф ва илму фарҳанг ба даст омадаанд. Албатта, расидан ба ин марҳалаҳои созандагӣ осон набуд. Солҳои аввали Истиқлол барои миллати тоҷик давраи бисёр ҳассосу пурмасъулият буд. Аммо бо азму иродаи қавӣ, хираду мардумӣ, барқарор гардидани сулҳу ваҳдати миллӣ ва сиёсати созандаву дурбинонаи давлат Тоҷикистон тавонист роҳи рушду пешрафти бесобиқаро интихоб намояд.

Ман ҳамчун як шаҳрванди Тоҷикистон ифтихор мекунам, ки дар давлати соҳибистиқлол кору фаъолият намуда, дар фазои сулҳу субот, оромиву осоиштагӣ ва ваҳдати миллӣ зиндагӣ мекунам. Барои мо, насли имрӯз, соҳибистиқлолии кишвар танҳо як санаи таърихӣ нест. Истиқлол воқеиятест, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо эҳсос мешавад ва барои ҳар як шаҳрванди кишвар масъулияти бузург мегузорад, зеро ҳифзи истиқлол танҳо вазифаи давлат нест, балки қарзи ҳар як фарди ватандӯст мебошад.

Дар ин раванд сухани созандаву руҳбахши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Тоҷикистон ба пеш!» аҳаммияти хосса дорад. Ин сухан имрӯз барои ҳар як ҷавони кишвар бояд маънои ҳаракат ба сӯйи дониш, худсозӣ, меҳнат, эҷодкорӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дошта бошад, зеро пешрафти давлат, пеш аз ҳама, аз сатҳи маърифат, дониш ва ҷаҳонбинии шаҳрвандони он вобаста аст.



Яке аз соҳаҳое, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид, соҳаи маориф мебошад. Ин бесабаб нест. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки бе рушди маориф, илм ва тарбияи насли соҳибмаърифат ба даст овардани пешрафти устувор ғайриимкон аст.

Дар давоми солҳои Истиқлол барои рушди соҳаи маориф тадбирҳои зиёде амалӣ гардиданд. Муассисаҳои нави таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд, шароити таълиму тарбия беҳтар гардид, имконоти таҳсил дар дохил ва хориҷи кишвар васеъ шуданд. Ҳамзамон, ба такмили мазмуну муҳтавои таҳсилот, истифодаи технологияҳои муосир, омӯзиши илмҳои дақиқу табиӣ ва забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид.

Имрӯз мактабу омӯзгор дар назди ҷомеа вазифаи басо масъулиятнок доранд. Ҷаҳони муосир босуръат тағйир меёбад. Илм, технология, иқтисоди рақамӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ҳар рӯз имконоти нав ба вуҷуд меоранд. Дар чунин шароит таълиму тарбияи хонанда танҳо бо азёд кардани маълумот маҳдуд шуда наметавонад. Хонандаи имрӯз бояд қобилияти мустақилона фикр кардан, ҷустуҷӯ намудани маълумот, истифода кардан аз технология, муошират дуруст ва омӯхтани пайвастаи донишҳои навро дошта бошад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, забони англисӣ, ба яке аз самтҳои муҳимми низоми муосири маориф табдил ёфтааст.

Дар ҷаҳони имрӯз забони англисӣ мавқеи махсус дорад. Он яке аз воситаҳои асосии муошират байналмилалӣ буда, дар соҳаҳои илм, технология, иқтисод, тиҷорат, сайёҳӣ, таҳсилоти олӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ васеъ истифода мешавад.

Агар ба солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар назар андозем, имконоти омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои қисми зиёди аҳолӣ нисбатан маҳдуд буданд. Китобҳои таълимӣ, маводи аудиовизуалӣ ва дигар воситаҳои омӯзишӣ ба осонӣ дастрас набуданд. Имрӯз бошад, вазъ ба куллӣ дигар шудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар муассисаҳои таълимӣ, марказҳои забономӯзӣ ва курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд. Хонандагону донишҷӯён метавонанд аз китобҳои муосир, маводи электронӣ, захираҳои интернетӣ ва барномаҳои таълимии рақамӣ истифода кунанд.

Ин ҳама далели он аст, ки Истиқлол барои рушди забономӯзӣ низ имконоти васеъ фароҳам овардааст. Забони англисӣ имрӯз танҳо як фанни таълимӣ нест. Он барои ҷавонон метавонад калиди дониш, илму технология ва имконоти нави касбӣ бошад. Ҷавоне, ки забони англисиро хуб медонад, метавонад ба сарчашмаҳои зиёди иттилоотӣ дастрасӣ пайдо кунад, китобу мақолаҳои илмиро дар забони асл бихонад, аз курсҳои байналмилалии онлайн истифода кунад, бо ҳамсолони худ аз кишварҳои гуногун муошират ва дар барномаҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок намояд.

Бешубҳа, донистани забони англисӣ барои ҷавонон имконоти таҳсилро низ васеъ мекунад. Имрӯз ҷавонони тоҷик барои таҳсил дар хориҷи кишвар, иштирок дар барномаҳои мубодилавӣ, конфронсҳои илмӣ, озмунҳо ва дигар лоиҳаҳои байналмилалӣ талош мекунанд. Дар аксари чунин маврид донистани забони англисӣ бартарии ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Аммо омӯзиши забони англисӣ набояд маънои камранг шудани забони модариро дошта бошад. Баръакс, ҳар қадар инсон забонҳои бештар омӯзад, ҳамон қадар бояд ба забони модарӣ ва фарҳанги миллии худ эҳтироми бештар дошта бошад. Мо бояд ба ҷавонон омӯзонем, ки забони англисиро барои шинохти ҷаҳон ва муаррифии Тоҷикистон истифода кунанд.

Яке аз дигаргуниҳои муҳим дар даврони Истиқлол ворид шудани технологияҳои муосир ба раванди таълим мебошад. Имрӯз омӯзиши забони англисӣ танҳо ба китоби дарсӣ ва тахтаи синф маҳдуд нест. Хонанда метавонад бо истифода аз компютер, телефон ва дигар воситаҳои рақамӣ талаффузи калимаҳоро бишнавад, филмҳои омӯзишӣ тамошо кунад, матнҳои англисӣ хонад, машқҳои интерактивиро иҷро намояд ва бо забони англисӣ муошират кунад.

Ин имконоти кори омӯзгорро ҳам осон ва ҳам масъулиятноктар менамоянд. Омӯзгори муосир бояд на танҳо дониши хуби забонӣ, балки малакаи истифодаи технологияҳои таълимиро низ дошта бошад. Дарс бояд барои хонанда ҷолиб, фаҳмо ва ҳавасмандкунанда бошад.

Ҷиҳати омӯзиши забони англисӣ танҳо донистани қоидаҳои грамматикӣ кофӣ нест. Хонанда бояд тавонад забонро дар амал истифода барад: сухан гӯяд, савол диҳад, ҷавоб гардонад, матн бихонад, андешаашро нависад ва фикри дигаронро дарк кунад. Аз ин рӯ, истифодаи усулҳои муосири таълим, аз ҷумла, корҳои гурӯҳӣ, муколама, нақшофарӣ, муҳокима, презентатсия, лоиҳаҳои эҷодӣ ва воситаҳои рақамӣ метавонад шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши забон бештар намояд.

Дар маркази ҳамаи ин равандҳо омӯзгор қарор дорад. Ҳеҷ як технология, барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ наметавонад ҷойгоҳи омӯзгори соҳибтаҷриба ва масъулиятшиносро пурра иваз намояд.

Омӯзгори забони англисӣ бояд дар баробари таълими луғат, грамматика, хондан ва гуфтугӯ дар қалби хонанда шавқу ҳаваси донишомӯзиро бедор созад. Ӯ бояд ба шогирд фаҳмонад, ки ҳар як забони омӯхташуда равзанаи наве ба ҷаҳони дониш аст.

Омӯзгор, инчунин, бояд дар хонандагон эҳсоси ватандӯстӣ, эҳтиром ба забони давлатӣ, фарҳанги миллӣ ва арзишҳои маънавиро ташаккул диҳад, зеро ҷавоне, ки забони хориҷиро медонад, метавонад кишвари худро беҳтар ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад.

Чунонки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад»

Бинобар ин, омӯзгори имрӯз бояд пайваста омӯзад. Ӯ наметавонад танҳо ба донишҳои солҳои донишҷӯӣ такя кунад. Забон ҳамеша рушд мекунад, усулҳои таълим тағйир меёбанд, технологияҳои нав пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, такмили ихтисос, мутолиаи китобҳои нав, иштирок дар семинару омӯзишҳо ва истифодаи таҷрибаи пешқадам бояд ҷузъи фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгор бошад.

Ман ҳамчун омӯзгори забони хориҷӣ (забони англисӣ) кӯшиш менамоям, ки дар ин раванд бетараф набошам ва бо истифода аз имконоти мавҷуда барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи шогирдон саҳми худро гузорам.

Барои ман омӯзиши забони англисӣ танҳо таълими як фан нест. Мақсади асосӣ ин аст, ки хонандагон дарк кунанд: дониш воситаи тағйир додани зиндагӣ ва сохтани ояндаи беҳтар мебошад. Ман мехоҳам шогирдонам забони англисиро ҳамчун калиди боз шудани дарҳои нави дониш, илм, фарҳанг ва имконоти касбӣ истифода кунанд.

Ҳар як калимаи нави омӯхташуда, ҳар як матни хондашуда, ҳар як ҷумлаи дуруст гуфташуда ва ҳар як китоби ба забони англисӣ мутолиашуда метавонад барои хонанда як қадами хурд, вале муҳим ба сӯи ояндаи равшан бошад.

Баъзан натиҷаи кори омӯзгор дарҳол ба назар намерасад. Аммо солҳо баъд шогирде, ки имрӯз дар синф як калимаи нав меомӯзад, метавонад фардо донишманд, муҳандис, табиб, дипломат, омӯзгор, соҳибкор ё мутахассиси сатҳи байналмилалӣ гардад. Агар ӯ дониши худро барои пешрафти Ватан истифода кунад, саҳми омӯзгори ӯ низ дар ин муваффақият бузург аст. Аз ин рӯ, ҳар як дарси забони англисӣ бояд на танҳо дарси забон, балки дарси масъулиятшиносӣ ва эҷодкорӣ бошад.

Истиқлол барои мо имкони интихоби роҳи мустақили рушдро фароҳам овард. Имрӯз вазифаи мо ин аст, ки аз ин имконот оқилона истифода барем, дониш омӯзем, касб аз худ кунем, забонҳои хориҷиро донем ва барои ояндаи кишвар саҳм гузорем, зеро Ватани обод аз маърифати баланд оғоз меёбад ва маърифати баланд бошад, аз мактаб, китоб ва омӯзгор сарчашма мегирад.

Маҳз дар натиҷаи заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи сокинони сарбаланди мамлакат пойдевори давлати навини тоҷикон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ гузошта шуд, кишвари мо дар арсаи ҷаҳон эътироф гардид ва муҳимтар аз ҳама, барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

«KHITOYOMUZ» – ВАСИЛАИ ИННОВАТСИОНИИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ЧИНӢ



Муҳаммадҷон ШАРИПОВ –
хонандаи синфи 11-и гимназияи №2-и ноҳияи Ёвон

МУҚАДДИМА

Дар солҳои охир рушди технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсири назаррас расонидааст. Яке аз самтҳое, ки аз ин раванд бештар манфиат гирифтааст, соҳаи маориф мебошад. Пайдоиши омӯзиши электронӣ (E-learning), омӯзиши мобилӣ (M-learning), зеҳни сунъӣ (AI) ва технологияҳои рақамӣ имкон фароҳам оварданд, ки дастрасӣ ба дониш сода, босуръат ва муассир гардад.

Имрӯз омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз талаботи муҳимми бозори меҳнат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Аз ҷумла, забони чинӣ ҳамчун яке аз забонҳои серистифодатарини ҷаҳон аҳаммияти иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии махсус касб намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва илмӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба мутахассисоне ниёз дорад, ки ин забонро хуб медонанд.

Бо вуҷуди ин, аксари воситаҳои омӯзиши забони чинӣ ба забонҳои англисӣ ё русӣ таҳия гардида, барои қисми зиёди истифодабарандагони тоҷик мутобиқ нестанд. Ин масъала зарурати таҳияи платформаҳои таълимии миллӣ ва мутобиқ ба талаботи истифодабарандагони тоҷикро ба миён меорад. Дар ҳамин хусус мақсади замимаи рақамӣ Khitoyomuz таҳия гардидааст.

Барнома ба истифодакунандагон имкон медиҳад, ки бо истифода аз смартфон дар вақти дилхоҳ забони чиниро омӯзанд. Замима аз технологияҳои муосири Flutter, Dart ва зеҳни сунъӣ истифо да бурда, дар системаҳои Web, Android ва iOS фаъолият мекунад. Ҳадафи асосии тадқиқот таҳлили имконоти техникӣ ва омӯзишии замимаи Khitoyomuz, арзёбии самаранокии истифодаи он дар омӯзиши забони чинӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили минбаъдаи система мебошад.



Барои расидан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳлили усулҳои муосири омӯзиши заминаи рақамӣ;
- омӯзиши имконоти Flutter дар таҳияи барномаҳои таълимӣ;
- таҳлили сохтори барномаи Khitoyomuz бо истифода аз зеҳни сунъӣ;
- муайян намудани бартарии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар омӯзиши забони чинӣ;
- пешниҳод намудани роҳҳои такмил ва рушди минбаъдаи система.

Навоварии илмии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал амсилаи замимаи рақамии мутобиқшуда барои омӯзиши забони чинӣ бо назардошти талаботи истифодакунандагони тоҷик пешниҳод гардидааст.

1. ШАРҲИ АДАБИЁТ ВА ТАҲЛИЛИ ТАДҚИҚОТ

Дар даҳсолаи охир технологияҳои рақамӣ яке аз самтҳои босуръат рушдёбандаи технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд. Афзоиши истифодаи интернети баландсуръат имкон фароҳам овард, ки қисми зиёди равандҳои таълимӣ ба муҳити рақамӣ интиқол дода шаванд.

Мувофиқи таҳқиқоти UNESCO, омӯзиши мобилӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён, новобаста аз ҷойгиршавӣ ва вақти омӯзиш, ба захираҳои таълимӣ дастрасӣ дошта бошанд. Ин усули таълим, махсусан, барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ самаранок мебошад, зеро омӯзиш метавонад пайваста ва б о истифода аз воситаҳои интерактивӣ анҷом дода шавад.

Тадқиқоти J. Traxler нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои мобилӣ метавонад сатҳи фаъолнокии донишҷӯёнро баланд бардошта, сифати азхудкунии маводи таълимиро беҳтар намояд. Ба ақидаи муаллиф, муҳити мобилӣ омӯзишро аз синфхона ба муҳити воқеии зиндагӣ интиқол медиҳад.

Таҳқиқоти дигар, ки аз ҷониби A. Kukulska-Hulme анҷом дода шудааст, собит менамояд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ тавассути смартфонҳо дар рушди малакаҳои нутқ, луғат ва талаффуз таъсири мусбат мерасонад.

Имрӯз шумораи зиёди барномаҳои омӯзиши забонҳо, аз ҷумла, Duolingo, HelloChinese, Memrise ва Busuu мавҷуданд. Гарчанде ин системаҳо имконоти васеъ доранд, аксари онҳо барои истифодабарандагони тоҷик пурра мутобиқ карда нашудаанд. Забони интерфейс, шарҳи грамматика ва муҳтавои таълимӣ асосан бо забонҳои англисӣ ё русӣ пешниҳод мешаванд. Аз ин рӯ, таҳияи замимаи Khitoyomuz ҳамчун воситаи таълимии мутобиқшуда барои истифодабарандагони тоҷик аҳаммияти амалӣ дорад. Бартарии асосии он дар мутобиқсозии маводи таълимӣ ба забони тоҷикӣ, соддагии истифода ва имкони омӯзиши мустақил мебошад.

2. УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТ

Дар ҷараёни таҳқиқот як қатор усулҳои илмӣ истифода гардиданд:

1. Таҳлили адабиёти илмӣ;
2. Таҳлили муқоисавии технологияҳои таҳияи барномавӣ;
3. Амсиласозии сохтори нармафзор;
4. Усулҳои муҳандисии нармафзор;
5. Санҷиши таҷрибавии барнома.

Барои таҳияи замима аз технологияҳои зерин истифода шудааст:

Flutter – фреймворки кушодаасоси ширкати Google барои сохтани барномаҳои бисёрплатформавӣ;

Dart – забони барномасозии асосии Flutter;

Android SDK – барои сохтани версияи Android;

Material Design – барои тарҳрезии интерфейси истифодабаранда;

AI ва ML – зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ.

Яке аз сабабҳои интихоби Flutter дар он аст, ки танҳо бо як пойгоҳи кодӣ (Single Code Base) мумкин аст ҳам барои Android ва ҳам барои iOS барнома таҳия карда шавад. Ин усул вақти таҳияро кам намуда, хароҷоти нигоҳдории система ва навсозии онро коҳиш медиҳад.

Дар раванди тарҳрезӣ принсипҳои муҳандисии нармафзор, аз ҷумла, модулнокӣ, истифодаи такрории компонентҳо, ҷудокунии мантиқ аз интерфейс ва марҳалаи ниҳоии иҷро ба назар гирифта шуданд.

3. СОХТОРИ ЗАМИМАИ РАҚАМИИ KHITOYOMUZ

Сохтори умумии барнома аз якчанд модули асосӣ иборат мебошад:

1. Модули бақайдгирӣ ва воридшавӣ

Ин модул барои муайян намудани истифодабаранда ва нигоҳдории маълумоти шахсӣ хизмат мекунад. Истифодабаранда метавонад ҳисоби шахсӣ эҷод намуда, пешрафти омӯзиши худро нигоҳ дорад.

2. Модули омӯзиши луғат

Дар ин қисмат калимаҳои чинӣ бо тарҷумаи тоҷикӣ, талаффуз (Pinyin) ва намунаҳои истифода пешниҳод мегарданд. Барои беҳтар намудани азхудкунӣ машқҳои интерактивӣ низ пешбинӣ шудаанд.

3. Модули грамматика

Қоидаҳои асосии грамматикаи забони чинӣ бо шарҳи муфассал, мисолҳо ва машқҳои амалӣ пешниҳод мешаванд.

4. Модули санҷиши дониш

Пас аз омӯзиши ҳар як мавзӯъ истифодабаранда метавонад тест супорад. Натиҷаҳо ба таври худкор ҳисоб карда шуда, сатҳи дониш муайян карда мешавад.

5. Модули профил

Дар ин бахш маълумоти истифодабаранда, натиҷаҳои омӯзиш, омор ва дастовардҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Ин сохтор имкон медиҳад, ки барнома минбаъд низ васеъ гардонда шуда, модулҳои нав ба он илова гарданд.

4. ТАРҲИ ТЕХНИКИИ ЗАМИМАИ KHITOYOMUZ

Ҳангоми таҳияи замимаи Khitoyomuz ба принсипҳои муҳандисии муосири нармафзор такя карда шуд. Мақсади асосӣ эҷоди як низоми босуръат, устувор, васеъшаванда ва барои истифодабаранда қулай буд. Аз ин рӯ, тарҳи модулӣ интихоб гардид, ки дар он ҳар як қисми барнома вазифаи муайянро иҷро намуда, аз дигар қисматҳо мустақил фаъолият мекунад. Сохтори умумии барнома аз қабатҳои зерин иборат мебошад:

Қабати интерфейс (Presentation Layer). Ин қабат тамоми унсурҳои графикиро дар бар гирифта, ҳамкории мустақими истифодабарандаро бо система таъмин менамояд. Бо истифода аз Flutter интерфейси ягона барои Android ва iOS сохта шудааст. Қабати мантиқӣ (Business Logic Layer). Дар ин қабат тамоми алгоритмҳои коркарди маълумот, ҳисобкунии натиҷаҳои тестҳо, идоракунии дарсҳо ва татбиқи қоидаҳои таълимӣ ҷойгир шудаанд. Қабати маълумот (Data Layer). Барои нигоҳдорӣ ва идоракунии маълумот аз пойгоҳи додаҳо истифода бурда мешавад. Дар ин қабат маълумоти корбар, рӯйхати дарсҳо, луғат, натиҷаҳои санҷиш ва танзимоти шахсӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ҷудо намудани ин қабатҳо имкон медиҳад, ки тағйирот дар як қисми система ба кори дигар қисматҳо таъсири манфӣ нарасонад. Ин усул, инчунин, нигоҳдорӣ, санҷиш ва рушди минбаъдаи барномаро осон мекунад.

5. БАРТАРИЯҲОИ ЗАМИМАИ KHITOYOMUZ

Таҳлили функсионалии барнома нишон медиҳад, ки он нисбат ба усулҳои анъанавии омӯзиш як қатор бартариҳо дорад:

- омӯзиш дар дилхоҳ вақт ва макон;
- интерфейси сода ва фаҳмо барои истифодабарандагони тоҷик;
- омӯзиши пайдарпай аз сатҳи ибтидоӣ то миёна;
- истифодаи тестҳои интерактивӣ барои санҷиши дониш;
- нигоҳдории натиҷаҳои омӯзиш;
- имкони васеъ намудани маводи таълимӣ;
- мутобиқат бо системаҳои Android ва iOS;
- кам намудани хароҷоти омӯзиш;
- баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми барнома мутобиқсозии он ба талаботи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии Тоҷикистон мебошад. Ин хусусият имкон медиҳад, ки омӯзиш ба забони тоҷикӣ анҷом дода шавад ва истифодабаранда бе истифода аз воситаҳои иловагӣ маводи заруриро азхуд намояд.

6. НАВОВАРИИ ИЛМӢ

Навоварии илмии тадқиқотӣ дар асоси зеҳни сунъии мазкур дар чанд самти асосӣ зоҳир мегардад.

Аввалан, амсилаи нави омӯзиши забони чинӣ тавассути технологияҳои рақамӣ барои муҳити таълимии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дуюм, замимаи Khitoyomuz бо назардошти хусусиятҳои забонии истифодакунандагони тоҷик таҳия гардидааст, ки дар аксари барномаҳои хориҷӣ мавҷуд нест.

Сеюм, истифодаи Flutter имкон медиҳад, ки танҳо бо як пойгоҳи кодӣ барнома барои якчанд платформа таҳия карда шавад. Ин равиш вақти таҳияро коҳиш дода, сифати маҳсулоти нармафзорро баланд мебардорад.

Чорум, механизми худкор барои баҳогузории дониш ва нигоҳдории натиҷаҳои таҳлили пешрафти истифодакунандагон корбаст мешавад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои таҳияи дигар системаҳои омӯзиши рақамӣ низ ҳамчун асос истифода гарданд.

7. НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚ

Дар рафти таҳқиқот намунаи амалкунандаи замимаи рақамии Khitoyomuz таҳия ва санҷида шуд.

Натиҷаҳои санҷиш нишон доданд, ки:

- суръати кори барнома баланд мебошад;
- вақти оғози барнома кӯтоҳ аст;
- интерфейс барои истифодакунандагон фаҳмо мебошад;
- ҳамаи модулҳои асосӣ устувор фаъолият мекунанд;
- гузариш байни дарсҳо ва тестҳо бе таъхир иҷро мешавад;
- истифодакунандагон метавонанд омӯзишро аз ҷои қатъшуда идома диҳанд.

Истифодаи барнома дар муҳити таълимӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯён нисбат ба усулҳои анъанавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, омӯзишро мунтазам идома медиҳанд.

8. МУҲОКИМА

Таҳлили натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои рақамию мобилӣ метавонад сифати омӯзиши забонҳои хориҷиро ба таври назаррас беҳтар намояд.

Барномаи Khitoyomuz танҳо воситаи пешниҳоди маълумот нест, балки муҳити интерактивии омӯзиширо ташкил медиҳад. Мавҷудияти тестҳо, луғат, грамматика ва интерфейси муосир ба ташаккули малакаҳои мустақилонаи омӯзиш мусоидат мекунад.

Система имконоти зеринро дорост:

- истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ (AI);
- шинохти овоз ва санҷиши талаффуз;
- чатботи таълимӣ;
- тавсияҳои инфиродӣ барои ҳар як донишҷӯ;
- ҳамоҳангсозӣ бо хидматҳои абрӣ;
- панели омӯзгор барои назорати пешрафти донишҷӯён.

Татбиқи чунин имконот метавонад барномаро ба як платформаи мукаммали омӯзиши забони чинӣ табдил диҳад.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян гардид, ки истифодаи технологияҳои инноватсионӣ яке аз роҳҳои самараноки рақамикунонии низоми таҳсилот ба ҳисоб меравад. Таҳия ва татбиқи замимаи рақамии Khitoyomuz нишон дод, ки истифодаи технологияҳои муосири барномасозӣ метавонад сифати омӯзиши забони чиниро беҳтар намуда, дастрасии истифодабарандагонро ба маводи таълимӣ осон гардонад.

Таҳлили имконоти техникии барнома нишон медиҳад, ки истифодаи фреймворки Flutter барои сохтани замимаҳои бисёрплатформавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техникӣ самаранок мебошад. Як пойгоҳи ягонаи код имкон медиҳад, ки ҳам барои системаҳои Android ва ҳам барои iOS барнома таҳия ва дастгирӣ карда шавад. Ин усул вақти таҳия, арзиши нигоҳдорӣ ва эҳтимоли хатогиҳоро коҳиш медиҳад.

Таҳқиқот муайян намуд, ки интерфейси сода, тарҳи мувофиқ ва истифодаи машқҳои интерактивӣ ба баланд гардидани шавқу ҳаваси истифодакунандагон мусоидат мекунад. Барнома имкон медиҳад, ки донишҷӯён мустақилона луғат, грамматика, талаффуз ва малакаҳои забони чиниро такмил диҳанд.

Навоварии илмии тадқиқот дар таҳияи муҳити таълимии рақамии мутобиқшуда барои истифодабарандагони тоҷик, истифодаи меъмории муосири барномасозӣ ва пешниҳоди амсилаи инноватсионии омӯзиши мобилӣ ифода меёбад.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва курсҳои омӯзишии онлайн истифода шаванд. Инчунин, сохтори таҳияшуда барои эҷоди дигар барномаҳои таълимии рақамию мобилӣ низ ҳамчун намуна хизмат карда метавонад.

Замимаи рақамӣ метавонад бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ (Artificial Intelligence), омӯзиши мошинӣ (Machine Learning), шинохти нутқ (Speech Recognition), тавлиди тавсияҳои инфиродӣ ва истифодаи технологияҳои абрӣ (Cloud Computing) амалӣ карда шавад. Илова намудани чунин имконот сатҳи мутобиқшавии барномаро ба талаботи истифодабарандагон боз ҳам баланд мебардорад. Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки таҳия ва татбиқи замимаи рақамӣ Khitoyomuz як қадами муҳим дар роҳи рақамикунонии низоми омӯзиши забони чинӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои рушди таҳсилоти рақамӣ ва баланд бардоштани сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Flutter Team. Flutter Documentation. Google, 2025.
2. Dart Team. The Dart Programming Language Specification . Google, 2025.
3. Traxler, J. Mobile Learning: Transforming Education. Routledge, 2018.
4. Kukulska-Hulme, A. Mobile Learning and Language Teaching. Springer, 2020.
5. UNESCO. Mobile Learning Week Report. Paris, 2023.
6. UNESCO. ICT in Education: Global Report. Paris, 2022.
7. Sommerville, I. Software Engineering. 10th Edition. Pearson, 2021.
8. Pressman, R., Maxim, B. Software Engineering: A Practitioner's Approach. McGraw-H ill, 2020.
9. Gamma, E., Helm, R., Johnson, R., Vlissides, J. Design Patterns. AddisonWesley, 2019.
10. Android Developers. Android Developer Guide. Google, 2025.
11. Apple Inc. iOS Human Interface Guidelines . Apple Developer, 2025.
12. Martin, R. C. Clean Architecture. Prentice Hall, 2018.
13. Nielsen, J. Usability Engineering. Morgan Kaufmann, 2020.
14. ISO/IEC 25010:2011. Systems and Software Quality Models.
15. IEEE Computer Society. Software Engineering Body of Knowledge (SWEBOK V4). IEEE, 2024.
16. Google Developers. Material Design 3 Guidelines. Google, 2025.
17. Oracle. Object-Oriented Programming Concepts. Oracle Documentation, 2024.
18. Bishop, C. M. Pattern Recognition and Machine Learning. Springer, 2019.
19. Russell, S., Norvig, P. Artificial Intelligence: A Modern Approach. 4th Edition. Pearson, 2021.
20. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ. – Душанбе, 2024.

Дар ин росто, мо бояд насли наврасу ҷавонро бо таърихи бисёр қадимӣ ва шукӯҳманду пурифтихори миллати тоҷик, бо мақому манзалати забони ширину шоиронаи тоҷикӣ, бо фарҳанги рангорангу ғановатманди бостонӣ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои деринаи миллӣ ҳарчи бештар ошно намоем. Мо бояд дар зеҳну шуури онҳо ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, нангу номус ва муҳаббату садоқат ба Ватанро тарбия кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

АЗ ИСТИҚЛОЛ ТО РУШДИ УСТУВОР



Муқаддас РАҲИМОВА – декани факултети кори ҳамширагӣ дар заминаи таҳсилоти умумии асосии Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор

Дар таърихи давлату давлатдории миллии мо 9-уми сентябри соли 1991 ҳамчун санаи муқаддас, хотирмон ва тақдирсоз сабт гардидааст. Маҳз дар ҳамин рӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Истиқлоли давлатии худро эълон намуд. Ин рӯйдод дар сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳалаи нави таърихиро ба вуҷуд овард ва барои ташаккули давлати соҳибихтиёр, муайян намудани самти рушди мустақилона ва таҳкими ҳувияти миллӣ заминаи муҳим фароҳам сохт.

Имрӯз, пас аз 35 соли Истиқлоли давлатӣ, мо имкон дорем, ки ба роҳи тайкардаи кишвар назар афканда, дастовардҳо, мушкилот ва таҷрибаи давлатсозии миллиро мавриди таҳлил қарор диҳем. Барои миллати тоҷик 35 сол фурсати чандон тӯлонӣ нест. Аммо барои давлати ҷавон ин давра саршор аз рӯйдодҳои бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, ҳамчун марҳалаи муҳимми ташаккули давлатдории навини тоҷикон арзёбӣ мешавад.

Ин давра барои Тоҷикистон, пеш аз ҳама, солҳои озмоишҳои сангин ва ҳамзамон солҳои бунёдкориву созандагӣ буд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохторҳои давлатӣ, гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ташаккули низоми нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ, барқарор намудани иқтисоди кишвар ва таъмини суботу амният аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимме буданд, ки давлату миллати тоҷик дар оғози роҳи истиқлол бо онҳо рӯ ба рӯ гардид.

Аз ин рӯ, таҷрибаи 35-солаи Истиқлоли давлатӣ танҳо маҷмуи санаҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ нест. Он як раванди мураккаби давлатсозӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани заминаҳои устувори давлатдории миллӣ мебошад.

Дар роҳи ташаккули давлатдории навини кишвар солҳои 1991-1997 марҳалаи ниҳоят ҳассос ва пурпечутоб ба ҳисоб мераванд. Кишвар дар баробари мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ, ба оқибатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар чунин шароит ҳифзи давлатдорӣ, барқарор намудани сулҳу субот ва муттаҳид сохтани ҷомеа вазифаи аввалиндараҷа гардид.



Яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои таърихи навини Тоҷикистон дар ин самт, ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27-уми июни соли 1997 мебошад. Ин санади таърихӣ ба раванди муқовимати мусаллаҳона хотима гузошта, барои оғози марҳалаи нави ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар замина фароҳам овард.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз ҳамчун яке аз намунаҳои муҳимми ҳалли низоъ тавассути гуфтушунид ва расидан ба ризоияти миллӣ мавриди омӯзиш қарор дорад. Арзиши асосии ин

таҷриба дар он аст, ки ҷонибҳои даргир дар ниҳоят ба манфиати сулҳу субот ва ояндаи давлату миллат гузаштанд.

Барқарор гардидани сулҳ барои Тоҷикистон на танҳо ба маънои хомӯш шудани оташи ҷанг, балки заминаи асосии барқарорсозии иқтисоди миллӣ, фаъолияти пурраи ниҳодҳои давлатӣ, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва бозгашти кишвар ба масири созандагӣ гардид.

Марҳалаи баъди соли 1997-ро метавон давраи таҳкими суботи сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва ташаккули институтҳои муосири давлатдорӣ номид. Дар ин давра заминаҳои ҳуқуқии давлатдорӣ таҳким ёфта, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ такмил гардид ва сиёсати дохиливу хориҷии кишвар ба марҳалаи нави рушд ворид шуд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва муайян намудани асосҳои сохтори давлатӣ нақши муҳим бозид. Дар баробари ин, Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро бар асоси манфиатҳои миллӣ ва ҳамкории созанда бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба роҳ монд.

Сиёсати «дарҳои боз» имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодиро густариш диҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ гардида, дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иштироки фаъол пайдо намуд.

Эътирофи байналмилалии Тоҷикистон ва густариши муносибатҳои дипломатӣ барои кишвар имконоти нави ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, маориф, илм, фарҳанг ва дигар самтҳоро ба вуҷуд овард. Ҳамин тавр, истиқлол барои Тоҷикистон на танҳо имкони мустақилона муайян намудани роҳи рушди дохилӣ, балки имкони барқарор намудани ҷойгоҳи хоси худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати даврони Истиқлол эҳёи арзишҳои миллӣ ва таҳкими худшиносии мардум мебошад. Истиқлол ба миллати тоҷик имкон дод, ки ба таърихи пурғановати худ боз ҳам амиқтар назар андозад, осори ниёгонро омӯзад ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангиро ҳифзу эҳё намояд. Дар ин раванд мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ таҳким ёфт. Ба омӯзишу ҳифзи мероси фарҳангӣ, таърихи миллат, адабиёти классикӣ ва осори фарзандони барӯманди тоҷик таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид.

Эҳёи ҷашну суннатҳои миллӣ низ аз падидаҳои муҳимми ин давра ба ҳисоб меравад. Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва Сада, ки решаҳои амиқи таърихию фарҳангӣ доранд, дар ҳаёти фарҳангии кишвар мақоми хос пайдо карданд ва баъзе аз онҳо бо ташаббуси Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардиданд. Ин раванд танҳо эҳёи ҷашнҳо нест. Муҳимтар аз ҳама, он ба таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърих ва дарки масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Миллате, ки таърих ва фарҳанги худро мешиносад, метавонад бо итминон ба оянда қадам гузорад.

Дар даврони Истиқлол яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ буда, истифодаи самараноки он имкон медиҳад, ки барои рушди иқтисодии кишвар заминаи муҳим фароҳам оварад. Дар ин самт сохтмон ва навсозии неругоҳҳои барқи обӣ, аз ҷумла, НБО-и «Роғун», аҳаммияти махсус пайдо кард. Татбиқи чунин лоиҳаҳои бузург на танҳо барои таъмини аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодӣ бо неруи барқ муҳим аст, балки метавонад барои рушди истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, масъалаи энергетика дар солҳои истиқлол ба яке аз самтҳои калидии сиёсати иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфт.

Рушди соҳаи нақлиёту коммуникатсия низ яке аз самтҳои муҳимми давлатсозӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофии кишвар ва мушкилоти мавҷудаи иртиботӣ зарурати сохтмони роҳҳо, пулҳо ва нақбҳои навро ба миён овард.

Дар даврони Истиқлол сохтмони як қатор иншооти муҳимми нақлиётӣ, аз ҷумла, нақбҳои Анзоб, Шар-Шар ва роҳҳои байналмилалӣ ба анҷом расид. Татбиқи чунин лоиҳаҳо ба беҳтар шудани робитаҳои дохилӣ, рушди тиҷорату иқтисод ва васеъ гардидани имконоти ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа мусоидат кард.

Агар дар солҳои аввали истиқлол кишвар бо мушкилоти ҷиддии иртиботӣ рӯ ба рӯ буд, имрӯз имконоти нақлиётӣ хеле васеъ шудаанд. Ин раванд барои рушди иқтисоди миллӣ, бахусус, тиҷорат, сайёҳӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини рушди кишвар дар даврони Истиқлол соҳаи маориф мебошад, зеро бунёди ҷомеаи муосир ва иқтисоди рақобатпазир бидуни насли соҳибмаърифат, донишманд ва дорои касбу малакаҳои замонавӣ имконнопазир аст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар муассисаҳои нави таълимӣ бунёд ёфта, шумораи мактабҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, донишгоҳҳо ва донишкадаҳо афзоиш ёфт. Барои ҷавонон имконоти таҳсил дар дохил ва хориҷи кишвар низ бештар гардид.

Таваҷҷуҳ ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ низ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Эълон шудани солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» ба баланд бардоштани таваҷҷуҳи ҷомеа ба илмҳои мазкур такони иловагӣ бахшид.

Дар баробари ин, ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология зарурати омӯзиши забонҳои хориҷиро низ бештар кардааст. Ҷавонони имрӯз бояд на танҳо соҳиби касб, балки дорои ҷаҳонбинии васеъ ва малакаҳои муошират байналмилалӣ бошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ метавонад яке аз воситаҳои муҳимми пайвастани ҷавонон ба фазои ҷаҳонии илму дониш бошад.

Агар ба таҷрибаи 35-солаи Истиқлоли давлатӣ назар андозем, метавон ба чунин хулоса расид, ки Тоҷикистон марҳалаи ниҳоят душвори ташаккули давлатдории миллиро тай намуда, аз бухрон ба марҳалаи субот ва рушди устувор гузаштааст. Дар ин давра кишвар тавонист пояҳои давлатдории худро таҳким бахшад, сулҳу ваҳдати миллиро барқарор ва ҳифз намояд, муносибатҳои байналмилалиро густариш диҳад, инфрасохтори иқтисодиро рушд диҳад ва барои пешрафти соҳаҳои иҷтимоӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварад.

Албатта, рушди кишвар раванди бефосила аст ва ҳеҷ давлат наметавонад бо дастовардҳои гузашта маҳдуд шавад. Дар назди Тоҷикистон низ вазифаҳои нав қарор доранд. Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисод, рушди илм ва маориф, истифодаи технологияҳои муосир, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва тақвияти мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми марҳалаи нав мебошанд. Ҳадафҳои миллӣ то соли 2030 низ маҳз ба он равона шудаанд, ки заминаҳои рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум боз ҳам таҳким ёбанд.

Таҷрибаи 35 соли Истиқлол нишон медиҳад, ки давлатсозӣ танҳо кори як насл нест. Ин раванд масъулияти доимии тамоми ҷомеа мебошад. Истиқлолро ба даст овардан як тарафи кор аст, аммо ҳифз кардан, таҳким бахшидан ва барои наслҳои оянда нигоҳ доштани он масъулияти боз ҳам бузургтар мебошад. Дар ин замина нақши ҷавонон, махсусан, муҳим аст, зеро онҳо на танҳо ворисони давлати соҳибистиқлол, балки созандагони ояндаи он мебошанд. Ҷавонони имрӯз бояд аз имконоти фароҳамомада, аз ҷумла, таҳсил, технология, илм, забономӯзӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ самаранок истифода кунанд.

Имрӯз аз ҳар як ҷавони тоҷик дониши хуб, ҷаҳонбинии васеъ, малакаи касбӣ, зиракии сиёсӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ талаб карда мешавад. Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки пешрафти Тоҷикистон танҳо ба фаъолияти давлат вобаста нест. Саҳми шахсии ҳар як шаҳрванд, аз омӯзишу меҳнати ҳалол то муносибати масъулона ба ҷомеа дар рушди кишвар аҳаммият дорад.

Махсусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ зарур аст, ки ҷавонон ҳамзамон, ду арзиши муҳимро ҳифз намоянд: худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии муосир. Мо бояд аз дастовардҳои илму технологияи ҷаҳонӣ истифода кунем, забонҳои хориҷиро омӯзем ва бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамкорӣ намоем, вале дар баробари ин забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии худро ҳифз кунем.

Пас аз 35 соли Истиқлоли давлатӣ метавон гуфт, ки Тоҷикистон роҳи пурпечутоби давлатсозии миллиро тай карда, ба марҳалаи нави рушд ворид шудааст.

Гаронбаҳотарин дастоварди ин давра, пеш аз ҳама, сулҳу ваҳдати миллӣ ва пойдории давлатдорӣ мебошад, зеро бидуни сулҳ рушди иқтисод, маориф, фарҳанг, илм ва дигар соҳаҳо имконнопазир аст. Дар баробари ин, таҳкими мавқеи байналмилалии Тоҷикистон, рушди инфрасохтор, эҳёи арзишҳои миллӣ ва фароҳам овардани имконоти бештар барои таҳсилу рушди ҷавонон аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол мебошанд.

БА ИСТИҚЛОЛИ МЕҲАН САҶДА ОРАМ



Ҷаваршо ИМАТШОЕВ – корманди Муассисаи нашриявии «Маориф»

Тоҷикистон бо ба даст овардани соҳибистиқлолӣ имкони воқеии ба даст гирифтани сарнавишти хеш, бунёди давлати миллӣ ва муайян намудани роҳи мустақили рушди худро пайдо кард.

Имрӯз мо бо ифтихор 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамоем. Ин ҷашн барои ҳар як шаҳрванди кишвар фурсати муносибест, то ба роҳи тайкардаи миллат назар афканда, арзиши истиқлол, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк намояд.

Бувад фархунда истиқлолат, эй дӯст,
Шавад пояндатар иқболат, эй дӯст.
Расидӣ бар муродат миллати ман,
Муборак, ин мубораксолат, эй дӯст!

Роҳи истиқлол барои Тоҷикистон ҳамвору осон набуд. Агар саҳифаҳои таърихи даврони соҳибистиқлолиро варақ гардонем, мебинем, ки солҳои аввали истиқлол барои кишвари мо давраи бисёр пурпечутоб, пурҷӯшу хурӯш ва сарнавиштсоз буданд. Тоҷикистон дар оғози давлатдории мустақил бо мушкилоти зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ба давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон зарари бузург расонд. Бар асари ин низои таҳмилӣ ҳазорҳо нафар ҷони худро аз даст доданд, садҳо ҳазор шаҳрванд гуреза ва муҳоҷир шуданд, иқтисоди кишвар хароб ва пояҳои давлатдорӣ ба хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Мардум аз манзили зисти худ маҳрум гардида, бисёриҳо маҷбур шуданд, ки рӯ ба ғурбат оранд. Дар чунин шароит масъалаи ҳифзи давлат, бақои миллат ва нигоҳ доштани якпорчагии Тоҷикистон ба масъалаи ҳаёту мамот табдил ёфт.

Он рӯзҳо барои мардуми Тоҷикистон танҳо рӯзҳои муборизаи сиёсӣ набуданд. Ин давра барои миллати тоҷик имтиҳони бузурги таърихӣ буд. Дар он рӯзҳои мушкилу хатарзо зарурати расидан ба сулҳу оштӣ, барқарор намудани эътимод миёни мардум ва наҷот додани давлат аз парокандагӣ беш аз пеш эҳсос мешуд.



Дар чунин вазъ ҷомеа ба роҳбаре ниёз дошт, ки манфиати давлату миллатро аз ҳама боло гузорад, ҷасорати қабули қарорҳои душворро дошта бошад ва барои расидан ба сулҳ аз ҳеҷ гуна хатар наҳаросад. Маҳз дар ҳамин марҳала нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи навини кишвар ҳамчун роҳбари сулҳовар ва давлатсоз хеле муҳим гардид.

Ба сари қудрат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як давраи ниҳоят ҳассоси таърихӣ ба аҳли ҷомеа умеду эътимоди нав бахшид. Суханони машҳури ӯ: «Ман ба хотири оромӣ, ба хотири ваҳдати миллӣ, ба хотири бақои давлат ҷон нисор мекунам» барои мардуме, ки дар гирдоби ҷангу нооромӣ қарор дошт, паёми равшани масъулият ва садоқат ба Ватан буд.

Ин суханон танҳо як ваъдаи сиёсӣ набуда, баёнгари мавқеи роҳбаре маҳсуб меёфтанд, ки дар шароити ниҳоят душвор ҳифзи давлат ва наҷоти миллатро ҳадафи асосии фаъолияти худ қарор дода буд. Барои расидан ба сулҳ роҳҳои осон вуҷуд надоштанд. Гуфтугӯ бо ҷонибҳои мухталиф, сафарҳои зиёд, музокироти тулонӣ ва қабули қарорҳои ҷиддӣ матонат, хирад ва масъулияти бузургро тақозо мекард.

Дар натиҷаи чунин талошҳо ва бо иродаи мардуми сулҳдӯсту фарҳангпарвари тоҷик раванди музокироти сулҳ оғоз гардид. Маҳз ҳамин гуфтугӯҳо ва талошҳои пайгирона дар ниҳоят ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оварда расонданд. Ин рӯйдод дар таърихи навини кишвар ҳамчун яке аз муҳимтарин дастовардҳои миллат сабт гардид.

Созишномаи сулҳ ба Тоҷикистон имкон дод, ки аз марҳалаи муқовимат ба марҳалаи созандагӣ гузарад. Ваҳдати миллӣ ба омили асосии таҳкими давлатдорӣ, барқарории иқтисод ва рушди ҷомеа табдил ёфт. Мардуме, ки солҳои тӯлонӣ аз ҷангу нооромӣ ранҷ кашида буд, дубора ба зиндагии осоишта баргашт.

Истиқлол ва ваҳдат дар воқеъ, ду мафҳуми ҷудонашавандаанд. Истиқлол бидуни сулҳу субот наметавонад ба таври комил пойдор гардад ва сулҳу ваҳдат низ бе давлати соҳибистиқлол ва иродаи қавии миллӣ ҳифз намешавад. Аз ҳамин ҷост, ки таҷрибаи Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ имрӯз ҳамчун намунаи муҳимми ҳалли низоъҳо тавассути музокирот ва ҳамдигарфаҳмӣ арзёбӣ мешавад.

Нуреста ба дидагони мо Истиқлол,
Зӯреста ба тану равони мо Истиқлол.
Як миллати пошхӯрдаро ҷамъ овард,
Пайвандгари ҷаҳони мо Истиқлол.

Пас аз барқарор гардидани сулҳу субот дар кишвар марҳалаи нави давлатсозӣ оғоз ёфт. Мустаҳкам намудани сохторҳои давлатӣ, рушди низоми ҳуқуқӣ, таҳкими иқтисоди миллӣ, бунёди роҳу пулҳо, неругоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ, эҳёи фарҳангу анъанаҳои миллӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат гардиданд.

Дар ин раванд рамзҳои давлатии Тоҷикистон – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ҳамчун муқаддасоти давлатдорӣ мавқеи хос пайдо карданд. Ин муқаддасот ифодагари соҳибихтиёрӣ, ҳувияти миллӣ ва ормонҳои давлату миллат мебошанд.

35 соли соҳибистиқлолӣ барои Тоҷикистон солҳои барқарорсозӣ, рушд ва созандагӣ буданд. Дар ин давра кишвар дар самтҳои гуногун ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Иқтисоди миллӣ тадриҷан рушд кард, инфрасохтори кишвар такмил ёфт, роҳҳо ва пулҳои нав бунёд гардиданд, соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ рушд карданд. Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари соҳибистиқлол, сулҳпарвар ва ҷонибдори ҳамкориҳои созанда шинохта шуд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол, ташаккули насли нави соҳибмаърифат, ватандӯст ва дорои ҷаҳонбинии муосир мебошад. Имрӯз ҷавонони тоҷик дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа – илм, маориф, технология, фарҳанг, варзиш ва дигар бахшҳо заҳмат кашида, саҳми босазои худро мегузоранд. Онҳо ҳамчун идомадиҳандагони роҳи созандагии давлат ва миллат бояд арзишҳои истиқлол, ваҳдат ва ватандӯстиро ҳифз намоянд.

Истиқлол ба ҷавонон имкон дод, ки бо номи Тоҷикистон дар чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ иштирок намуда, парчами кишварро баланд бардоранд. Муваффақиятҳои варзишгарон, олимон, муҳаққиқон, ҳунармандон ва дигар намояндагони насли ҷавон далели онанд, ки ҷомеаи Тоҷикистон соҳиби неруи созанда ва иқтидори бузурги инсонӣ мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон на танҳо дар дохил, балки дар арсаи байналмилалӣ низ бо ташаббусҳои созандааш шинохта шудааст. Пешниҳодҳои Тоҷикистон дар масъалаҳои обу иқлим, ҳифзи пиряхҳо, сулҳ барои наслҳо ва дигар масъалаҳои глобалӣ нишон медиҳанд, ки давлати соҳибистиқлоли мо дар ҳалли мушкилоти муҳимми ҷаҳонӣ низ саҳм гузоштан мехоҳад.

Албатта, роҳи рушди давлат ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Истиқлол ба мо ҳуқуқи интихоби роҳи рушди миллиро додааст, аммо ҳифз ва таҳкими он масъулияти бузургро бар дӯши ҳар як

шаҳрванд мегузорад. Барои ободии Ватан танҳо муҳаббат ба кишвар кофӣ нест. Истиқлол аз ҳар яки мо дониш, заҳмат, масъулият, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба қонунро талаб мекунад.

Ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст, зеро истиқлол танҳо дастоварди як насл нест. Он мероси таърихии тамоми миллат ва амонатест, ки мо бояд онро ба наслҳои оянда солиму пойдор расонем.

Дар ин замина, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки озодиву истиқлол ба осонӣ ба даст наомадааст. Пушти ин дастоварди бузург саҳифаҳои пурдарди таърих, талошҳои фарзандони фидокори миллат ва заҳмати мардуми кишвар қарор дорад.

Ба Истиқлоли меҳан саҷда орам,
Намозамро ба даргоҳаш гузорам.
Бихонам ояти шукронааш беш,
Ки ҳаст он ҳадяи Парвардигорам.

Истиқлол барои мо ҳам ифтихор асту ҳам масъулият. Он имкони зиндагии озод, бунёди давлати миллӣ ва муайян намудани ояндаи кишварро фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, ҳар як дастоварди имрӯза бояд моро водор созад, ки барои ояндаи боз ҳам ободу пешрафтаи Тоҷикистон бештар заҳмат кашем.

Дар вазъияти печидаву нооромии ҷаҳони муосир ҳар як шаҳрванди огоҳи Тоҷикистон бояд дарк намояд, ки аз баракати истиқлолу соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо ба чӣ неъмати бузурге муяссар шудаем. Яъне, ҳар як фарди бонангу номуси Ватанро зарур аст, ки бо дарки амиқи қадру манзалат ва аҳаммияти истиқлолу озодӣ ва бо заҳмати софдилонаву саъю талоши ватандӯстона ҷиҳати ободии сарзамини аҷдодиамон, таҳкими иқтидори иқтисодии давлати соҳибихтиёрамон ва парафшонии ҷовидонаи парчами миллӣ саъю талош намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

МОҲИЯТИ ХИМИЯВИИ РАНГҲО ВА ТАЪСИРИ ОН БА ШУУРИ ИНСОН



Азизбек ХОЛМУРОДЗОДА – омӯзгори фанни химияи литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе

Рангҳо ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон ба ҳисоб мераванд. Аз субҳи барвақт то шом инсон бо садҳо навъи рангҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ранги осмон, гиёҳҳо, гулҳо, либосҳо, биноҳо ва дигар ашё на танҳо муҳити атрофро зебо мегардонанд, балки ба ҳолати равонӣ, эҳсосот ва рафтори инсон низ таъсири амиқ мерасонад. Дар замони муосир масъалаи омӯзиши таъсири рангҳо ба психология ва фаъолияти мағзи сари инсон аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Аз нуқтаи назари илмӣ, рангҳо натиҷаи таъсири нурҳои рӯшноӣ ва хусусиятҳои химиявии моддаҳо мебошанд. Илми химия имкон медиҳад, ки моҳияти пайдоиши рангҳо, таркиби пигментҳо ва механизмҳои таъсири онҳоро ба организми инсон фаҳмем. Барои омӯзгорони фанни химия муҳим аст, ки хонандагонро на танҳо бо хусусиятҳои физикӣ ва химиявии рангҳо, балки бо аҳаммияти онҳо дар ҳаёти инсон низ шинос намоянд.

Ранг яке аз хусусиятҳои муҳимми моддаҳо буда, дар натиҷаи таъсири мутақобилаи нур ва модда ба вуҷуд меояд. Аз нуқтаи назари физикӣ ва химиявӣ, ранг натиҷаи ҷаббидан ва инъикос гардидани нурҳои муайяни спектри рӯшноӣ мебошад. Вақте ки нури сафед ба сатҳи модда меафтад, қисми муайяни мавҷҳои рӯшноӣ аз ҷониби модда ҷаббида шуда, қисми дигар инъикос ё аз он мегузарад. Нуре, ки аз ҷониби чашми инсон қабул мешавад, ҳамчун ранги он модда дарк мегардад. Аз ҳамин сабаб ашёи гуногун дорои рангҳои мухталиф мебошанд.

Аз нуқтаи назари химиявӣ, пайдоиши ранг, пеш аз ҳама, ба сохти электронии атомҳо ва молекулаҳо вобаста аст. Электронҳои мавҷуд-буда дар атомҳо ва молекулаҳо метавонанд ҳангоми таъсири нур аз як сатҳи энергетикӣ ба сатҳи дигари энергетикӣ гузаранд. Барои чунин гузариш миқдори муайяни энергия лозим аст. Агар энергияи ҷаббидашуда ба қисми намоёни спектри рӯшноӣ мувофиқат намояд, модда ранги муайян пайдо мекунад.



Дар бисёр пайвастҳои органикӣ пайдоиши ранг ба мавҷудияти гурӯҳҳои махсуси атомҳо, ки хромофорҳо ном доранд, вобаста мебошад. Хромофор гурӯҳи атомҳо ё қисми молекулаест, ки қобилияти ҷаббидани нурҳои қисми намоёни спектрро дошта, ба модда ранг мебахшад. Ба хромофорҳои маъмул гурӯҳҳои –N=N–, –C=O, –NO_2, инчунин, баъзе системаҳои пайвастҳои якчанд банди дучандадор дохил мешаванд. Мавҷуд будани чунин гурӯҳҳо дар молекула боиси тағйир ёфтани хусусиятҳои электронии он гардида, рангҳои гуногунро ба вуҷуд меорад.

Пайвастҳои зиёди ғайриорганикӣ низ ба туфайли сохти электронии худ дорои ранг мебошанд. Масалан, оксиди хром (III) (Cr_2O_3) ранги сабз, оксиди оҳан (III) (Fe_2O_3) ранги сурхтоб, сулфиди кадмий (CdS) ранги зард, перманганати калий ($KMnO_4$) ранги бунафш ва

кристаллоҳидрати сулфати мис (II) ($CuSO_4 \cdot 5H_2O$) ранги кабуд доранд. Рангҳои мазкур аз хусусиятҳои электронии ионҳои металлӣ ва гузариши электронҳо байни сатҳҳои энергетикӣ сарчашма мегиранд.

Қобили зикр аст, ки баъзе моддаҳо вобаста ба таркиб, ҳарорат, муҳити реаксия ва дараҷаи оксидшавӣ метавонанд ранги худро тағйир диҳанд. Ин ҳодиса дар химияи таҳлилӣ ва саноатӣ аҳаммияти калон дошта, барои муайян намудани ҷараёни реаксияҳои химиявӣ истифода мешавад.

Чашми инсон тақрибан 10 миллион сояи гуногуни рангро фарқ карда метавонад. Нурҳои инъикосшуда ба шабакияи (ретинаи) чашм таъсир намуда, тавассути асабҳои босира ба мағзи сар интиқол меёбанд. Дар натиҷа инсон на танҳо рангро мебинад, балки нисбат ба он вокуниши эҳсосӣ низ нишон медиҳад. Тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки рангҳо метавонанд ба диққат, хотира, қобилияти омӯзиш, ҳолати руҳӣ ва суръати қабули қарорҳо таъсир расонанд. Ин хусусият дар муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, марказҳои савдо ва ҳатто дар тарроҳии маҳсулот васеъ истифода мешавад.

Аз таҷрибаи омӯзгорӣ мушоҳида мегардад, ки истифодаи рангҳои мувофиқ дар воситаҳои аёнӣ ва презентатсияҳо фаъолнокии хонандагонро баланд мебардорад. Хонандагон маълумотеро, ки бо рангҳои ҷолиб пешниҳод шудааст, беҳтар дар хотир нигоҳ медоранд.

Ранги сурх яке аз рангҳои пуриқтидортарин ва таъсиргузортарин ба ҳисоб меравад. Дар табиат ин ранг бештар бо хун, оташ, гармӣ, қувва ва энергия алоқаманд буда, аз замонҳои қадим ҳамчун рамзи ҳаёт, ҷасорат, фаъолият ва муборизa шинохта шудааст. Аз ҷиҳати равоншиносӣ ранги сурх эҳсоси нерумандӣ, ҳаяҷон ва фаъолиятро дар инсон бедор намуда, диққати ӯро ба худ ҷалб мекунад. Аз ҳамин сабаб ин ранг дар аломатҳои огоҳкунанда, чароғҳои роҳнамо, воситаҳои таблиғотӣ ва дигар ҷойҳое истифода мешавад, ки ҷалби фаврии диққати инсон зарур аст.

Аз нуқтаи назари физиологӣ, ранги сурх ба фаъолияти системаи асаб ва баъзе равандҳои ҳаётан муҳимми организм таъсир мерасонад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таъсири ин ранг метавонад суръати набзро зиёд намуда, гардиши хунро фаъолтар гардонад ва фаъолияти мағзи сарро дар ҳолати ҳушёрӣ нигоҳ дорад. Дар натиҷа инсон худро фаъолтар ва нерумандтар эҳсос мекунад. Бо ҳамин сабаб ранги сурх аксар вақт ҳамчун ранги ангезанда ва ҳавасмандкунанда арзёбӣ мегардад.

Аз нуқтаи назари химиявӣ, бисёр пайвастҳо ва моддаҳои ранга дорои сояҳои гуногуни сурх мебошанд. Масалан, оксиди оҳан (III) (Fe_2O_3), ки дар табиат васеъ паҳн шудааст, ранги сурхтоб дорад. Инчунин, бисёр рангкунандаҳои органикӣ, ки дар саноати нассоҷӣ, истеҳсоли рангҳо ва маҳсулоти ороишӣ истифода мешаванд, маҳз ба туфайли мавҷудияти гурӯҳҳои махсуси хромофорӣ ранги сурх пайдо мекунанд. Ранги сурхи чунин моддаҳо ба сохти электронии молекулаҳо ва қобилияти онҳо барои ҷаббиши нурҳои қисми муайяни спектри рӯшноӣ вобаста мебошад.

Дар муҳити таълимӣ истифодаи дурусти ранги сурх метавонад самаранокии омӯзишро баланд бардорад. Масалан, ҳангоми таҳияи воситаҳои аёнӣ, слайдҳо ва маводи дидактикӣ бо ранги сурх метавон мафҳумҳо, қоидаҳо, формулаҳо ё хулосаҳои муҳимро ҷудо намуд. Ин амал ба ҷалби диққати хонандагон ва беҳтар дар хотир нигоҳ доштани иттилоот мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, истифодаи аз ҳад зиёди ранги сурх метавонад таъсири баръакс дошта бошад. Зиёд будани ин ранг дар муҳити таълимӣ баъзан эҳсоси изтироб, хастагии равонӣ ва парешонии диққатро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд ҳангоми истифодаи он меъёрро риоя намуда, ранги сурхро бо дигар рангҳои оромтар мутобиқ созад.

Ранги кабуд яке аз рангҳои оромбахш ва таъсиргузор ба фаъолияти равонии инсон ба ҳисоб меравад. Дар фарҳангҳои гуногун ин ранг рамзи оромӣ, субот, эътимод ва хирад дониста мешавад. Дар табиат ранги кабуд бештар бо осмони соф, обҳои мусаффо ва фазои кушод алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб он дар шуури инсон эҳсоси оромӣ, бехатарӣ ва тавозуни равониро ба вуҷуд меорад.

Аз нуқтаи назари равоншиносӣ, ранги кабуд ба фаъолияти системаи асаб таъсири мусбат расонида, барои коҳиш додани шиддати эҳсосот ва паст намудани сатҳи изтироб мусоидат мекунад. Муҳаққиқон муайян намудаанд, ки ин ранг метавонад ҳолати оромии руҳиро тақвият бахшида, қобилияти диққатҷамъӣ ва мутамарказ намудани фикрро беҳтар намояд. Дар чунин

муҳит инсон имкони бештар барои таҳлил, муқоиса ва қабули қарорҳои оқилона пайдо мекунад. Бинобар ин, ранги кабуд аксар вақт ҳамчун ранги тафаккур ва фаъолияти зеҳнӣ арзёбӣ мешавад.

Аз нуқтаи назари физиологӣ, ранги кабуд метавонад фаъолияти баъзе равандҳои организмро ба эътидол оварда, эҳсоси хастагии равониро коҳиш диҳад. Маҳз ҳамин хусусият боис гардидааст, ки дар муассисаҳои тиббӣ, марказҳои омӯзишӣ ва утоқҳои корӣ аз ин ранг васеъ истифода мебаранд.

Дар химия бисёр пайвастҳо ва моддаҳо ранги кабуд доранд. Масалан, кристаллоҳидрати сулфати мис (II) ($CuSO_4 \cdot 5H_2O$) бо ранги кабуди хоси худ маълум аст. Инчунин, баъзе комплексҳои кобалт, пайвастҳои мис ва дигар моддаҳои ғайриорганикӣ низ дорои рангҳои гуногуни кабуд мебошанд. Пайдоиши чунин рангҳо ба сохти электронии ионҳои металл ва гузариши электронҳо байни сатҳҳои энергетикӣ вобаста мебошад. Омӯзиши ин пайвастҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки робитаи байни сохти модда ва хусусиятҳои зоҳирии онро амиқтар дарк намоянд.

Дар муҳити таълимӣ истифодаи унсурҳои кабуд метавонад барои ташкили фазои мусоиди омӯзишӣ мусоидат намояд. Ҳангоми омода намудани презентатсияҳо, маводи аёнӣ ва воситаҳои таълимӣ истифодаи муътадили ин ранг ба нигоҳ доштани диққати хонандагон ва беҳтар гардидани дарки маводи таълимӣ кумак мерасонад. Бисёр муассисаҳои таълимӣ ҳангоми тарҳрезии синфхонаҳо, китобхонаҳо ва толорҳои омӯзишӣ аз сояҳои гуногуни кабуд истифода мебаранд, зеро чунин муҳит эҳсоси оромӣ ва омодагиро ба фаъолияти зеҳнӣ тақвият медиҳад.

Ранги сабз аз нигоҳи психология яке аз рангҳои мувозинатбахш, оромбахш ва устувор ба ҳисоб меравад. Ин ранг дар табиат хеле васеъ паҳн шуда, пеш аз ҳама, бо олами наботот, алафзор, дарахтон, ҳаёт ва рушди пайваста алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб ранги сабз дар шуури инсон эҳсоси наздикӣ ба табиат, оромӣ, тавозун ва ҳамоҳангии равониро ба вуҷуд меорад. Дар бисёр фарҳангҳо он ҳамчун рамзи саломатӣ, навшавӣ, умед ва рушди устувор арзёбӣ мегардад.

Тадқиқотҳои равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки таъсири ранги сабз ба ҳолати равонии инсон мусбат буда, метавонад фишори равониро коҳиш диҳад, шиддати асабро паст намояд ва ҳисси оромиро тақвият бахшад. Ҳангоми дар муҳити дорои рангҳои сабз қарор доштан, инсон одатан худро оромтар ва бехатар эҳсос мекунад, ки ин ба беҳтар шудани тамаркузи диққат ва фаъолияти зеҳнӣ мусоидат менамояд. Ин хусусият барои раванди омӯзиш ва кори фикрӣ аҳаммияти калон дорад, зеро дар ҳолати оромӣ мағзи сар иттилоотро самаранoктар қабул ва коркард мекунад.

Аз нуқтаи назари физиологӣ, ранги сабз барои чашми инсон яке аз рангҳои «нарм» ба ҳисоб меравад ва нисбат ба рангҳои шадид камтар хастагии визуалӣ ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, дар муҳитҳое, ки инсон муддати тӯлонӣ ба омӯзиш ё кор машғул мешавад, истифодаи унсурҳои сабз метавонад ба нигоҳ доштани саломатии чашм ва коҳиш додани хастагӣ мусоидат намояд. Маҳз ҳамин хусусият сабаб шудааст, ки дар бисёр муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ аз замонҳои пеш тахтаҳои сабз васеъ истифода мешуданд.

Дар химия ранги сабз барои бисёр пайвастҳои хром, никел ва мис хос мебошад. Масалан, оксиди хром (III) (Cr_2O_3) ранги сабзи устувор дошта, дар саноати рангубор ва масолеҳи ороишӣ истифода мешавад. Инчунин, баъзе намакҳо ва комплексҳои никел ва мис низ сояҳои гуногуни сабз доранд. Пайдоиши ин рангҳо ба сохти электронии ионҳои металл ва гузариши электронҳо байни сатҳҳои энергетикӣ вобаста мебошад, ки дар натиҷа онҳо нурҳои муайяни спектри рӯшноиро ҷаббида, ранги сабзро инъикос мекунанд.

Аз таҷрибаи омӯзгорӣ метавон гуфт, ки мавҷудияти рангҳои сабз дар муҳити таълимӣ ба фароҳам овардани фазои ором ва мусоиди омӯзиш мусоидат мекунад. Ин ранг ба коҳиш ёфтани хастагии чашм, нигоҳ доштани диққати хонандагон ва беҳтар гардидани дарки маводи таълимӣ кумак мерасонад. Бинобар ин, истифодаи оқилонаи ранги сабз дар тарҳрезии синфхонаҳо, воситаҳои аёнӣ ва маводи дидактикӣ метавонад самаранокии раванди таълимро баланд бардорад.

Ранги зард яке аз рангҳои равшан, гарм ва пурэнергия ба ҳисоб меравад, ки дар шуури инсон бештар бо нури офтоб, гармӣ, шодӣ ва неруи ҳаётӣ алоқаманд аст. Ин ранг дар табиат дар гулҳо, меваҳо, баргҳои тирамоҳӣ ва дигар унсурҳои олами наботот васеъ дида мешавад. Аз нигоҳи равоншиносӣ, ранги зард одатан эҳсоси хушҳолӣ, фаъолият ва бедории зеҳниро дар инсон тақвият мебахшад.

Тадқиқотҳои равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки ранги зард метавонад руҳияи инсонро баланд бардошта, ҳисси хушбинӣ ва нерумандиро афзоиш диҳад. Ин ранг ба фаъол гардидани тафаккури эҷодӣ мусоидат намуда, қобилияти фикрронӣ ва қабули қарорҳоро беҳтар менамояд. Аз ин рӯ, ранги зард аксар вақт ҳамчун ранге арзёбӣ мешавад, ки фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодкориро тақсим мебахшад. Дар муҳитҳои омӯзишӣ истифодаи муътадили он метавонад шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиш зиёд намояд ва муҳити дарсро зиндаву фаъол гардонад.

Аз нуқтаи назари физиологӣ, ранги зард таъсири ангезанда дошта, диққати инсонро ба худ ҷалб мекунад. Бо вуҷуди ин, дар сурати истифодаи аз ҳад зиёд, ин ранг метавонад боиси хастагии визуалӣ, парешонии диққат ва ҳатто эҳсоси изтироби сабук гардад. Аз ин рӯ, дар муҳити таълимӣ истифодаи он бояд бо дигар рангҳои оромибахш мутаносиб бошад.

Дар химия ранги зард барои бисёр пайвастаҳои ғайриорганикӣ ва органикӣ хос мебошад. Масалан, сулфиди кадмий (CdS) ва хромати сурб ($PbCrO_4$) намунаҳои маъруфи моддаҳои дорои ранги зард ба ҳисоб мераванд. Инчунин, як қатор рангкунандаҳои органикӣ дар саноати нассоҷӣ ва рангубор низ дорои сояҳои гуногуни зард мебошанд. Пайдоиши ин рангҳо ба сохти электронии моддаҳо ва қобилияти онҳо барои ҷаббидан ва инъикос намудани нурҳои қисми намоёни спектри рӯшноӣ вобаста мебошад.

Аз таҷрибаи омӯзгорӣ метавон қайд намуд, ки истифодаи ранги зард, махсусан, дар синфҳои поёнӣ, метавонад ба ҷалби диққати хонандагон ва баланд бардоштани шавқу завқи онҳо ба омӯзиш мусоидат намояд. Воситаҳои аёнӣ, навиштаҷоту овезаҳо ва маводи таълимии дорои унсурҳои зарди равшан одатан барои кӯдакон ҷолибтар буда, онҳоро ба фаъолият бештар ҷалб мекунанд.

Рангҳои бунафш ва норинҷӣ аз ҷумлаи рангҳои ҷолиб ва пуртаъсир ба ҳисоб рафта, ҳар кадоми онҳо ба ҳолати равонӣ ва фаъолияти зеҳнии инсон таъсири хос доранд. Ин рангҳо на танҳо дар табиат, балки дар санъат, тарҳрезӣ ва муҳити таълимӣ низ васеъ истифода мешаванд.

Ранги бунафш (арғувонӣ) дар натиҷаи омезиши ду ранги асосӣ: сурх ва кабуд ба вуҷуд меояд. Ин ранг дар шуури инсон бештар бо тафаккури эҷодӣ, хаёл, илҳом ва фаъолияти амиқи маърифатӣ алоқаманд аст. Аз нигоҳи равоншиносӣ, ранги бунафш метавонад ба рушди фикрронии образнок мусоидат намуда, инсонро ба андешаҳои амиқ ва эҷодкорона ҳидоят кунад. Ин ранг аксар вақт дар муҳитҳое истифода мешавад, ки фаъолияти зеҳнӣ, таҳлил ва эҷодкорӣ талаб карда мешавад.

Аз нуқтаи назари химия, ранги бунафш дар бисёр пайвастҳо ба мушоҳида мерасад. Яке аз намунаҳои маъруф маҳлули перманганати калий ($KMnO_4$) мебошад, ки ранги бунафши пурқувват дорад. Пайдоиши ин ранг ба хусусиятҳои электронии иони манган ва гузариши электронҳо байни сатҳҳои гуногуни энергетикӣ вобаста мебошад. Ин ҳодиса дар химияи таҳлилӣ низ аҳаммияти калон дошта, барои муайян намудани реаксияҳои оксидшавӣ ва барқароршавӣ истифода мешавад.

Ранги норинҷӣ бошад, яке аз рангҳои гарм ва фаъолкунанда ба ҳисоб меравад. Ин ранг одатан эҳсоси неру, фаъолият ва хушҳолиро дар инсон зиёд мекунад. Аз нигоҳи равоншиносӣ, ранги норинҷӣ муоширатро осон мегардонад, фазои дӯстона ва ҳамкориро тақвият медиҳад ва руҳияи мусбатро баланд мебардорад. Аз ин рӯ, он бештар дар муҳитҳое истифода мешавад, ки кори гурӯҳӣ, ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак муҳим мебошад.

Дар муҳити таълимӣ истифодаи муътадили ранги норинҷӣ метавонад ба фаъолшавии хонандагон, баланд гардидани иштироки онҳо дар дарс ва беҳтар шудани муошарати байни онҳо мусоидат намояд. Ин ранг диққатро ҷалб мекунад, аммо нисбат ба ранги сурх нармтар буда, эҳсоси фишорро ба вуҷуд намеорад.

Дар шароити муосири таълим истифодаи рангҳо яке аз воситаҳои муҳимми дидактикӣ ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани самаранокии раванди дарс ва беҳтар намудани дарки маводи таълимӣ нақши муҳим мебозад. Рангҳо на танҳо муҳити таълимиро ҷолиб мегардонанд, балки ба фаъол гардидани диққат, хотира ва тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, дар таълими фанни химия истифодаи дурусти рангҳо аҳаммияти хос дорад.

Омӯзгори химия метавонад аз рангҳо дар самтҳои гуногун самаранок истифода барад. Яке аз самтҳои муҳим, омода намудани презентатсияҳо ва слайдҳои таълимӣ мебошад, ки дар онҳо бо истифодаи рангҳои гуногун метавон маълумоти асосӣ, мафҳумҳои муҳим ва хулосаҳои дарсро

ҷудо ва равшан намуд. Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки иттилоотро зудтар дарк ва беҳтар дар хотир нигоҳ доранд.

Самти дигари муҳим, истифодаи рангҳо барои фарқ кардани гурӯҳҳои элементҳои химиявӣ мебошад. Масалан, дар системаи даврии элементҳо бо истифодаи рангҳои гуногун метавон металлҳо, ғайриметаллҳо, ҳалогенҳо ва газҳои инертиро аз ҳам ҷудо намуд. Чунин тарзи пешниҳод ба хонандагон барои дарки сохти системаи даврӣ ва робитаи байни элементҳо кумак мерасонад.

Илова бар ин, истифодаи рангҳо дар сохтани харитаҳои зеҳнӣ ба систематизатсияи донишҳо мусоидат мекунад. Бо ёрии рангҳои гуногун метавон мафҳумҳои асосӣ, зермафҳумҳо ва робитаҳои байни онҳоро возеҳ нишон дод, ки ин ба рушди тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ мусоидат менамояд.

Дар раванди корҳои лабораторӣ низ рангҳо аҳаммияти калон доранд. Таҷрибаҳои химиявие, ки бо тағйирёбии рангҳо ҳамроҳанд, барои хонандагон махсусан ҷолиб буда, шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиши химия зиёд мекунанд. Чунин таҷрибаҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон равандҳои химиявиро на танҳо ба таври назариявӣ, балки амалӣ низ мушоҳида намоянд.

Ғайр аз ин, рангҳо барои ҷалби диққати хонандагон ба қоидаҳои муҳимми бехатарӣ, формулаҳо ва хулосаҳои асосии дарс низ истифода мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, иттилоote, ки бо рангҳои махсус ҷудо карда мешавад, дар хотираи дарозмуддати хонандагон беҳтар нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамчунин, таҷрибаҳои химиявие, ки бо тағйирёбии рангҳо ҳамроҳанд, яке аз воситаҳои муассири баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ба ҳисоб мераванд. Чунин таҷрибаҳо на танҳо ҷанбаи илмӣ, балки визуалӣ дошта, дар шуури хонандагон таассуроти амиқ мегузоранд.

Имрӯз рангҳо на танҳо унсури эстетикии муҳити атроф, балки яке аз воситаҳои муҳимми таъсиррасон ба шуури инсон ва рафтори иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Таъсири рангҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба таври васеъ истифода мешавад ва дар ташаккули муҳит, муносибат ва ҳатто қарорҳои инсон нақши муҳим мебозанд.

Дар соҳаи тиб рангҳо барои фароҳам овардани муҳити ором ва мусоиди табобатӣ истифода мешаванд. Масалан, рангҳои оромкунанда ба коҳиши изтироб ва беҳтар шудани ҳолати равонии беморон мусоидат мекунанд. Дар реклама ва маркетинг бошад, рангҳо ҳамчун воситаи ҷалби диққати истеъмолкунандагон хидмат мекунанд. Ҳар як ранг паёми махсус дошта, метавонад эҳсоси боварӣ, шавқ, неру ё оромиро дар шуури муштарӣ бедор намояд.

Дар саноати хӯрокворӣ рангҳо барои ҷолибтар гардонидани маҳсулот ва баланд бардоштани иштиҳо истифода мешаванд. Ранги маҳсулот метавонад дар интихоби истеъмолкунанда нақши ҳалкунанда дошта бошад, зеро инсон, пеш аз ҳама, ба намуди зоҳирӣ ва ҷолибияти визуалии ғизо аҳаммият медиҳад. Дар тарроҳии биноҳо ва меъморӣ бошад, рангҳо барои ташкили фазои мусоид, бароҳат ва функсионалӣ истифода мешаванд, ки ба ҳолати равонӣ ва фаъолияти одамон таъсири мустақим мерасонанд.

Дар истеҳсоли либос низ рангҳо аҳаммияти калон дошта, на танҳо завқи эстетикии инсонро ифода мекунанд, балки ҳолати руҳӣ, шахсият ва ҳатто мақоми иҷтимоии ӯро низ инъикос менамоянд. Дар технологияҳои иттилоотӣ ва тарҳрезии интерфейсҳо низ истифодаи дурусти рангҳо барои осонии дарк, роҳнамоии корбар ва беҳтар шудани таҷрибаи корбурди барномаҳо муҳим мебошад.

Ширкатҳои истеҳсолкунанда ҳангоми интихоби ранги маҳсулот ҳатман хусусиятҳои психологии рангҳоро ба назар мегиранд, зеро ҳар як ранг метавонад ба рафтори истеъмолкунанда таъсир расонад: баъзе рангҳо эътимод ва оромӣ мебахшанд, баъзеи дигар эҳсоси фаъолият ва хоҳиши харидро зиёд мекунанд. Аз ин рӯ, интихоби дурусти ранг яке аз омилҳои муҳимми муваффақияти маҳсулот дар бозор ба ҳисоб меравад.

Хулоса, рангҳо на танҳо падидаи эстетикӣ ва унсури зебоии муҳити атроф, балки натиҷаи равандҳои мураккаби физикӣ ва химиявӣ мебошанд. Пайдоиши рангҳо ба сохти электронии атомҳо ва молекулаҳо, инчунин, ба қобилияти онҳо дар ҷаббидан ва инъикос намудани нурҳои қисми намоёни спектри рӯшноӣ вобаста аст. Маҳз ҳамин хусусиятҳо сабаби гуногунрангии олами моддӣ мегарданд.

Дар баробари ҷанбаи илмӣ, рангҳо ба фаъолияти мағзи сар, ҳолати равонӣ, эҳсосот, диққат ва рафтори инсон таъсири назаррас расонда, метавонанд руҳияи инсонро баланд бардоранд, оромӣ ё фаъолиятро тақвият бахшанд, диққатро мутамарказ намоянд ва ҳатто ба сатҳи қобилияти омӯзиш ва қабули қарор таъсир расонанд. Аз ин рӯ, рангҳо ҳамчун воситаи муҳимми таъсиррасонии равонӣ дар ҳаёти инсон мавқеи махсус доранд.

Аз нуқтаи назари омӯзгори фанни химия, омӯзиши олами рангҳо имкон медиҳад, ки робитаи зичи байни химия ва ҳаёти воқеӣ ба таври возеҳ нишон дода шавад. Таҷрибаҳои таълимӣ собит менамоянд, ки истифодаи мақсадноки рангҳо дар раванди дарс, аз ҷумла дар воситаҳои аёнӣ, таҷрибаҳои лабораторӣ ва маводи дидактикӣ, метавонад шавқу рағбати хонандагонро ба омӯзиш баланд бардорад, фаъолияти зеҳнии онҳоро тақвият диҳад ва сифати азхудкунии донишҳоро беҳтар созад.

Ҳамин тавр, омӯзиши хусусиятҳои химиявӣ ва равонии рангҳо на танҳо барои рушди илм аҳаммияти калон дорад, балки дар такмили раванди таълиму тарбия низ нақши муҳим мебозад. Рангҳо воқеан, забони хоси табиат мебошанд, ки тавассути онҳо инсон муҳити атрофро дарк намуда, бо ҷаҳон робитаи маънавӣ, зеҳнӣ ва эҳсосӣ барқарор мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши онҳо барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аҳаммияти махсус дорад.

Ҷавонони даврони истиқлол, ки парчамбардор ва меросбарони тамаддуни ориёӣ ва гузаштагони бофарҳангу соҳибмаърифати миллати тоҷик мебошанд, бояд хуб донанд, ки ояндаи дурахшони ин миллату давлат маҳз ба кӯшишу ғайрат, иродаву матонат ва заҳмати бунёдгаронаи онҳо вобаста мебошад. Дар баробари ин, ҷавононро зарур аст, ки дар пешорӯи таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир зиракии сиёсиро аз даст надода, дар назди Ватан ва миллат масъулияти боз ҳам бештар ҳис намоянд ва дар ҳимояи манфиатҳои миллат ва давлати худ ҳамеша омода бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

ЛУҒАТОМӮЗӢ ДАР ДАРСИ ГЕОМЕТРИЯ

Зинур КОТЛОБАЕВ – омӯзгори математикаи МТМУ назди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Шоҳназар ЗАБИРОВ – омӯзгори математикаи мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён

Барои таълими фанни геометрия дар синфҳои 10-11 (стереометрия), махсусан, дар дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳои фаннӣ омӯзгоронро лозим меояд, ки аз адабиёти гуногуни иловагӣ истифода намоянд.

Ҳангоми тадриси ин фан мо ба хонандагон пешниҳод менамоем, ки нисбат ба ҳар як истилоҳи геометрӣ маълумоти муфассал пайдо намоянд.

Барои дуруст сарфаҳм рафтан ба мафҳумҳои геометрӣ хонанда бояд аввал забони модарии худро хуб донад, забони русиро неку омӯзад, дар ин замина, донистани алифбои юнонӣ ва лотинӣ низ ба манфиати кор мебошад.

Ба онҳо адабиёти русии муаллифаш Л. Н. Бескин, «Стереометрия» (М.1971)-ро тавсия медиҳем, ки боби VII-ро бодиққат мутолиа намоянд.

Маънои ҳар як истилоҳи геометриеро, ки то имрӯз ба хонандагон маълум буда, ё нав вомехӯранд, бо ёрии адабиёти тавсияшуда ва маслиҳатҳои устодон ҷустуҷӯ менамоянд.


Натиҷаи кори хонандагони фаъол ва устодон дар ҷамъомади иттиҳодияи методии фаннӣ таҳлилу баррасӣ мешавад. Баъди ислоҳ намудани камбудиҳои маводи омодакардашуда, ин маводро дар як гӯшаи муассиса таҳти унвони «Луғати сад истилоҳи геометрӣ» ҷойгир менамоянд.

Луғатҳо мувофиқи тартиби ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ навишта мешаванд ва ду омили муҳимро дар бар мегиранд:

1) Филологӣ (тарҷумаи мафҳум аз забони русӣ, юнонӣ, лотинӣ ё дигар забон, сохти грамматикӣ ва маънои он дар нутқи муқаррарӣ)

2) Таърихӣ (кӣ, кай ва барои чӣ ин мафҳумро дар геометрия дохил кардааст).

Баъзе истилоҳоти русӣ аз сарчашмаҳои русии охирҳои асри XVIII гирифта шудааст, ки дар луғат рақами адабиёти мазкур гузошта шудааст.



Масалан, рақами «3» маънои онро дорад, ки истилоҳ аз китоби И. Сатторов гирифта шудааст.

Луғати якчанд истилоҳи геометриро дида мебароем.

Аксиома. Юнонӣ αξίωμα

1) Тасдиқоте, ки исботро талаб намекунад, бебаҳо.

2) Ҳурмат, эътибор, обрӯ, нуфуз.

Геометрия, юнонӣ – заминченкунӣ; γεω (гео) – замин, μέτρεω (метрео) – чен мекунам.

Математика, юнонӣ (μαθημα (матема)) – дониш, хониш, илм, дар ҳолати хусусӣ илми дақиқ. Истилоҳи қадим.

Аввалин бор математик гуфта, пайравони Пифагорро меномиданд.

Пифагориҳо чор «матема»-ро медонистанд:

1) Омӯзиши ададҳо (арифметика)

2) Дар бораи мусиқӣ (гармония)
3) Дар бораи шаклҳо (геометрия)
4) Дар бораи ҷирмҳои мунир: (астрономия ё астрология)

Баъдтар ба математика тригонометрия, оптика ва дигар илмҳоро пай дар пай дохил намуданд.

Дар асрҳои миёна математикҳоро ҳатто «сеҳри сиёҳ» (чёрная магия) меномиданд.

Хотиррасон кардан бамаврид аст, ки ин мавод барои омӯзгорони ҷавон, донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва хонандагони синфҳои болоии равияи табиӣ-риёзӣ манфиатовар мебошанд.

Бо ҳамин тарз, дар гӯшаи «Луғати сад истилоҳи геометрӣ» чунин истилоҳот маънидод карда мешаванд.

1.Абсисса. Лотинӣ. Abscissa – буридашаванда. Ба маънои ҳозиразамон аз рӯи гуфти Лейбнитс тири ох дар ҳамвории координатӣ.

Амудӣ (бо франсавӣ - вертикал), русӣ – вершинний. Хати амудӣ аз боло ба поён равона буда, ба хати уфуқӣ (горизонталӣ) перпендикуляр аст.

2. Биссектриса -лотинӣ – bisectrix, маъноаш «хати ба ду қисми баробар ҷудокунанда». Яъне, биссектриса кунҷро ба ду қисми баробар ҷудо мекунад.

3. Арз – ордината. Лотинӣ, маъноаш мураттаб, ботартиб (упорядоченная)

4. Баландӣ – юнонӣ, маъноаш перпендикуляри аз қулла фаровардашуда.

5. Байза (овал) – Эллипс, юнонӣ, маъноаш норасоӣ (недостаток).

6. Буриш – юнонӣ. сечение

7. Вектор – лотинӣ. Интиқолдиҳанда, гузарононда (переносителӣ).

8. Вертикал – фаронсавӣ. Қуллавӣ, марбут ба қулла (вершинный).

9. Гипербола – юнонӣ. Дараҷаи олӣ. (Высшая степень).

10. Гиперболоид – юнонӣ. Монанд ба гипербола (подобный гиперболе).


11. Геометрия
12. Гипотенуза
13. Гомотетия
14. Горизонт
15. Градус
16. Диаметр
17. Диагонал
18. Директриса
19. Додекаэдр
20. Давра
21. Доира
22. Икосаэдр
23. Инвариант
24. Катет
25. Квадрат
26. Колленiарӣ
27. Конгруэнтӣ
28. Конус
29. Координат
30. Куб
31. Лемма
32. Масштаб
33. Математика
34. Медиана
35. Минут (дақиқа)
36. Октаэдр
37. Ордината
38. Ориентатсия (самтгирӣ)
39. Порча
40. Парабола
41. Параболоид
42. Паралакс
43. Параллелепипед
44. Параллелограмм
45. Параллел
46. Параметр
47. Периметр
48. Перпендикуляр
49. Пирамида
50. Планиметрия
51. Постулат
52. Призма
53. Проексия
54. Радиус
55. Расанда
56. Ромб
57. Сегмент
58. Секанс
59. Симметрия
60. Синус
61. Скаляр
62. Стереометрия
63. Сфера
64. Сатҳ
65. Тангенс
66. Теорема
67. Тетраэдр

68. Трапетсия
69. Тригонометрия
70. Тараф
71. Фигура
72. Фокус
73. Хорда
74. Хати рост
75. Хаткашак
76. Ҳаҷм
77. Қутб
78. Чоркунҷа
79. Экватор
80. Элемент
81. Эллипс
82. Эллипсоид
83. Кура
84. Камон
85. Расанда
86. Секунҷа
87. Паргор
88. Монандӣ
89. Ҳамворӣ
90. Масоҳат
91. Теға
92. Нуқта
93. Кунҷ
94. Силиндр
95. Марказ
96. Қулла
97. Асимптот
98. Чархзании ҷисм
99. Ченак

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ иброз медорам, ки расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва таъсис додани давлати соҳибихтиёр бузургтарин, муқаддастарин ва муҳимтарин падидаи таърихи муосири халқи тоҷик мебошад. Ин рӯйдоди беназир ҳамчун оғози таҳаввулоти бунёдӣ дар сарнавишти миллати бостонии тоҷик заминаи устувори худшиносии миллии мардуми моро фароҳам овард, ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва оғози ташаббусҳои созанда омили муттаҳидсоз гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

МУАММОИ «ИСТИҚЛОЛИЯТ»



1. Бузургтарин неъмате, ки сиву панҷ сол пеш ба даст омад. 2. Илме, ки тамоми гузаштаро бозгӯ мекунад. 3. Донистани асли худ. 4. Фахр кардан. 5. Дӯстӣ, якдигарфаҳмӣ. 6. Миллати мутамаддин. 7. Манбаъ ва махзани дониш. 8. Воҳиди маъмурӣ дар ҷануби Тоҷикистон. 9. «Осмонро набувад он ҳама ***, ки варост» (Лоиқ). 10. Яке аз ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС. 11. Муқаддасоти миллӣ. 12. Муаллифи китоби «Давлати Сомониён» 13. Баҳамоӣ, эътироф ва эҳтироми ҳамдигар, сулҳ. 14. Муродифи вожаи «раҳмат». 15. Иҷозат додан. 16. Муассиса, корхона. 17. Асари аллома Бобоҷон Ғафуров. 18. Неъмати моддӣ. 19. Қаҳрамони повести «Ривояти суғдӣ» - и С. Улуғзода. 20. Пайвандаки шартии забони тоҷикӣ. 21. Сурх, сафед, сиёҳ, 22. Акси неъмати моддӣ, ки тасвири он дар нишони миллӣ истифода шудааст. 23. Ҳаммаънои «кишвар». 24. Дар кор ва ё амале намуна шудан. 25. Ба ҳам омадан, ҳамдигарфаҳмӣ. 26. Нанг, номус. 27. Бузургтарин ҳамосасарои асрҳои 10 -11 – и форсу тоҷик. 28. Нашриёт. 29. Ноёб, нодир. 30. Сарвари корхона, муассиса. 31. Асбоби мусиқӣ. 32. Фасли сол. 33. Ҳарфи алифбои ниёгон.

Муратгиб Ҳотами ҲОМИДЗОДА